**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 159.9+37.0(075.8)

**АБДУЛЛОЕВА МЕҲРИНИСО МЕНГУЛОВНА**

# РОҲНАМОИИ ПСИХОЛОГӢ-ПЕДАГОГИИ ОИЛАИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ШАРОИТИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 19.00.07 - Психологияи педагогӣ**

**Роҳбари илмӣ:**
Юнусова Нафисахон Муродовна,
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Кӯлоб-2025**

МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА.......................................................................................4**

**ТАВСИФИ УМУМИ ТАҲҚИҚОТ.......................................................... 7**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ МУАММОҲОИ РОҲНАМОИИ ПЕДАГОГӢ-ПСИХОЛОГИИ ОИЛАИ ДОНИШҶӮЁН .......................................................................................15**

1.1. Таҳлили таҳқиқоти илмӣ роҷеъ ба оилаҳои донишҷӯён дар адабиёти психологию педагогӣ ......................................................................... 15

1.2. Муҳити иҷтимоию фарҳангии муассисаи таълимӣ ҳамчун роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён.....................................................35

1.3. Роҳёфтҳои педагогӣ ҷиҳати омӯзиши моҳият ва ташкили роҳнамоии психологию педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ........................................................................... 45

Хулосаи боби якум……………………………………………………… 64

**БОБИ 2. ТАҲҚИҚИ ЭМПИРИКИИ МУАЙЯН КАРДАНИ МОҲИЯТ ВА ЗАРУРИЯТИ ДАСТГИРИҲОИ ПСИХОЛОГИЮ ПЕДАГОГӢ БА ОИЛАИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ШАРОИТИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ...67**

2.1. Асосҳои ташкилии дастгирии психологию педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ........................................ 67

2.2. Тавсифи методҳои тадқиқотӣ ва гурӯҳчинии тадқиқот ....................... 80

2.3. Таҳлили натиҷаҳои аз таҳқиқот ба даст омада бо назардошти амсилаи барномаи роҳнамоии педагогӣ - психологии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таълимӣ……………………………………………………… 92

2.4. Ташкил ва таъмини дастгириҳои психологию педагогии оилаҳои донишҷӯён бо назардошти анъанаҳои миллӣ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ .........................................................................113

Хулосаи боби дуюм…………………………………………………….149

**ХУЛОСА ……………………………………………………………… 152**

**ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ ………………………………………………….. 158**

**ЗАМИМА………………………………………………………………. 179**

## **Ихтисораҳо**

ИҶШС- Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

МТОК- Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

УДО - Университети давлатии Осиёимиёнагӣ

ДДБ- Донишгоҳи давлатии Бохтар

ДДК- Донишгоҳи давлатии Кӯлоб

ҶТ- Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуъ.** Дастгирии психологӣ - педагогии оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар шароити кунунии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи маорифро дар бар мегирад. Солҳои охир, дар ҷаҳон тағйироти ҷиддии иҷтимоию иқтисодӣ ба амал омада истодааст, ки ба дилхоҳ соҳа накши худро мерасонад ва муноисбатҳои оилавӣ низ аз он истисно буда наметавонад. Афзоиши шумораи донишҷӯён ва берун рафтани ҷавонон аз низоми анъанавии оиладорӣ муносибати навро нисбати ба роҳ мондани ёрӣ ва дастгириҳои педагогию психологӣ инчунин иҷтимоӣ ба оилаҳои ҷавони донишҷӯёнро тақозо мекунад, ки дар навбати худ далолаткунандаи зарурати ёрии мунтазами педагогӣ ва психологӣ ба шумор меравад.

Ҳаёти донишҷӯӣ дар худ як давраи тағйироти назаррас ва мутобикшавиро дар бар мегирад ва дар ин давра ҷавонон бо мушкилоти нав, аз қабили мустақилият, зарурати худташкилкунӣ ва идоракунии вақт рӯ ба рӯ мешаванд. Дастгирии психологӣ ва ҷалби оилаҳо дар ин раванд метавонад ба мутобиқшавии донишҷӯён мусоидат кунад, сипас ба муваффақияти таълимӣ ва сатҳи некӯаҳволии онҳо, устувор нигоҳ доштани оилаи солим, таъсир расонад.

Оила, такягоҳи асосӣ барои донишҷӯ маҳсуб меёбад ва ҳамзамон ҷомеаи мутамаддин ҷомеаи солимро дар оилаи солим мебинад. Дастгирии педагогӣ дар навбати худ имкон медиҳад, ки оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар баробари нигоҳ доштани оилаи худ, ҳамзамон ба комёбиҳои назарраси таълимӣ низ ноил гарданд ва ин ноилгардиҳо аз оилаи донишҷӯён вобастагии сахт дорад, зеро агар оилаи ҷавони донишҷӯ дорои мушкилоти оилавӣ бошад, фикри донишҷӯ бештар дар мушкилоти оилавӣ андармон шуда, ба таълим аҳаммияти заруриро дода наметавонад [17].

Андешаҳои болозикр ифодакунандаи мубрамии мавзуи рисолаи илмӣ мебошанд. Ҳамзамон, таҳқиқот охири соҳаи психологияи педагогӣ нишон медиҳанд, ки ҳолати психоэмотсионалии донишҷӯён бо фазои оилавӣ алоқаи ногусастанӣ дорад. Омилҳои манфии таъсиррасон, ки онҳо дар оилаҳои ҷавони донишҷӯён ба назар мерасанд, ба монандӣ мушкилиҳои молиявӣ ва ё набудани дастгириҳои эмотсионалӣ боиси сар задани стресс ва бад гардидани комёбиҳои таълимӣ, баланд гардидани дараҷаи изтиробнокӣ ва ҳатто метавонад то ба ҳолати афсурдагӣ бурда расонанд. Дар ин асно, таъсиси хадамоти психологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ барои пешгирии ҳолатҳои арзёбӣ, ҳамзамон, барои устувор ва солим нигоҳ доштани оилаҳои ҷавони донишҷӯён тавсия мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъала хусусан дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба таври мукаммал омӯхта нашудааст. Таҳқиқи маъалаи мазкур боиси кушодани ҷанбаҳои нав ҳам барои ҷомеаи илмӣ ва ҳам кормандони амалии соҳаи маориф, сотсиологон, психологон мегардад.

Дар ин асно, ҷиҳати баррасӣ намудани муаммоҳои асосии масъалаи мазкур, таҳқиқоти муҳаққиқони психологияи педагогиро метавон ба се гурӯҳ ҷудо намуд, ба монанди:

Гурӯҳи якум, тадқиқоти муҳаққиқоне, ки бештар ба омилҳои рушду инкишофи муносибатҳои оилавӣ ва дар ин асос муайян намудани мафҳумҳои асосӣ, хусусиятҳо, намудҳо ва вазифаҳои ҷамъиятии оила бахшида шудаанд (Дорно И.В., Лисовский В.Т., Шнайдер Л.Б. ва гайра); ташкил ва мустаҳкам намудани оилаҳо (Авсиевич М.Т., Алешина Ю.А., Голод С.И., Клецтсин А.А., Коряковтсева О.А., Харчев А.Г. ва дигарон).

Гурӯҳи дуюм, чунин масъалаҳоро мавриди омӯзиш қарор дода буд: масъалаи оилаи донишҷӯён, хусусиятҳо ва проблемаҳои ҳаётии онҳо (Афанасев В., Балтсевич В.А., Бурова С.Н., Говако Б.И., Долбик-Воробей Т.А., Зубкова Т.С., Каблукова В.А., Краснокутская С.Н.,

Поспелова Т. Тимошина Н.В., Шуман С.Г. ва дигарон); ёрии психологию педагогӣ ба оила (Богданова Г.Т., Касилева В.Е., Вулфов Б.З., Гуров В.Н., Дружинин В.Н., Затсепин В.И., Рожков М.И., Шевандрин Н. И. ва дигарон), омодасозии касбӣ дар муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии донишгоҳ (Антипова Е.И., Бакшева З.К., Беспалко В.П., Бордовская Н.В., Гаджиева Н.М., Збровский Г.Е., Минзарипов Р., А.А. Реана., Л.А. Немирова., В. Шавала).

Муҳаққиқони гурӯҳи навбатӣ Газман О.С., Данилова А., Казакова Е.И., Коноваленко Н.Л., Парслоу Е., Самукина Н., Туркулетс Н., Уитлер Ҷ., Фарейтор Н.А. ва дигарон ба масъалаҳои ёриву дастгирии психологию педагогии оила машғул буданд.

Ба масъалаҳои тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ таҳқиқоти олимон-педагогҳои тоҷик: Арабов И., Раҳимов Х., Юнусова Н.М., Маҷидова Б., Давлатов М., Нарзуллоева М. Мустафоқулов Т, Исоев С., Қодиров Қ., Миралиев А.М. ва дигарон бахшида шудаанд, ки дар онҳо оила ва зиндагии оилавии халқҳои маскуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар инкишофи таърихӣ ва ҳамчун омили тараққии маънавӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ, мавриди муҳокима қарор гирифтаанд.

Ҳамин тариқ, мубрамияти рисолаи мазкур дар таъсиси хадамоти психологӣ ҷиҳати дастгирии психологию педагогию иҷтимоӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати таҳсилот, солим барпо намудани оила ва устувор нигоҳ доштани оилаҳои солим ба шумор меравад, зеро, масъалаи мазкур, барои рушди муҳити таълимӣ дар замони пуртазодди сиёсӣ бо пайомадҳои худ дар Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Таҳлили адабиёти илмӣ-психологӣ, педагогӣ, ҳамзамон натиҷаҳои як қатор таҳқиқот нишон медиҳанд, ки омӯзиши ҷанбаҳои умумии назарияай-методологии омодашавии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Аз рӯйи масъалаи зикргардида олимони мазкури соҳаи педагогика ва психологияи ватанию хориҷӣ тадқиқот гузаронидaнд: Г.А. Воронина, И.В. Дубровина, И.А. Зимная,

Ю.Н. Клюткин, Н.П. Клушина, А.К. Маркова, А.М. Митина, Ю. А. Сластенин, М. Лутфуллоев, И. Обидов, М. Иззатова, А. Миралиев, Б. Маҷидова, Н.М. Юнусова, Арабов И., Мустафоқулов Т., Назруллоева М., Исоеев С., Иброҳимов Г., О.В. Боготир Ю.Н. Галагузова, Е.С. Головина, Т.В. Горбонова, Е.Б. Кириченко, Е.П. Кузнетсова, Е.Ю. Максимова, Л.С. Пехова, А.В. Попова, О.С. Тоистева, В.СА. Черников, А.А. Хуако ва чанде дигарон.

Масоили тарбияи оилавӣ бо назардошти хусусиятҳо ва шароити миллӣ доштанаш, дар корҳои олимон И. Арабов, Қодиров Қ., Исоев С., Миралиев А.М., Г. Бочарова, А.В. Бобаян, С.В. Коретская, О.Р. Кунтс, К.Б. Семёнова, И.Б. Левитская ва дигарон инъикоси худро ёфтаанд.

Дар ҳолати асоснок кардани масоили бахшидашуда, бархе зиддиятҳо (мутақобилаҳо) ба миён омаданд, ки онҳо дар навбати худ аҳаммияти мавзуи баррасишавандаро таъмин намуданд. Вобаста ба мутақобилаҳои болозикр, чунин мешуморем, ки масоили таҳқиқот дар муайянкунонии шароити педагогию психологӣ, усулҳои педагогӣ ва воситаҳои ташаккули омодабошии педагогҳои оянда ба дастгирии иҷтимоӣ-педагогии оилаҳои ҷавон созгор мебошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти мазкур бо Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ барои солҳои 2012– 2020, 2023-2027, ва нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии ДДК ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ ва ДДБ ба номи Носири Хусрав робитаи бевосита дошта, бо мақсади мусоидат дар амалисозии он, рӯйи кор омадааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** аз ташкил ва моҳияти роҳнамоии психологию педагогии оилаҳои донишҷӯёнро дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон аз ҷиҳати назариявӣ ва озмоишӣ муайян ва асоснок намудан иборат аст.

Вобаста ба мақсад, объект ва предмети тадқиқот **вазифаҳои** зерини тадқиқот муайян гардиданд:

1. Ошкор кардани хусусиятҳои (иҷтимоию иқтисодӣ, демографӣ, иҷтимоию психологӣ, иҷтимоию педагогӣ ва ғайра) ҳаёти оилавии донишҷӯён;

2. Муайян намудани хусусиятҳои ташкили ёрии психологию педагогӣ ба оилаҳои донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

3. Муайян кардани шакл, самт ва технологияи самарабахши дастгирии психологию педагогии оилаи донишҷуён дар дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ шавад;

4. Таҳия ва санҷиши модели ташкилии дастгирии психологию педагогии оилаҳои донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон ва муайян намудани шартҳои татбиқи самараноки он;

**Объекти тадқиқот:** ташкили ёрии психологӣ ва дастгирии психологӣ-педагогии оилаҳои донишҷӯён.

**Предмети тадқиқот:** роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Фарзияи таҳқиқотӣ** ба он асос ёфтааст, ки ёриву дастгирии психологӣ ва педагогӣ барои оилаҳои донишҷӯён дар шароити донишгоҳ самаранок мегардад, агар:

- ёрӣ ва дастгириҳои педагогию психологӣ ба оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо назардошти хусусиятҳои фардӣ-психологии ба роҳ монда шавад;

- амсилаи ташкилии ёриву дастгирии психологию педагогии оилаи донишҷӯён таҳияву коркард шуда, низоми татбиқи он дар донишгоҳ муайян карда шавад;

- шаклу самтҳои самарабахши ёриву дастгирии психологию педагогии оилаҳои донишҷӯён дар донишгоҳ муайян карда шавад.

**Манбаъ ва марҳилаҳои асосии таҳқиқот**. Таҳқиқот дар чор марҳала сурат гирифт.

**Дар давраи якум (солҳои 2014 –2015) ҷустуҷӯй - назариявӣ.** Таҳлили равишҳои илмӣ-назариявии омӯзиши дастгирии психологию педагогии оилаҳои донишҷӯён гузаронида шуд; адабиёти фалсафӣ, психологию педагогӣ ва тадқиқоти илмӣ оид ба проблемаҳои ташаккул ва инкишофи оилаҳои донишҷӯён мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифтанд. Дар ин давра заминаи консептуалӣ ташаккул ёфта, фарзияи корӣ муайян гардид ва ҳамзамон вазифаҳои тадқиқот нишон дода шуда, равишҳои таҳияи амсилаи ташкилии дастгирии психологию педагогии оилаҳои донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ интихоб карда гардид.

**Дар давраи дуюм (солҳои 2015 – 2017)** омӯзиши адабиётҳои илмӣ давом ёфта, фарзияи таҳқиқот пешниҳод ва коркард шуд, ҳолатҳо ва мазмуну мундариҷаҳои асосӣ ва назариявӣ, муносибатҳои методологӣ муайян карда шуданд, мақсад ва идеяҳои консептуалӣ ташкил шуданд. Тадқиқоти дараҷаи баланд, ҳамчунин мониторинг, корҳои ташхисӣ ва озмоишӣ, интихоби гурӯҳҳои санҷишӣ ва озмоишӣ гузаронида шуданд.

**Дар давраи сеюм (солҳои 2017 - 2019) таҷрибавӣ-озмоишӣ.** Барномаҳои озмоишӣ таҳия карда шуд. Озмоиши муқарраркунанда гузаронида шуда, нишондиҳандаҳои самаранокии дастгирии психологию педагогии оилаи донишҷӯ муайян гардиданд. Амсилаи ташкилии дастгирии психологию педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳия ва санҷида шуда, маҷмуи шартҳое муайян карда шудаанд, ки ба татбиқи ин амсила мусоидат мекунанд. Шаклҳо, самтҳо ва технологияҳои самараноки дастгирии психологию педагогии оилаҳои донишҷӯён дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷорӣ гардиданд. Таҳлил, ҷамъбаст ва муқоисаи

натиҷаҳои бадастомада бо истифода аз меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои таҳияшуда гузаронида шуд.

**Дар давраи чорум (солҳои 2019 – 2022) ҷамъбастнамоӣ.** Натиҷаҳои аз корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ҳосилгардида ба низом дароварда шуда, ҷамъбаст гардиданд; мавқеъҳо ва хулосаҳои назариявӣ аниқ карда шуданд; тадқиқоти диссертатсионӣ тартиб дода шуд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** мазмунҳои умумифаслшавӣ дар бораи алоқаи умумӣ ва ба ҳам вобаста будани падидаҳою ҳодисот, дар бораи фаъолият ҳамчун тарзи худамалкунонии инсон дар меҳнат, дар бораи инсондӯстии раванди таълим хизмат намуданд.

Асосҳои методологӣ инҳо буданд: муносибатҳои системавӣ - сохторӣ ҳамчун усули умумишаклии тадқиқот (В.Г. Афанасев, Б.Г. Ананев, М.С. Каган, Б.Ф. Ломов, Э.Г. Юдин ва ғайраҳо); муносибати аксиологӣ, имкондиҳанда барои омӯхтани инсон дар суръати худрушдкунонии вай, ки инсонро ҳамчун арзиши баланди ҷомеа ва худмақсаднокии рушди ҷомеа дида мебарояд (А.А. Деркач, Е.Н. Шиянов ва ғайра); муносибати шахсӣ муайян кардашуда, ки тибқи раванди ташаккулёбии омодабошии касбии мутахассисони оянда бояд ба рушдёбӣ ва худрушдёбии хусусиятҳои хоси шахсии фард равона карда шавад. (В.В. Сериков, Е.В. Бондаревская., И.С.Якиманская ва дигарон).

**Нововарии илмии натиҷаҳои таҳқиқот.** Нововарии таҳқиқот ва хулосаҳои муаллиф дар нуқтаҳои зерин таҷассуми худро ёфтаанд:

- дар мураттаб ва ҳалли масъалаи асосноккунии илмӣ, ташкил ва мазмуни дастгирии психологию педагогии оилаҳои донишҷӯён дар муҳити донишгоҳ мебошад, ки мутобиқи он хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ, демографӣ, иҷтимоию психологӣ ва мушкилоти оилаи донишҷӯён муайян ва омӯзонида мешаванд;

- таҳияи модели ташкилии дастгирии психологию педагогии оилаҳои донишҷӯён дар муассисаҳои олӣ, аз ҷумла муассисаҳои расмии

идоракунӣ, худидоракунӣ, муассисаҳои ёрирасон ва муайян намудани шартҳои татбиқи он;

- муайян намудани шаклу самтҳои самарабахши ёрии психологию педагогии оилаҳои донишҷӯён, аз ҷумла кори маҳфили оилавӣ, ки ба ташхис, машварат, тарбияи оилаҳои донишҷӯён ва ғайра нигаронида шудааст;

- корҳои санҷишиву озмоишӣ гузаронида шуда, аз онҳо натиҷагирӣ карда шудааст.

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Дар асоси махсусияти фаъолияти оилавии донишҷӯён, вазъияти молиявии онҳо (набудани маблағи муайян барои таъмини оила), муносибатҳои дохилиоилавӣ (хусусиятҳои фардӣ-психологии ҳар як аъзои оила, аз нигоҳи психологӣ бо ҳам мувофиқ омадан ва ё баръакси он, тақсимоти дурусти ухдадориҳои оилавӣ, тарзи тарбияи зан ва ё шавҳар), тарзи муошитари зан ва шавҳар (ба роҳ монда натавонистани муошитари дурусту созанда бо оила, омӯзгорон, ҳамсабақон, коллективи кории худ ва ғ.) тарзи муносибатҳои оилавии оилаҳои ҷавони донишҷӯён инъикоси худро меёбад.

2. Ба роҳ мондани амсилаи ёрӣ ва дастгириҳои психологию педагогӣ ба оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар шароити кунунӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аз ҳамкории судманди воҳидҳои сохтории муассисаи таълимӣ вобастагии амиқ дорад. Ин далолат аз он мекунад, ки қарорҳои дахлдор аз ҷониби воҳидҳои дахлдори муассисаи таълимӣ ҷиҳати бо хобгоҳ таъмин намудани оилаҳои ҷавони донишҷӯён, муҳайё сохтани шароитҳои лозима ва ташкилу роҳандозӣ намудани ёриву дастгириҳои психологию педагогӣ бо оилаҳои ҷавони донишҷӯён бо мақсади бартараф намудани мушкилоти психологие,ки дар муносибатҳои оилавии онҳо ба вуҷуд омадааст.

3. Шаклҳои самаранок, самтҳо ва технологияҳои ёриву дастгирии психологию педагогӣ дар асоси равиши байнисоҳавӣ, аз ҷумла таҳқиқот дар соҳаи педагогика, педагогикаи мактаби олӣ ва психологияи оилавӣ ба миён оварда мешаванд. Яке аз шаклҳои самараноки ташкили ёриву дастгирии психологию педагогӣ маҳфили оилавӣ мебошад, ки дар доираи худидоракунии донишҷӯён ташкил карда шудааст, ки ба ташхис, машварат, тарбияи ҳамсарони донишҷӯ, гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ, фароғатӣ, варзишӣ ва фароғатӣ-варзишӣ, инчунин ҳамчун ба ҳайси заминаи ташкилии татбиқи амсилаи таълимӣ оид ба ташаккули малакаҳои махсуси педагогии никоҳӣ ва оилавии донишҷӯён, ки ба онҳо имкон медиҳад, мустақилона ҳалли масъалаҳои дохилии муоширати оилавиро ҳаллу фасл намоянд.

4. Амсилаи ташкилии ёриву дастгирии психологию педагогии оилаи донишҷӯён дар МТОК аз ҷиҳати сохторӣ субъектҳои асосии дастгириро (муассисаҳои идораи расмӣ, худидоракунӣ, ёрирасон), хусусияти робитаи байни онҳо ва самтҳои асосиро муайян намуда, фаъолият, инчунин шароити зарурӣ барои бомуваффақият амалӣ гардонидан ва хусусиятҳои ташкилотҳоро дар бар мегирад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар:**

а) асосноккунии илмии зарурият ва истифодаи анъанаҳои оилавӣ дар тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, имконият ва аҳамияти онҳо;

б) ошкор намудани нақши анъана ва урфу одатҳои оилавӣ дар тайёрии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ;

в) муаяйн ва ошкор намудани мафҳум ва мундариҷаи анъанаҳои оилавии тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ;

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** бо омӯзишу таҳкими анъанаҳои оилавӣ дар тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, бо истифодаи таҷрибаи пешқадами оилаи тоҷик дар тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, бо пешниҳод кардани фарзияҳо, тавсияҳои илмии барои тайёр

намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар асоси анъана ва урфу одатҳои оилавӣ муайян карда мешавад. Натиҷаҳои рисолаи илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд аз ҷониби падару модарон, мураббиён, омӯзгорон, донишҷӯён, кумитаҳои кор бо ҷавонон, инчунин дар навиштани корҳои илмӣ, дипломӣ, реферат ва корҳои курсӣ истифода шаванд. Дар баробари ин, хулосаҳои бадастомадаро метавон дар донишомӯзии хонандагони макотибҳои миёна, литсейҳо, коллеҷу донишгоҳ, дар донишомӯзии падару модарон оид ба масъалаҳои тайёр намудани фарзандон ба ҳаёти оилавӣ, дар донишкадаҳои такмили ихтисос, донишҷӯён, аспирантон ва дигар кормандони илм, ки ба ин мавзуъ эҳтиёҷ доранд, истифода бурд.

**Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадқиқоти бадастомада** бо такя ба принсипҳои методологии тадқиқоти илмӣ-педагогӣ муайян карда мешавад; таҳлили ҳамаҷонибаи мушкилот дар сатҳи байнисоҳавӣ; истифодаи маҷмӯи методҳои гуногуни ҷамъоварӣ ва коркарди маводи таҷрибаии ҳамдигарро пурракунанда; истифодаи методҳое, ки ба масъалаи омӯхташаванда, ҳадаф ва вазифаҳои кор мувофиқанд; муҳлати кофӣ будан ҷиҳати ҳалли вазифаҳои ба миён гузошташуда ва ба даст овардани натиҷаҳои мусбат тадқиқоти озмоишӣ.

**Мувофиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ: "Роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ ба шиносномаи тахассусии 19.00.07 - психологияи педагогӣ, ба бандҳои зерин мувофиқат мекунад**:**

Банди 1. Психологияи хонандагон дар зинаҳои гуногуни таҳсилот (томактабӣ, мактабӣ, **донишгоҳӣ)**, рушди шахсӣ ва психологии он.

Банди 6. Психологияи фаъолияти омӯзгорӣ, қонунҳои психологӣ, омилҳо ва шароитҳои барқароршавию рушди он, хусусиятҳои касбӣ-

психологии омӯзгорон (қобилият, салоҳият, тарз). Психологияи назорати омӯзгорӣ (ташхиси психологии омӯзгорӣ).

Банди 7. Шароитҳои психологии самаранокии таъсиррасонии педагогӣ.

Банди 8. Раванди таълим ҳамчун ягонагии таълим ва тарбия. Қонуниятҳо, механизмҳо, хусусиятҳо ва шароитҳои психологии самаранокии раванди тарбия.

**Татбиқи натиҷаҳои диссертатсия** тавассути иштирок дар конфронсҳои сатҳҳои гуногун, нашри мавод дар нашрияҳои илмӣ ва тадқиқотӣ гузаронида шуда, маводи тадқиқотӣ дар 17 мақолаи илмӣ, ки аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад, инъикос ёфтааст.

**Сохтори диссертатсия.** Рисола дар ҳаҷми 178 (бо замима 185) саҳифаи компютерӣ таълиф шуда, аз муқаддима, ду боб, 7 зербоб, 17 диаграмма, 3 ҷадвал, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ МУАММОҲОИ РОҲНАМОИИ ПЕДАГОГӢ-ПСИХОЛОГИИ ОИЛАИ ДОНИШҶӮЁН

## 1.1. Таҳлили таҳқиқоти илмӣ роҷеъ ба оилаҳои донишҷӯён дар адабиёти психологию педагогӣ

Тағйироти иҷтимоие, ки вақтҳои охир ба амал омадаанд, дар оилаи муосир таъсири бевоситаи худро гузошта истодаанд. Барои фаҳмидани он, ки имрӯз чӣ гуна ба оилаҳои донишҷӯён дар солҳои ташаккулёбии онҳо метавон кӯмак расонид, донистани он муҳим аст, ки дар ҳаёти онҳо чӣ рӯй медиҳад, ниёзҳо, манфиатҳо ва талаботи онҳо чӣ гуна аст. Дар назди илмҳои педагогика ва психология вазифаи дарёфт намудани роҳу усулҳои самарабахши рафъи мушкилоте, ки оилаҳои донишҷӯён ба он дучор меоянд, гузошта шудааст.

Оила дар рушд ва такомули шахсият ҳамчун муҳит баромад мекунад ва ҳамзамон яке аз системаи мураккабро дар системаи фаъолияти иҷтимоӣ ташкил хоҳад дод. Ҳамзамон, метавон ишора намуд, ки оила пойгоҳи асосии рушди хусусиятҳои ҳам мусбат ва ҳам манфии шахсият баромад хоҳад кард, яъне агар оила вазифаҳои худро дуруст дарк карда бошаду ба маҷрои дуруст равона гардад, пас метавон гуфт, ки боиси рушд ва тарбияи шахсияти комил шуда метавонад, аммо агар вазифаҳои асосии оила аз ҷониби аъзоёни он дуруст дарк карда нашаванд, барои рушди нафарони ба ҷомеа халалрасон муосидат хоҳад намуд.

Ба андешаи И.Н.Крешенко равандҳое, ки дар ҷомеаи муосир ба миён меоянд, як қатор мушкилоти марбут ба рафтори ҷавононро, ки барои шуури анъанавии омма ғайриодӣ мебошанд, нишон доданд. Вобаста ба масъалаи мавриди таҳқиқ масъалаҳои муносибати ҷавонон ба мушкилоти оилавӣ, арзишҳои он, омодагӣ ба ҳайси падару модар,

издивоҷ, ташаккули шуури ҷинсӣ дар заминаи фарҳанги оммавӣ ва талаботи ахлоқии ҷомеа барои мо хеле муҳим ва хосса мебошад [123, с.283].

Дар дилхоҳ низоми давлатдорӣ ба оила доимо таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад ва барои пешбурди ҷомеаи мутамаддин рушди онро муҳим арзёбӣ мекунанд ва дар системаи болозикр ба инобати ҷиддӣ гирифта мешавад. Ҳамин аст, ки давлат вобаста ба хусусиятҳо ва намудҳои оилаҳо пешравии ҷомеаи хешро ба роҳ мемонад. Ҳамзамон, баҳри пешгирии дигар ҳолатҳои номатлуб низ аз оилаҳо самаранок истифода мекунад, ки ин далолаткунандаи асос будани оила ва оиладорӣ мебошад. Бо ибораи дигар, яке аз самтҳои муҳимми сиёсати оила ин ёриву дастгирии давлат ба оилаҳои ҷавон мебошад, зеро маҳз ҳамин категорияи оилаҳо аз ҷиҳати қобилияти физиологии таваллуди фарзанд ба давлат «судмандтарин» ба шумор меравand [173, с.141].

Агар оиларо аз нигоҳи дигар дида бароем, пас ҷойгоҳест, ки дар он инсоният умри худро то ба рӯзи охираш ба сар мебарад. Одатан агар адабиёти соҳавии педагогӣ ва психологӣ аз ҷониби муҳаққиқон дуруст мавриди таҳлил қарор гираду ҳадафҳои педагогию психологии онҳо ҷиҳати дар амал табиқ намудани он тавсияҳои зарурӣ ба институтҳои давлатӣ пешниҳод гарданд, боиси рушди ҷомеаи солим мегардад. Таҳлили адабиёти соҳаҳои болозикр дар он аст, ки оила дорои мушкилоти гуногун аст ва тавассути ин соҳаҳо метавон оилаҳоро ба маҷрои дуруст равона сохт ва ин боиси устувор нигоҳ доштани давлат дар заминаи оилаҳои солим муяссар хоҳад гардид.

Оила аксаран ба сифати институти иҷтимоӣ ҳамчун шакли устувори муносибатҳои байни одамон, ки қисмати асосии ҳаёти рӯзмарраи одамонро дар бар мегирад (алоқаи ҷинсӣ, таваллуд ва иҷтимоикунонии ибтидоии кӯдакон, қисми зиёди нигоҳубини хонавода, нигоҳубини таълимию тиббӣ ва ғайра) баромад мекунад.

Оилаи устувору солим – ин шаҳодати давлати устувор ва ҷомеаи пешрафта мебошад.

Дар робита ба андешаҳои боло агар ба адабиёти соҳавӣ хусусан, педагогикаи иҷтимоӣ таваҷҷуҳ намоем, пас оила аз лиҳозӣ иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ чунин таърифу тавсиф ёфтааст:

– аз лиҳозӣ иҷтимоӣ – оила гурӯҳи хурди иҷтимоии одамоне мебошад, ки дар асоси риштаҳои хунӣ муттаҳид шудаанд ва аъзои онҳоро ҳаёти умумӣ, масъулияти муштараки моддию маънавӣ мепайвандад;

- аз нигоҳи ҳуқуқӣ–оила иттиҳодияи шахсони аксаран якҷоя зиндагикунанда, ки бо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафайн вобаста ба издивоҷ, хешовандӣ, фарзандхондӣ ё шакли дигари ба оила додани кӯдакон ба ҳам алоқамонданд.

Ҳамин тариқ, муҳаққиқон вобаста ба таърифи оила андешаҳои гуногуни худро пешниҳод кардаанд ва вобаста ба онҳо самти таҳқиқотии хешро муайян намудаанд. Масалан, муҳаққиқ Н.Я.Соловев оиларо чунин таъриф медиҳад: «Оила гурӯҳи (воҳидҳои) хурди иҷтимоии ҷамъият, муҳимтарин шакли ташкили ҳаёти шахсӣ мебошад, ки ба иттиҳоди зану шавҳар ва робитаҳои хешовандӣ, яъне муносибатҳои зану шавҳар, падару модар асос ёфта, фарзандон, бародарону хоҳарон ва дигар хешу табор, ки якҷоя зиндагӣ карда, хоҷагии умумиро пеш мебаранд». Одатан, "ядро"- мағзи оиларо ҷуфти издивоҷ бо иловаи фарзандон, хешовандон ва волидони ҳамсарон ба "аслӣ" ҳисоб мекунанд [183, с.451].

Агар ба таърифи оила аз рӯйи категорияҳои муносибатҳои оилавӣ назар кунем, пас дар таърифи додаи А.Г. Харчев метавон тафовутро пайдо сохт: оила «низоми мушаххаси таърихии хоси муносибатҳои байни зану шавхар, байни падару модар ва фарзандон; ҳамчун як гурӯҳи хурде, ки аъзои онҳо бо муносибатҳои издивоҷ ё хешутаборӣ, тарзи зиндагии умумӣ ва бо масъулияти маънавӣ ба ҳамдигар алоқаманд буда,

зарурати иҷтимоии онро талаботи ҷомеа ба такрористеҳсоли ҷисмонӣ ва маънавии аҳолӣ асоснок ва ё муайян мекунад» [183, с. 211].

Одатан агар ба таърифҳои болозикри муҳаққиқони соҳа назар афканем, мутаассифона ҷанбаҳои педагогию психологии оила ишора нашудаанд ва метавон илова намуд, ки таърифи умумӣ дода шудааст.

Масалан, муҳаққиқи дигар, А.И. Антонов оиларо таъриф дода, чунин ишора мекунад, ки "оила ҷамъияти одамонест, ки ба фаъолияти ягонаи оилавӣ асос ёфта, бо риштаҳои издивоҷ, падару модарӣ, хешутаборӣ алоқаманд буда, ба ин васила афзуншавии аҳолӣ ва идомаи наслҳои оилавиро амалӣ намуда, инчунин иҷтимоикунонии кӯдакон ва нигоҳ доштани мавҷудияти аъзоёни оиларо ба миён меоварад" [8, с.12]. Дар таърифи мазкур мо иҷтимоикунонии кӯдаконро мушоҳида намудем, яъне дар таърифи додаи муҳаққиқ А.И. Антонов ҷанбаҳои педагогию психологӣ дар маҷмуъ дида мешавад, аммо инро ҳам бошад, дар мадди охир ишора намудааст.

Одатан, муҳаққиқон вобаста ба оне, ки дар таҳқиқоти хеш чиро афзалият медиҳанд ва ё бо ибораи дигар, вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти хеш таърифҳои додаи онҳо ба ҳамин иртибот дорад.

Вобаста ба таърифи оила як қисмати муҳаққиқон, аз қабили Антонов А.И. ва Медков В.М. дар баробари мафҳуми оила, истилоҳи "гурӯҳи оилавӣ"-ро мавриди истифодаи умум қарор додаанд ва онро чунин таъриф медиҳанд: "ҳамчун гурӯҳи одамоне фаҳмида мешавад, ки ба хоҷагии муштарак роҳбарӣ мекунанд ва танҳо аз рӯйи хешутаборӣ ё издивоҷ муттаҳид шудаанд" [9, с.205].

Муҳаққиқони дар боло ишорашуда бештар ба таърифи умумӣ рӯ овардаанд ва дар тафовут дар монографияи муҳаққиқ Гуров В.Н. (1998) бештар ҷанбаҳои педагогию психологии оиларо метавон пайдо намуд. Олими мазкур оиларо ҳамчун офаридаи беназири иҷтимоии инсоният таъриф медиҳад, аз нигоҳи психологӣ ишора мекунад, ки оила ҷойгоҳест,

ки аввалин муоширати байни одамон сурат мегирад ва ба ин васила рушду такомули шахсият оғоз меёбад.

Андешаҳои муҳаққиқ Гуров В.Н.-ро идома дода, метавон чунин ишора намуд, ки аввалин меҳру муҳаббат, дастгириҳои психологию иҷтимоӣ, ҳиссиётҳову эмотсияҳои мусбати инсонӣ ва аввалин фаъолияти инсонӣ дар доираи оила сурат мегирад [58, с.27].

Вобаста ба андешаҳои ишорагардида, зарурати ишораи аломатҳои оила низ мушоҳида мегардад. Агар аз ниҳоди иҷтимоӣ ба аломатҳои оила назар кунем, пас он дар танзими муносибатҳои байни зану шавҳар, падару модар, фарзандон ва дигар хешу таборони дуру наздик мехобад.

Дар масъалаи мазкур ишораи Қонуни ҶТ "Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак" меҳвари асосии онро ташкил медиҳад.

Қонуни мазкур далолаткунандаи он мебошад, ки давлату Ҳукумат баҳри ҷомеаи солим, ки меҳвари асосии онро оилаи солим ташкил медиҳад, саъю кӯшишҳои саривақтиро иҷро карда истодааст, яъне қонуни мазкур ҳам ҷанбаҳои педагогӣ ва ҳам ҷанбаи психологии оиларо таҷассум мекунад. Барои тақвияти андешаҳо мехостам фаҳмиш ва ё бо ибораи дигар, нуқтаи назари психологи амрикои В. Сатирро қайд намудан лозим аст.

Сатир В. дар фаҳмиши оила, бештар ба ҷанбаҳо ва ё ба маънои дигар, вазифаҳои психологию педагогии оиларо дар мадди аввал қарор додааст ва онҳо чунинанд [172, с.145]:

- мақсади оила (тарбияи насли наврас ва ташаккули минбаъдаи тамоми аъзоёни он);
- унсурҳои асосӣ (кӯдакон, калонсолон, мардон ва занон);
- тартиби фаъолияти оила (қоидаҳое, ки оила худ онро тартиб додааст ва аз рӯйи он аъзоёни оила зиндагиро роҳандозӣ мекунанд);
- намуди муоширати байни аъзоёни он ва хусусиятҳои худбаҳодиҳии онҳо;

- нерумандӣ (ба ғизо, об, ҳаво, фаъолият ва мавқеи ҳаёти аъзоёни оила дар якҷоягӣ бо ҳамдигар таъмин карда мешавад);
- муносибат бо олами беруна (муносибат ба дигаргуниҳое, ки дар ҳаёт ба амал меоянд).

Ҳамзамон, муҳаққиқи болозикр оиларо вобаста ба ҷанбаҳои ишорашуда пӯшида ва кушода ҷудо мекунад ва оилаи пӯшида оилаҳое, ки мутаассифона номувофиқ ҳастанду ишораҳои болозикр дар онҳо дида намешаванд ва ҳамзамон, унсурҳои асосии оила риоя намегарданд. Оилаи кушода бошад, дар рушди шахсияти ҳар як аъзо оила нақши худро дорад ва онро баҳри пешрафти оила ба сомон мерасонад. Мувофиқи андешаи Сатир В. агар унсурҳои болозикр риоя ва дар муҳити оилавӣ татбиқ гарданд, пас ин далолаткунандаи оилаи солим буда, барои рушди ҳар як аъзои оила ва расидан ба мақсадҳо ва дарёфти мақсади зиндагиву мавқеи муайяни иҷтимоӣ мусоидат хоҳад намуд.

Ҳақиқатан ҳам, ишораи побарҷост, зеро унсурҳои педагогию психологии болозикр дарёфти маънои зиндагӣ ва ҳаловат бурдан аз зиндагии рӯзмарра мегардад. Пас ҷанбаҳои педагогию психологӣ дар рушди оилаи солиму устувор нигоҳ доштани он нақши ҳалкунандаро доранд ва мебозанд.

Таҳлили таҳқиқоти Крешенко И.Н., Сизоненко З.Л., Соловева Н.Я., Харчева А.Г., Антонова А.И., Гурова В.Н., Сатир В. оид ба фаҳмиш ва дарки оила ба мо имкон дод, ки ба хулосае оянд, ки типологияи оиларо таҳлилу баррасӣ кардан лозим ва зарур аст.

Масъалаи тасниф, типологияи оилаҳо, аз як тараф, хеле муҳим аст, зеро мавҷудияти чунин таснифот барои шахс дар оилаҳои бешумор пайдо кардани «намуди худро» осонтар мекунад, то дар ташкили таҷрибаи дар ташкили зиндагӣ, аз рӯйи қиёс бо онҳо, барои бомуваффақият ҳал кардани масъалаҳои худ имконият фароҳам меорад, ки аз ҷониби дигар хеле мураккаб аст. То ҳол як типологияи нисбатан дақиқу равшане аз тарафи умум эътирофшудаи шахсият вуҷуд надорад

ва оила як ташаккули боз ҳам мураккабтар аст, зеро он на танҳо якчанд фардҳои гуногунро муттаҳид менамояд, балки шаклҳо, низоми алоқа ва муносибатҳои гуногунро истифода мебарад. Аз ин рӯ, то ҳол дар бораи типологияи қатъии оила ба таври куллӣ ҳарф задан мумкин нест, аммо таснифоти аввал ё ба ҳар сурат кӯшишҳои фарқ кардани оила дар илми муосири оилавӣ аллакай рӯйи кор омадаанд.

Ба андешаи В.И. Затсепин оилаҳо дар асоси меъёрҳои зерин тафовут доранд:

1. Аз рӯйи таҷрибаи издивоҷи зану шавҳар инҳо ҷудо мешаванд: оилаҳои навхонадорон; оилаҳои ҷавон; оилаҳое, ки кӯдакро интизоранд; оилаҳои синни миёнаи издивоҷ; оилаҳои синну соли никоҳи калонсол; ҷуфти пиронсолон.

2. Аз рӯйи шумораи фарзандон оилаҳо ба чунин гурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд: бефарзанд (ё безурёт), якфарзанд, хурд ва калон.

3. Аз рӯйи ҳайати оила чунин тафовутҳо гузошта мешаванд: оилаи нопурра; оилаи ҷудогона, оддӣ (ё ядроӣ); оилаи мураккаб онро (инчунин оилаи васеъ меноманд); оилаи калон.

4. Вобаста ба намуди сарварӣ ва роҳбарии оила ду намуди асосии оилаҳо ҷудо карда мешаванд**:** оилаи баробарҳуқуқ (баробар) ва оилаи худкома.

5. Аз ҷиҳати таркиби иҷтимоӣ оилаҳоро ба намудҳои якхела ва гуногун ҷудо мекунанд.

6. Оилаҳоро аз рӯйи сифати муносибатҳо ба оилаҳои обод, хушбахт, устувор, мушкил, ихтилофӣ, аз ҷиҳати иҷтимоӣ камбизоат ва оилаҳои номуташаккил ҷудо мекунанд.

8. Аз рӯйи намуди рафтор чунин намудҳои оилаҳоро фарқ мекунанд: оилаҳои дорои ғаразҳи ҷисмонӣ, оилаҳои зиёӣ ва навъи оилаи омехта.

9. Оилаҳоро аз рӯйи шароити зиндагиашон ба намудҳои дур ва оилаҳои донишҷӯён ҷудо мекунанд.

Муҳит ҳамчун салоҳияти дуюми оила баромад мекунад ва дар зери мафҳуми мазкур вазъи зиндагӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, муносибати оила бо ҳамсояҳо ва умуман дар ҷомеа, таъсири гурӯҳи референти «оилаи серфарзанд» (бобокалону модаркалон ва хешовандони наздик), ҷиҳатҳои устувор ва заифии таъсири он ба оила дар назар дошта шудааст.

Салоҳияти сеюми низоми оиларо фаъолияти аъзоёни оила ва ё бо ибораи дигар, дар маҷмуъ фаъолияти оила ташкил медиҳад. Дар зери мафҳуми он, пеш аз ҳама, фаъолияти аъзоёни оилае, ки ба он банд ҳастанд, яъне машғул шудан ба фаъолияте, ки зидди меъёрҳои қабулгардидаи ҷамъиятӣ баромад намекунанд, ҳамзамон нақшҳои ҳар як аъзоёни оила дар алоҳидагӣ ва дар ҳамбастагӣ дониста мешавад.

Як қисмати фаъолияти оиларо метавон муносибати тарафайни аъзоёни оила бо дигар оилаҳо ва дигар институтҳои давлатӣ номид. Дигар институтҳои давлатӣ гуфта, мо бештар муассисаҳои таълимиро дар назар дорем ва ишораи Қонуни ҶТ “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак” айни муддао ва мувофиқи мақсад ба шумор меравад. Зеро аллакай як қисмати фаълияти оиларо қонун ба танзим медарорад. Дар қонуни мазкур дар масъалаи муносибатҳои тарафайн байни оила (яъне падару модар ва муассисахои таълими чунин ишора шудаанд ва онҳоро дида меброем ва шарҳу эзоҳи илмӣ медиҳем.

Таърихи инкишофи оила – ҳамчун сарчашмаи низоми чоруми оиларо ташкил медиҳад. Дар зери мафҳуми мазкур метавон онро ишора намуд ва ё фаҳмид, ки таърихи оилаҳо ба оилаҳои навбунёд то чӣ андоза таъсири хешро мерасонанд.

Мусаллам аст, ки дар адабиёти соҳавӣ оилаҳои авторитарӣ, ки дар навбати худ ба зернамудҳои падаршоҳӣ, яъне патриархалӣ ва модаршоҳӣ, яъне матриархалӣ ҷудо мешаванд ва оилаҳои демократиро ҷудо мекунанд. Одатан дар давлатҳои дорои ҷомеаи мутамаддин оилаҳои намуди демократӣ бартарӣ доранд.

Дар ин радиф, муҳаққиқ Лисовский В.Т. дар маҷмӯъ оилаи демократиро ҳамчун ниҳоди асосии иҷтимоӣ арзёбӣ мекунад ва чунин андешаронӣ низ мекунад, ки дар илми сотсиология зарурати он пеш омадааст, ки дар оилаҳои чунин самтҳо бояд, пеш аз ҳама, тафовут карда шаванд, аз қабили омӯзиши таърихи оила (яъне оилаҳои классикӣ ва ё оилаҳои пешина) ва таҳлили оилаҳои муосир [137, с.12].

Ба истилоҳи таърихӣ, яъне дар доираи омӯзиши самти аввал пайдоиши оила ва рушду инкишофи минбаъдаи он дар форматсияҳои гуногуни ҷамъиятию иқтисодӣ ба назар гирифта мешавад. Самти аввал вобаста ба форматсияҳои ишорашуда муносибатҳои оилавӣ тағйир ёфта вазифаҳои педагогию психологии онҳо низ самти худро дигаргун намуданд.

Дар самти дуюм, аллакай унсурҳо, инчунин вазифаҳои педагогию психологӣ, нақши аввалиндараҷаро касб намуданд, зеро оилаи муосир бо куллӣ аз оилаҳои пешина фарқ мекунад ва дар оилаи муосир қариб, ки фарҳангҳои оиладорӣ ба ҳам омехта шуда истодаанд. Ҷаҳонишавӣ омилест, ки дар оилаи муосир нақши худро гузошт ва аллакай оилаҳои муосир чӣ гуна намуди оилаҳо ва муносибатҳои оилавиеро, ки дар худ муҳим арзёбӣ мекунанд, онро ба маҷрои зиндагӣ равона месозанд.

Чунончи ишора намуда будем, фарҳанги оиладорӣ як масъалаи рӯзмарраи оилаи муосирро ташкил медиҳад. Он урфу одатҳо ва анъанаҳои оилаи тоҷик, ки дар пешина буд ва боиси устувор нигоҳдошти оила мегардид, мутаассифона, дар оилаи муосир қариб ки дида намешавад. Оилаи муосир бештар ба фарҳанги оилаи аврупоӣ такя мекунад.

Бо ибораи дигар, оилаи муосир дар худ ҳам таркиби миқдорӣ, ҳам шумораи наслҳое, ки якҷоя зиндагӣ мекунанд, ҳам системаи мавқею нақшҳои иҷтимоӣ ва ҳам муносибатҳоро фарогир мебошад. Вобаста ба ин, таҳқиқи чунин унсурҳои сохтории оилаи муосир бартарӣ дорад: нақшҳо ва муносибатҳои зан - шавҳар, волидайн - фарзанд, волидайн -

волидайн, фарзанд-фарзанд, ҳамсар-падару модари онҳо, бобокалону модаркалон-наберагон.

Дар масъалаи мазкур муҳаққиқ В.Т. Лисовский дуруст ишора мекунанд, ки вазифаҳои оила ба сохтори оила дар оилаи муосир вобастагии ногусастанӣ доранд ва таҳқиқи муносибатҳои тарафайни зану шавҳар, падару модар бо фарзандон, муносибати ҳамсарон ва волидони онҳо, муносибати бобокалону момокалон бо набераҳоро муҳим арзёбӣ мекунад. Вобаста ба масъалаи мазкур, мебояд ишора намуд, ки аксари вазифаҳои оилавӣ дар як вақт ба якчанд муносибатҳо рост меоянд, яъне хос мебошанд.

Ба вазифаҳои асосии иҷтимоии оила В.Т. Лисовский чунин кору фаъолиятро дохил намудааст [136, с.12]:

1. Табиӣ-биологӣ (конеъ гардонидани талаботи ҷинсӣ, афзунгардонии аҳолӣ, идомаи насли инсон).

2. Хоҷагидорию иқтисодӣ (ташкили ҳаёти рӯзмарра, таъминоти оила, ғамхорӣ, кӯшишҳо ҷиҳати мустаҳкам намудани вазъи молиявии оила ва ғ.).

3. Маънавию ахлоқӣ (ташкили вақти холӣ, тарбияи фарзандон, тарбияи эстетикӣ ва ғайра).

Муҳаққиқи дигар, И.В. Гребенников вазифаҳои асосии оиларо чунин мебинад [53, с.51]:

• тазаккурӣ - репродуктивӣ (банақшадрории ҳайти оилавӣ, интихоби ҳамсар, тавлиди фарзандон, идомаи насли инсонӣ ва ғ.);

• иқтисодӣ (харидорӣ намудани таҷҳизоти оилавӣ, барқарорсозии саломатии аъзоёни оила, доштани буҷаи оилавӣ ва ғ.);

• тарбиявӣ (ташаккули шахсияти кӯдак, таъсири мунтазами тарбиявии коллективи оила ба ҳар як узви он дар тамоми давраҳои зиндагӣ, таъсири доимии кӯдакон ба волидон ва дигар аъзоёни калонсоли оила);

• коммуникативӣ (миёнаравии оила дар иртибот ба аъзои худ бо воситаҳои ахбори омма, адабиёт ва санъат, таъсири оила ба робитаҳои гуногуни аъзои он бо муҳити табиӣ ва хусусияти дарки он, ташкили муоширати дохилии оила, фароғат ва истироҳат).

Дар масъалаи вазифаҳои оила олимон андешаронихои гуногунро қобили қабул медонанд ва ба ин мисол шуда метавонад як гурӯҳ олимону муҳаққиқон Харчев А.Г., Антонов А.И., Медков В.М., Навайтис Г.Е, ки вазифаҳои оиларо ба муқаррарию ғайримуқаррарӣ ҷудо намудаанд.

Дар маҷмуъ метавон дар баробари вазифаҳои ишоранамуда ва ҷудонамудаи олимону муҳаққиқони болозикр, инчунин вазифаҳои хоси оиларо ҷудо намуд ва дар асоси таҳлили ишораҳои болозикр вазифаҳои хоси оиладро метавон ба репродуктивӣ, мавҷудият ва тарбиявӣ ҷудо намуд. Ба вазифаи якум, ки мо онро шартан репродуктивӣ ишора намудем, ин нақшаи пешакӣ кашидан дар масъалаи оиладорӣ, оилаи ояндаи худро чӣ гуна тасаввур мекунад, дохил мешавад. Одатан, вазифаи мазкур аз нигоҳи муҳаққиқони соҳаи педагогию психологӣ муҳим арзёбӣ мегардад ва метавон ишора намуд, ки пойдориву солимӣ ва устувории оилаҳои ҷавон низ аз ин вазифаи хоси оила-вазифаи репродуктивӣ бармеояд. Бо ибораи дигар, дар ин давра писар худро чӣ гуна ҳамчун шавҳар ҳис мекунад ва масъулияту қарзи шавҳарии худро чӣ гуна тасаввур мекунад ва ё духтар худро ҳамчун ҳамсари оянда чӣ гуна ҳис мекунад ва дигар масъалаҳои психологие ҳастанд, ки дар ин давра бояд азсаргузаронии психологии репродуктивӣ сурат гирад.

Агар ба таҳлили оилаҳои хушбахт назар афканем, пас мебинем ки, дар онҳо зинаи мазкур хуб роҳанозӣ гардида буд, аллакай пешакӣ худро ҳамчун шавҳар тайёр мекарданд ва барои иҷрои уҳдадориҳову масъулиятҳои шавҳарӣ кӯшиши аввалини худро мекарданд. Дар масъалаи афзунии ҷудошавии оилаҳо низ ҳамин чиз мехобад.

Вазифаи хоси дигар оила, ки нигоҳдории фарзанд ишора гардидааст, дар нақши падаршавӣ ва модаршавии оилаҳои ҷавон бештар

хос мебошад. Зинаи мазкур ва ё вазифаи мазкур идомадиҳандаи репродуктивӣ маҳсуб мешавад, яъне, агар дар марҳилаи якум тасаввури оилаи оянда худ бошад, дар зинаи навбатӣ ҳис ва қабули масъулияти падарию модаршавӣ мебошад.

Вазифаи сеюми он, ки тарбия номгузорӣ гардида буд, ин диққати ҷиддӣ додан ба таълиму тарбияи фарзандон мебошад. Чунончӣ ишора гардида буд, аллакай масъалаҳои мазкур аз ҷониби давлату Ҳукумат баррасӣ гардида истодааст. Дар Қонуни ҶТ "Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак" дар масъалаи таълиму тарбияи насли наврас на танҳо волидон, балки дигар институтҳои давлатӣ низ масъул гардидаанд.

Дар ин асно, ишораҳои муҳаққиқ Г. Навайтисро қобили қабул мешуморем, ки дар баробари вазифаҳои ишорагардида, инчунин эҳтиёҷотро низ илова мекунад ва онҳо чунинанд [154, с.204]:

- эҳтиёҷоти вобаста будан аз волидон;
- эҳтиёҷоти вобаста ба фароҳам овардан ва нигоҳ доштани шароити муайяни моддии ҳаёти оилавӣ;
- эҳтиёҷот ба наздикии ҷисмонӣ ва психологӣ.

Оила дар тарбияи шаҳрвандон, мустаҳкам нигоҳ доштани урфу одатҳои миллӣ, фарҳанг ва эҳёи дубораи бузургони тоҷику форс нақши ҳалкунандаро дорад ва бозида ҳам метавонад. Оилае, ки дар он аъзоёни оила вазифаҳои худро дуруст қабул кардаанду иҷро мекунанд, ин оила барои ҳар як аъзои худаш ҳамчун сипари психологӣ ва ё бо ибораи дигар, паноҳгоҳи психологӣ баромад мекунад, ҳар як аъзои оила метавонад, ки мушкилоти худро дар коллективи оилавӣ ҳал кунад ва дастгирии психологию эмотсионалиро дарёфт намояд. Масъалаҳои зикргардида, яъне дастгирии эмотсионалию психологӣ, боиси рушди шахсияти комил мегардад.

Чунин андеша дорем, ки агар вазифаҳои педагогию психологии оила ба таври мушаххас ҷудо мешуданд, аз манфиат холӣ набуд. Дастгириҳои эмотсионалию психологӣ, ҳамдардию ҳамҳиссиҳои

психологӣ, эҳтироми шахсияти тарафайн, аз як гиребон сар баровардан, як қисмати онро ташкил хоҳанд дод.

Дар баробари унсурҳои психологӣ дигар унсурҳо низ ба монандӣ биологию иқтисодию иҷтимоӣ низ мавҷуданд ва мо онҳоро низ муҳим арзёбӣ мекунем.

Унсури биологӣ он масъалахои муҳимми биологиеро фарогир мебошад, ки мутаассифона то ба имрӯз доир ба он таҳқиқоти зарурӣ гузаронида нашудаанд.

Унсури психологиро дар боло ишора намуда будем ва бар радифи он муҳит ва фазои солими оилавиро низ метавон илова намуд.

Унсури иқтисодиро мавҷудияти манзили истиқоматӣ, даромад ва дигар неъматҳои моддӣ ташкил хоҳад дод.

Мансубияти аъзо оила ва ё худи оила ба ягон гурӯҳи этникӣ, вазъи иҷтимоии оила, маълумоти волидон, касбу вазифаи онҳо, дараҷаи маънавии рушди он – унсурҳои иҷтимоиро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили андешаҳои олимону муҳаққиқони болозикр метавон се равандро ишора намуд: ассимилятсия, аккомодатсия ва мутобиқшавӣ мебошад.

Мутобиқшавӣ, ки раванди сеюми онро ташкил медиҳад, дар ҷустуҷӯи мувозинат байни нигоҳ доштани ҳолати муайяни устувор ба шумор меравад.

Равандҳои аккомодатсия, ассимилятсия ва мутобиқшавӣ тавсифдиҳандаи динамикии оила маҳсуб мераванд.

Дар масъалаҳои тавсифи психологию педагогии оилаҳои донишҷӯ, тавсифи психологии синнусолии онҳо дар зербоби алоҳида ба таври васеъ оварда шудааст.

Дар муносибатҳои оилавӣ чуноне, ки аз адабиёти соҳавӣ бармеояд, ҳар як зерсохтори оила дар навбати худ ба ҳар як аъзои оила талаботи мушаххасро пешниҳод мекунад.

Масъалаи мазкурро метавон чунин низ маънидод намуд: оилаи ҷавон – зернизоми оила аст ва оилаи донишҷӯён бошад, зернизоми онро ташкил медиҳанд.

Аъзои оилаҳои ҷавон барои азбарнамоии нақшҳои нави иҷтимоии ҳамсарӣ ва шавҳарӣ, устувор нигоҳ доштани оила, махфӣ нигоҳ доштани муносибатҳои оилавии дар раванд пайдошаванда, гузоштани саҳми шахсии ҳар як аъзои оила дар устувории он ва нақшаи оянда ва дурнамои оилаи худро тасаввур кардан мебошад. Оилаи ҷавон бояд донад ва тасаввури пешакӣ дар бораиояндаи оилаи худро дошта бошад.

Барои тасдиқи гуфтаҳои боло ишораҳои муҳаққиқ З.Л. Сизоненкоро [173, с.204]: ишора мекунем, ки чунин қайд намудааст: “Ба оилаҳои ҷавон равандҳои мураккаби азхудкунии нақшҳои нави иҷтимоӣ, муносибатҳои ноустувори дохилиоилавӣ, камбуди молиявӣ, гирифтани маълумот ва гузоштани қадамҳои аввалини худ дар муҳити касбӣ хос мебошанд”.

Аслан дар масъалаи таърифу тавсифи оилаи ҷавон андешарониҳои гуногуниро вохӯрдан мумкин аст. Чунончи дар адабиёти психологӣ даврабандиҳои гуногуни синнусолӣ вуҷуд дорад, аммо, мутассифона намояндагони илмҳои дигар хусусан ҳуқуқшиносон ба ин назари дигар доранд. Мақсад аз ишораҳои даврабандиҳои синнусолӣ дар он аст, ки бояд намояндагони илмҳои гуногун дар раванди таҳқиқоти хеш бояд ба дигар илмҳо бевосита такя карда бошанд. Масалан, мувофиқи қонуни ҶТ синни ҷавонӣ гуфта, то синни 35 соларо дар назар дошта шудааст. Ва ё ишораи дигарро қайд мекунем. Дар масъалаи оилаи ҷавон муҳаққиқони рус Зубкова Т.С. ва Тимошина Н.В. чунин таърифро мансуб медонанд: пас аз 3 соли издивоҷ доштани тавлиди фарзанд ва зану шавҳар синну солашон бояд аз 30 сола боло набошад. Пас дар масъалаи мафҳуми оилаи ҷавон анъана ва урфу одату фарҳангҳои миллӣ низ бояд нақш худро дошта бошанд ва таъсири мусбати худро расонанд.

Аксари муҳаққиқон давраи донишҷӯиро давраи муосоидат барои оила барпо намудан мешуморанд ва онҳо ба чунин омилҳо такя мекунанд:

- имкониятҳои васеъ барои интихоби ҳамсар (махсусан дар донишгоҳҳо, ки сохтори гендерии донишҷӯён мутавозин аст);
- умумияти бештари ҳадафҳои ҳаётӣ;
- синну соли оптималии зану шавҳар барои таваллуди кӯдак.

Омилҳои зикргардида ба ташккули оилаи солим ва устувор нигоҳ доштани оилаҳои ҷавон мусоидат хоҳад намуд.

Муҳаққиқи дигар, В.Т. Лисовский бошад, ба чунин омилҳо бартарӣ медиҳад [137, с.204]:

Тарзи зиндагӣ ва рафтори ҷавонон аз дараҷаи шароити зиндагӣ ва фазои оилавӣ ва фарҳанги оилавии онҳо вобастагӣ дорад, зеро чуноне аз натиҷаи таҳлили таҳқиқотҳо бармеояд, аксар вақт оила сарчашмаи мушкилот, бухронҳо ва монеаҳои шахсии ҷавонон гардида метавонад. Дар фаъолияти ҷавонон муоширати, муносибатҳои байнишахсӣ ва ташкили ҳаёти шахсӣ дар ҷодаи аввал қарор гирифтаанд.

Ҳамин тариқ, метавон чунин иброз намуд, ки оилаи донишҷӯён оилае ба шумор меравад, ки ҳам зан ва ҳам шавҳар дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ё миёнаи касбӣ дар шакли рӯзона таҳсили илм мекунанд ва синну солашон бошад, то 28 сола мебошад ва ҳаёти оилавиашон бошад, то 5 солро дар бар мегирад.

Дар маҷмуъ, пошхӯрии оилаҳои ҷавон харобиовар боқӣ мемонад ва зарурати он пеш омадааст, ки пешгирии масъалаи мазкур дар сатҳи ҳукуматӣ чоранадешӣ карда шавад.

Як масъалаи дигарро ташкилотҳои ҷамъиятӣ, падару модар ва раёсатҳои муассисаҳои тахсилоти олӣ ва ё миёнаи касбӣ нисбати оилаҳои ҷавон ташкил медиҳад, яъне, зарурати он пеш омадааст, ки аз ҷониби муаасисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба оилаҳои донишҷӯён бархе бартариятҳо ва дастгирии молиявию психологӣ равона

карда шавад, аз қабили: ҷудо намудани хобгоҳ, додани ёрдампулӣ, аз аҳволи онҳо хабардор гардиданд, дар рӯзҳои ид ба фарзандони онҳо туҳфа ҳадя кардан ва муҳайё кардани шароити мусоид барои зиндагӣ ва тарбияи фарзанд. Дастгириҳои номбаргардида боиси рушди оилаҳои ҷавонон ва солиму устувор нигоҳ доштани онҳо мегардад.

Дар маҷмуъ метавон мушкилоти оилаҳои ҷавонро дар алоҳида чунин қайд намуд.

**Мушкилоти молиявӣ.** Буҷаи оилавӣ, дар маҷмуъ буҷаи оилавӣ аз маош, стипендия, даромадҳои дуюмдараҷа, ёрдамуплии кӯдакон ва ёрии волидон ташкил меёбад. Дар натиҷаи таҳлили яке аз пурсишномаҳо чунин маълум шуд, ки 11% оилаҳои ҷавон бе кӯмак зиндагӣ карда наметавонанд; 20% танқисии молиявӣ мекашанд (ҳатто маблағи харидорӣ намудани маҳсулоти хӯрока ва либосаро надоранд), 21% онҳо то музди маош ва ё стипендияи навбатӣ мунтазам аз дигарон пул қарз мегиранд. Ҳатто бештари оилаҳои ҷавон камдаромад буда, тарзи ҳаёти фақиронаро мебаранд.

Модарони ҷавон қариб, ки пурра вобастаи волидон мебошанд. Дар шароити имрӯза барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён хело мураккаб ба шумор меравад.

Дар ин радиф, дар яке таҳқиқот чунин оварда шудааст, ки оилаҳои ҷавони донишҷӯён нисбате бархе мушкилотҳо дар умум шунида буданд, аммо боварӣ надоштанд, дар ҳаёт бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд.

**Мушкилоти тиббӣ.** Омода набудани оилаҳои ҷавон ба издивоҷ ва тарбияи нокифояи ҷинсӣ дар фарҳанги шаклнашудаи муносибатҳои маҳрамона ва муносибати бешууронаи ҷавонон ба рафтори тазаккурӣ - репродуктивӣ зоҳир мегардад.

Тавре зикр шуд, дар солимии оила ва устувор нигоҳ доштани он давраи репродуктивӣ нақши назаррасро дорад. Зеро набудани дастгрии эмотсиоанлӣ аз ҷониби шавҳар ба ҳамсар боиси мушкилот психологӣ гардида, он метавонад ба дигар бемориҳо бурда расонад.

Масъалаи дигар, ки мутаассифона то ба имрӯз аҳаммият дода намешавад, ин падаршавӣ ба шумор меравад. Дар замони муосир масъалаи мазкур муҳим арзёбӣ мегардад ва замони он омадааст, то дар ҳадди ақал дар донишгоҳҳо курсҳои махсус ва ё ташкилотҳои ҷамъиятӣ курсҳои махсуси падаршавиро таъсис диҳанд.

**Мушкилотҳои психологӣ.** Яке аз масълаҳоеро ташкил медиҳад, ки дар барпо намудани оилаи солим ва устувор нигоҳ доштани онҳо нақши муассири худро мегузорад. Ба онҳо метавон инчунин муносибати эмотсионалӣ, мутобиқати психологӣ, мутобиқшавии психологии ҳамсарон ва ҳамзамон мутобиқшавии ҳамсарон ба муҳитҳои нави иҷтимоӣ ва нақшҳои нави иҷтимоиро дохил намуд.

Аз рӯи таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ 44% занон (46% мардон) барои иҷрои корҳои рӯзғор имкони бештарро дорад ва танҳо 3%-и занон (ва мардон) ин имконотро дар шавҳар низ мебинанд.

Ҳамин тавр, оилаҳои ҷавон дар ҷойи аввал ҳамдигарфаҳмиву муносибати хайрхоҳона, баъдан муносибати эмотисоналию психологӣ, баъдан таъминоти моддӣ ва дар ниҳоят фарзандонро ҷойгир мекунанд. Аслан, пас аз тавлиди фарзанд муносибати оилавӣ рӯ ба тағйирот меорад, аллакай диққати асосӣ бештар ба фарзанд дода мешавад. Зери мафҳуми диққат он меҳрубониву вақтҳое, ки барои ҳамдигар ҷудо шуда буд, фаҳмида мешавад. Дар ин ҳолат муносибатҳо каме ҳам бошад, коста мегардад.

Дар баробари ин, ҳолати эмотсионалии модар бештар тағйир меёбад, ҳамзамон хароҷоти молиявӣ зиёд мегардад.

Одатан, бинобар сабаби ҷавон будани падару модар онҳо аксар вақт аз ухдаи нақшҳои иҷтимоии падару модарӣ ба хубӣ намебароянд, чӣ кор карданашонро намедонанд ва ин боиси муноқишаҳои оилавӣ мешавад. Дар ин маврид, дастгириҳои хешу табори наздик ба оилаҳои ҷавони донишҷӯ зарур аст, зеро барои нигоҳубини кӯдак тарзи муносибат бо кӯдак ва дигар ҷузъиёт нигоҳубини кӯдакро меомӯзад.

Масъалаи муҳимми дигар он аст, ки пас аз тавлиди кӯдак муносибатҳои байниҳамдигарии ҳамсарон тағйир меёбад ва аксаран онҳо ба ҳолатҳои стрессӣ тез рӯ ба рӯ мешавад ва боиси ихтилофҳои оилавӣ мегардад. Зеро онҳо, ки худ дар синни ҷавонӣ қарор доранд ва то ҳол аз ҳисоби падару модар зиндагӣ мекарданд, акнун бояд дар баробари оне, ки худашон бояд мустақилона ҳаётро пеш баранд, онҳо бояд кӯдакро тарбия намоянду нигоҳу бин намоянд, яъне масъулияти бузургро бар уҳда гиранду кӯшиши аз уҳдаи он баромаданро кунанд.

Тавсияи умумии психологон дар он аст, ки бояд муносибати эмотсионалию меҳрубонона байни ҳамсарон нигоҳ дошта шавад, зеро кӯдак инъикоскунандаи муносибати волидайн мебошад ва муносибату муоширати солими ҳамсарон боиси рушд ва инкишофи нутқ, тафаккур ва дигар равандҳои психикӣ мегардад. Кӯдакон муносибати оилавиро инъикос намуда, хамон гуна муносибатеро, ки падару модарашон дар ҳаёти рӯзмарраи хеш истифода мекарданд, қобили қабул медонад ва онро дар оянда истифода мебаранд. Зеро кӯдак ба падару модари хеш тақлид мекунад ва дар ин синну сол ӯ рафтору муносибатҳои хубу бадро намедонад. Аз лиҳози мазкур, ба оилаҳои ҷавон зарур аст, масъалаи мазкурро ба инобати ҷиддӣ гиранд, то ба психикаи кӯдак таъсири манфии хешро нарасонанд.

Дар масъалаи рушди психикии кӯдак ва вобаста будани он аз муҳити атроф, яъне аввал муҳити хонаводагӣ, падару модар ва баъдан муҳити кӯчаву мактабу донишгоҳҳо таъсири худро мерасонанд.
Чунончи мутафаккири бузурги тоҷик Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ишораи побарҷо мекунанд, “ки майнаи сари инсон ба мисли қоғази сафед аст ва падару модар ҳар он чизеро, ки мехоҳанд, ҳамон чизро менависанд”. Мутафаккир дар воқеъ дуруст қайд карданд ва далолаткунандаи он аст, ки муносибати рӯзмарраи падару модар ба психикаи кӯдак таъсири худро мерасонад ва ё метавон ишораи файласуфи англис Ҷон Локкро қайд намуд, ки психикаи навзодро ба мисли тахтаи сафед медонист.

Аз нигоҳи психологию педагогӣ бояд ҳамсарони ҷавон на пас аз тавлиди фарзанд, балки пеш аз оила барпо намудан, аллакай тарҳрезии оилаи ояндаи хешро карда бошанд. Бояд қаблан дар психикаи ҳамсарон тавлиди фарзанд тарҳрезӣ шавад. Вобаста ба ин, пас аз бордоршавии зан бояд шавҳар муносибати хешро каме ҳам бошад, диққаташро ба оилааш бештар равона кунад, зеро дар ин маврид ӯ на ба худи як модар-оилааш, балки бояд ба ду нафар ба фарзанди худ низ диққаташро равона сохта бошад.

Равона намудани муносибати дурусту хайрхоҳонаи падар ба фарзанд тавассути модар муяссар мегардад, яъне шавҳар ҳар чӣ қадаре ки дар айёми дар батни модар будани кӯдак меҳрубонӣ кунад, ҳамон қадар эмотсияҳои мусбат гирифта, ин эмотсияҳо ба фарзанд мегузарад, аниқтараш таълиму тарбияи фарзанд аз давраи репродкутивӣ оғоз мегардад. Бояд курсҳои махсуси модаршавӣ ва падаршавӣ таъсис дода шаванд.

Масъалаи дигарро пайдошавии низоъҳои оилавӣ ташкил медихад. Сухан дар бораи он меравад, ки бинобар сабаби зиёд гардидани нақшҳои иҷтимоии падару модарон, онҳо фишоровариҳо ва стрессҳоро паси сар мекунанд, муносибатҳо бад шудан мегиранд. Дар масъалаи мазкур муҳаққиқ Гришина Н.В. инро дар бурхурди нақшҳои нав ё [56, с.203] нақшҳое, ки пештар дар тахайюлоти ҳамсарон офарида гардида буд, ташкил медиҳад ва ё сабабгор мегардад ва ӯ чунин андешаронӣ мекунад, ки “низоъ падидаи дуқутбӣ (бархӯрди ду принсип) буда, дар фаъолияти тарафҳо барои рафъи зиддиятҳо зоҳир мегардад ва тарафҳоро субъекти фаъол (субъектҳо) намояндагӣ мекунанд” ва дар давоми андешаи худ муҳаққиқ низоъро боиси пешравӣ дар муносибатҳои оилавӣ низ мебинад ва низоъро ҳамчун ангезаи тағйирот дар системаи муносибатҳои оилавӣ арзёбӣ намуда, он аз аъзоёни оила як навъ вокуниши эҷодиро талаб мекунад, тавсиф медиҳад.

**Мушкилоти нақшҳои иҷтимоӣ.** Чунончи ишора шуд, ҳар як аъзои оила аз қабили мард ё зан се нақшро иҷро мекунад. Як нақши ҳозираи

худ – нақши донишҷӯ ва дуи дигар нақши дигари иловагӣ нақши падарӣ-модарӣ, нақши шавҳарӣ ва ҳамсарӣ. Дар ин ҳолат аъзоёни оила бояд донанд, ки дар баробари пайдо шудани нақшҳои нави иҷтимоӣ инчунин уҳдадориҳои нав низ ба миён меоянд ва набояд ба ҳолати стрессӣ афтида, аз нақши аввали худ, яъне аз нақши донишҷӯ фаромӯш созанд ва ё дасткашӣ кунанд ва ё онро дигар эътибори ҷиддӣ надиҳанд.

Вобаста ба масъалаҳо ва андешарониҳои боло донишҷӯро метавон чунин тавсиф дод:

Тавсифи психологӣ. Шахсияти донишҷӯ бояд интегратсияи равандҳо ва фаъолияти психикиро ташкил намуда, ҳолатҳои эмотсионалӣ ва хусусиятҳои характери донишҷӯро дар маҷмуъ тавсиф дода бошанд. Ишораҳои мазкур далолаткунандаи онанд, ки донишҷӯ бо ин гуна хусусиятҳои психологии худ метавонад дар ҷомеа мавқеи муайнро пайдо кунад ва ҳамин тариқ зиндагии хешро дар мавқеи муайяни иҷтимоӣ пеш барад.

Тавсифи иҷтимоӣ. Агар тавсифи психологӣ барои бо хусусиятҳои характери худ худро зоҳир кардан имкон диҳанд, пас дар зинаи иҷтимоӣ ин ба роҳ мондани муносибату муошират бо ҳамкурсон, омӯзгорон, рафиқон ва дигар одамон ва худро дар яке аз гурӯҳҳои иҷтимоӣ мансуб донистан ташкил медиҳад. Яъне донишҷӯ худро дар кадом гурӯҳҳои иҷтимоӣ хуб ҳис мекунад ва кӯшиши дар он гурӯҳ буданро мекунад ва ё баръакс. Агар зинаи психологӣ яъне ҷиҳатҳои манфии психологии худро надонаду онро ислоҳ накунад, метавонад радшудаи гурӯҳ бошад ва дар яке аз гурӯҳҳои иҷтимоие, ки умуман мавқеъ надоранд ва эътироф нагардидаанд, дохил шавад.

Тавсифи биологӣ. Дар ин ҷода бештар фаъолияти системаи асаб, қад, пуст, ҷусса ва намуди зоҳириро метавон ворид сохт.

Ҳамин тариқ, оилаҳои ҷавони донишҷӯро зарур аст, то ин ки ин се тавсифдиҳандаро, пеш аз ҳама, пайдо намуда, бо ин роҳ мавқеи муайяни иҷтимоиро соҳиб гарданд ва ба комёбиҳои назаррас ноил гарданд.

## 1.2. Муҳити иҷтимоию фарҳангии муассисаи таълимӣ ҳамчун роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён

Барои баррасӣ намудани муҳитҳои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва таҳсилоти олии касбӣ тасмим гирифта шуд, ки аввал дар бораи мактабҳои олии Тоҷикистон хусусан ба таърихи мухтасари таъсиси онҳо назари илмӣ намуда бошем. Дар ин асно, таърихи мухтасари мадрасаҳо, ки онҳоро аксари муҳаққиқон, хусусан файласуфон бо академия унвон карданд, дида баромадем. Дар чунин андеша қарор дорем, ки таърихи таъсиси ин гуна мадрасаҳо далолат аз фарҳанги ин гуна мадрасаҳоро мекунанд.

***Таърихи мухтасари таъсис ва рушди муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (мактабҳои олӣ) дар Тоҷикистон.*** Мактабҳои олӣ ва ё бо ибораи дигар, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар натиҷаи талаботи рушди иқтисодии ҷомеа, афзоиши аҳолӣ, рушди ҳунар ва савдою болоравии фарҳанг ва маданияти мардум ба миён омаданд.

Аввалин донишгоҳҳо дар асри XII дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафтаи Аврупои Ғарбӣ – Болония (Италия), Оксфорд ва Кембриҷ (Англия), Париж (Фаронса) пайдо шуданд.

Ба андешаи муҳаққиқони соҳаи мазкур Н.В. Бордовская ва А. Реан [189] таърихи нахустини донишгоҳҳо бо эҷодиёти мутафаккирон, ки ба рушду инкишофи фарҳанг, маданият, илм ва маориф такони нав бахшидаанд, ба монанди Р.Бэкон, Ч.Гус, А. Данте, Ч.Уинкли, Н. Коперник, Ф. Петрарка алоқамандии ногусастанӣ дорад.

Ҳамзамон, дар нимаи дуюми асри XIII дар назди донишгоҳҳо факултетҳо ё коллеҷҳо таъсис ёфта, дар онҳо ба омӯзгорон нахустин дараҷаҳои илмӣ дода шуд ва чунин зинаҳоро дошт:

- бакалавр (баъди 3-7 соли таҳсили бомуваффақият таҳти роҳбарии профессор),
- магистр;

- доктор.

Дар он давраи таърихӣ як чизи аҷиб ин буд, ки пешбурди донишгоҳ ва роҳбари онро, яъне ректори донишгоҳро ҷамъиятҳо ва факултетҳои дар якҷоягӣ муайян мекарданд. Бо мурури замон, ин гуна корҳо, яъне ин гуна ваколатҳои ҷамъиятҳо ва факултетҳо аз дасти онҳо гирифта шудаанд ва дигар қудрати муайян ва пешбурди донишгоҳҳоро дар даст надоштанд ва ин корро онҳо то асри XV идома доданду халос. Донишгоҳҳои дар солҳои аввал якчанд факултетҳо доштанд, аммо дорои ихтисосҳои муайян набуданд, балки тез-тез тағйир меёфтанд.

Агар ба луғат назар афканем, худи мафҳуми донишгоҳ аз калимаи лотинии “Universitas” гирифта шудааст ва дорои маънои маҷмуъро дорад ва бо мурури замон ба он таърифҳои гуногун дода шуд ва аллакай дар маънидод ва таърифи он низ дигаргуниҳои куллиро метавон илова намуд. Ҳамзамон, онро ҷойгоҳи донишҳои илмӣ, хирад ва маърифат ҳам меноманд. Дар воқеъ, аз аввалин таъсисёбиҳои марказҳои бузурги илмию фарҳангӣ онҳоро меноманд, зеро илм бо мақсади пешбурди фарҳанг ва ба ибораи дигар, азнавсозии фарҳангҳои замони муосир ба шумор меравад. Вобаста ба ин метавон гуфт вазифаҳои дар пешистодаи мактабҳои олӣ дар додан ва пайдо кардани донишҳои нави илмӣ, муайян ва устувор нигоҳ доштани арзишҳои фарҳангии миллию умумибашарӣ, рушди шахсияти комил ва дар заминаи онҳо тарбия намудани элитаи ҷомеа ба шумор мерафт. Маҳз муҳаққиқону мутафаккирон назарияҳои нави илмиро ба миён оварданд, ки назару ҷаҳонбинии мардумро нисбати ба ҳаёти рӯзмарра, олами атроф, кайҳон ва инсоният ба куллӣ тағйир дод.

Агар ба таърихи таъсис ва рушди мадрасаҳо дар Тоҷикистон назар афканем, пас маълум мегардад, ки тамаддуни бою ғании миллати тоҷику форс дар ҳуҷумҳои гуногун, хусусан дар ҳуҷуми хилофати араб сахт валангор ва хароб гардида, осорҳои илмиву эҷодии худро аз даст додааст. Чунончи дар заминаҳои таърихӣ ишора мешавад «…Дар замони ба сари қудрат омадани сулолаҳои тоҷику форс Бармакиён, Тоҳириёну

Сaффориён ва хусусан сулолаи Сомониён чунин донишгоҳҳо эҳё шуданд. Дар аҳди Салчуқиён, солҳои дар вазифаи вазир будани Абуалӣ Ҳасан ибни Алӣ бини Исҳоқ- Низомулмулк (1063-1092) дар як қатор шаҳрҳо: Бағдод, Нишопур, Ҳироту Балх, Марв ва ғайра бо ташаббуси ӯ мадрасаҳои сифатан нав таъсис ёфтанд, ки онҳо бо номи Низомия машҳур мебошанд. Дар мадрасаҳо ба ғайр аз Қуръони маҷид, ҳадисҳои набавӣ, инчунин, илмҳои ҳуқуқ, забон ва адабиёти араб, риёзиёт, нуҷум ва ғайра таълим дода мешуданд» [189].

Мавриди тазаккур аст, ки ин гуна мадрасаҳоро яке аз мутафаккирони бузурги немис К. Маркс академия номгузорӣ ва ишора мекунад. Ин гуна академияҳо баъдтар дар дигар шаҳрҳо, аз қабили Тошканду Самарқанду Бухорову Қуқанд низ таъсис дода мешаванд. Аҷибаш он аст, ки бо ташаббуси аҳли зиёи Бухоро ин гуна мадрасаҳо ва ё ба қавли мутафаккири немис К. Маркс ин гуна академияҳо дар Сибири Ғарбӣ таъсис дода шуданд. Ёдоварӣ аз таърих далели он аст, ки мардуми тоҷику форс дар баробари тамаддуну маданияти баланд доштанашон ҳам, тамаддунофар ва ҳамзамон дастгирикунандаи илму маърифат дар дигар миллатҳои этникӣ ба шумор меравад.

Дар баробари рӯ овардан ба аҷдодони бузурги тоҷику форс мебояд як давраи дигарро, ки боиси таъсиси ин гуна мадрасаҳо гардид, ишора намоем, ки ин ҳам бошад, давраи маҳви бесаводӣ ба шумор меравад. Тавре маълум аст, барои бартараф кардани мушкилии ба амал омада, бояд, пеш аз ҳама, мутахассисони ватанӣ тайёр карда мешуданд ва ҳамин тавр ҳам шуд ва дар солҳои 20-ум дар як қатор минтақаҳои тоҷикнишин аз ҳисоби нафарони маҳаллӣ кӯшиши тайёр кардани мутахассиони миллӣ ва ё ба қавли дигар ватанӣ пеш омад ва ҳамин тариқ, дар шаҳрҳои Самарқанд, Хуқанд, Кӯлобу Душанбе ин гуна корҳо оғоз гардиданд.

Чунончи, муҳаққиқони соҳа таъкид мекунанд, «Соли 1926 дар пойтахти ҷумҳурӣ аввалин техникуми чорсолаи муаллимтайёркунӣ таъсис ёфта, ба фаъолият шуруъ намуд. Охири соли 1924 дар шаҳри

Тошканд институти муаллимтайёркунии тоҷикӣ таъсис ёфта, аз нимаи соли 1927 ба ихтиёри Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон дода шуд. Институти муаллимтаёркунии Тошканд барои ба камол расонидани зиёиёни тоҷик накши муҳимеро бозидааст. Шоири халқии тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода, нависанда ва олими маъруфи тоҷик Сотим Улуғзода, доктори илм, профессор ва собиқ мудири кафедраи таърихи партияи ДДТ, аввалин академики Академяи илмҳои педагогии ИҶШС Мулло Эркаев, профессор В.Асрорӣ ва дигарон дастпарварони ҳамин институт мебошанд» [189].

Ҳамин тариқ, дар ин давраи таърихӣ барои бартараф кардани маҳви бесаводӣ дар маҷмуъ дар 5 сол (аз солҳои 1928 то 1933) муассисаҳои махсуси педагогӣ 14 адад зиёд гардид.

Дар масъалаи аввалин мактаби олӣ бошад, метавон чунин ишора намуд, ки «Таъсиси аввалин донишкадаи олӣ дар Тоҷикистон ба Университети давлатии Осиёимиёнагӣ (УДО) (Средниазиатский Государственный Университет) вобаста аст. Дар заминаи шуъбаи таърих, иқтисодиёт ва забони донишгоҳи номбурда, ки ба шаҳри Душанбе интиқол ёфта буд, Институти агропедагогии Тоҷикистон ташкил дода шуд. Он дорои шуъбаҳои физикию техникӣ, агробиологӣ ва ташкилӣ- педагогӣ буда, фаъолияти худро аз 1-уми сентябри соли 1931 оғоз намуд» [189].

Лозим ба ёдоварист, ки он соли 1932 номи академияи педагогӣ гирифт ва худи ҳамин сол дар шаҳри бостонии Хуҷанд институти педагогӣ таъсиси меёбад ва баъдан институти мазкур номи С.М. Киров гузошта мешавад ва пас аз ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ он пурра такмили ном мекунад ва ҳоло бошад, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров ном бурда мешавад.

Соли 1939 дар шаҳри Сталинобод ба номи Институти давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино таъсис ёфт.

Дар масъалаи рушди мактабҳои миёна ва олии касбӣ нақши муҳаққиқи бузурги ватанӣ Раҷабов Зариф Шарифович бараъло эҳсос мегардад.

Дар маҷмуъ, дар асоси таҳлили адабиёти соҳаи таъриху маориф метавон чунин хулоса намуд, ки дар ин давраи таърихӣ хусусан дар охирҳои солҳои 30-юм дар Тоҷикистони шуравӣ институтҳои педагогӣ, тиббӣ, аграрӣ, 2 институти муаллимтайёркунӣ ва ҳамзамон 29 муассисаҳои миёнаи касбии шакли техникумдошта амал менамуданд.

Нақш ва саҳми академик Б. Ғафуров дар таъсиси донишгоҳ дар Тоҷикистон бағоят калон мебошад, зеро ӯ барои таъсиси аввалин донишгоҳ дар Тоҷикистон саъю талош карда бо мактуби расмӣ ба Шурои вазирон муроҷиат мекунад ва маҳз меҳнату талошу заҳматҳои академик Б. Ғафуров буданд, ки Шурои вазирон карори хешро дар бораи ин боргоҳи бузурги маърифатӣ мебарорад.

Дар робита ба ин, чуноне ки аввалин ректори ин боргоҳи маърифт Раҷабов З. дар ин масъала ишора мекунанд “Баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ масъалаи ташкили Университет дар ҷумҳурӣ ба миён омад ва Furthermore Бобоҷон Ғафуров чун котиби якуми КМ ПК(б) Тоҷикистон борҳо ба Совети Вазирони ИҶШС муроҷиат намуд. Дар асоси ин пешниҳод моҳи марти соли 1947 Совети Вазирони ИҶШС дар хусуси ташкили Университети давлатии Тоҷикистон қарор қабул кард» [189].

Низоми таҳсилоти олиро таҳлилу баррасӣ намуда, метавон гуфт, ки марказҳои пешбари фарҳанг, маориф ва илм, чунон ки таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, донишгоҳҳо ба ҳисоб мераванд. Мафҳуми «донишгоҳ» ба таври анъанавӣ бо умумияти таълим алоқаманд буда, дар назар дорад, ки ҳар як донишгоҳ дорои симои хоси худ ва эҷоди муҳити башардӯстонаи таълимӣ, шароит барои худшиносии иҷтимоӣ, шаҳрвандӣ, касбӣ ва фардӣ мегардад. Умумӣ будани маълумоти олӣ ба он далолат менамояд, ки он бояд нақши ахлоқӣ ва тарбиявиро касб намояд.

Муҳити иҷтимоию фарҳангии донишгоҳ шарти зарурии дастгирии психологию педагогии оилаи донишҷӯён мебошад, зеро ҷавонон, сарфи назар аз вазъи оилавӣ, пеш аз ҳама донишҷӯ мебошанд. Ба ин хотир, ба андешаи мо, бояд муносибатҳои педагогиро ба мазмун ва ташкили ёрии психологию педагогии оилаҳои донишҷӯён дар шароити донишгоҳҳои олӣ таҳлилу баррасӣ намоем.

***Мухити муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ.*** Дар зерфасли мазкур муҳитҳои иҷтимоию психологӣ ва фарҳангии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро мавриди баррасӣ қарор додаем, ки барои рушди шахсияти солими аъзоёни оила ва ҳамзамон, барои барпо ва нигоҳ доштани оилаи солим ва устувор нигоҳ доштани онҳо заминаи асосиро ташкил медиҳанд. Аслан, дар адабиёти илмии соҳавӣ муҳитҳои гуногунро ҷудо мекунанд, аз қабили муҳити иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологю педагогӣ ва ғ. Мо дар таҳқиқот хеш қарор додем, то се муҳитро, ки ба назари мо дар оилаи донишҷӯён накши назаррасро мебозад, дида баромада бошем.

Зери мафҳуми муҳити иҷтимоӣ – маҷмуи шароитҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, маънавӣ ва руҳии мавҷудият ва шаклгирии фаъолияти фард ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба шумор меравад. Барои донишҷӯён муҳити иҷтимоӣ дар худ фарҳангеро, ки донишҷӯ дар он маълумот (дониш) мегирад, дар он ҷо умр ба сар мебарад ва муносибатҳои байниҳамдигаро роҳандозӣ мекунад, дар назар дорад.

Асалан муҳитҳои номбаргардида бевосита ба психикаи донишҷӯ ва фарзанди вай таъсир мерасонад, аз ин лиҳоз, дарҷ ва ишораи онро муҳим ва саривақтӣ шуморидем.

Дар зери муҳити иҷтимоӣ чунин зерсохторҳо низ мушоҳида мешаванд, аз қабили: макромуҳити иҷтимоӣ ки дар худ иқтисодиёт, институтҳои иҷтимоӣ, шуури ҷамъиятию фарҳангиро дар бар мегирад; муҳити микроиҷтимоӣ – муҳитеро, ки бевосита шахсро иҳота кардааст, дар бар мегирад (оила, фаъолияти меҳнатӣ, таълимӣ ва дигар гурӯҳҳо) ва

ниҳоят муҳити иҷтимоӣ, ки ба психикаи донишҷӯ таъсири бевосита мерасонад.

Дар ҳаёти донишҷӯ ду муҳити иҷтимоиро боз фарқ мекунанд, муҳити иҷтимоие, ки дар он ба воя расидааст, яъне таълиму тарбия гирифтааст ва муҳити доишҷӯёе, ки дар он таҳсили илм мекунад ва ҳамзамон оила пайдо кардааст. Агар муҳитҳои якуму дуюм бо ҳам наздик бошанд, пас барои донишҷӯён барпо намудани оилаи солим осонтар мегардад.

Муҳити дигар, ки барои барпо намудани оилаи солим барои донишҷӯён мусоидат мекунад ва ҳам зарур аст, ин муҳити дигари иҷтимоӣ- муҳити фарҳангӣ мебошад.

Муҳити психологӣ гуфта он муҳитеро меноманд, ки дар он маҷмӯи омилҳо ба ҳолатҳои психикӣ, эмотсияҳо, рафтор ва муносибати байниҳамии одамон дар муҳити муайяни иҷтимоию фарҳангӣ таъсир мерасонад. Аз якчанд ҷанбаҳо иборат буда, вобаста ба пасманзаре, ки фард дар он қарор дорад, тағйир ёфта метавонад ва якчанд ҷанбаҳои меҳварии муҳити психологиро ишора менамоем:

Омилҳои иҷтимоӣ. Дар ин ҷанба муносибатҳои дохилиоилавӣ, дӯстон, муассисаи таълимӣ ва коллективи донишҷӯию корӣ накши асосиро доранд. Аз ин рӯ, муносибату муоширати созанда боиси некуаҳволӣ мегардад, гарчанде ки ихтилофу муносибати шиддатнок сабаби ба вуҷуд омадани стресс ва эмотсияҳои манфӣ мебошад.

Омилҳои эмотсионалӣ. Фазои эмотсионалӣ яке аз омилҳои эмотсионалиро ташкил дода, фазои умумиро дар гурӯҳи донишҷӯён ва корӣ, ҳамзамон, дастгирию диққат додан ва ё танқидро дар худ фарогир мебошад, зеро чуноне маълум аст, фазои эмотсионалӣ ба солимии психикии донишҷӯ ва худбаҳодиҳии ҳар як аъзои оил,а яъне зану шавҳар таъсири манфӣ мерасонад. Дараҷаи дастгириҳои эмотсионалӣ, ки аз ҷониби ҳамкурсону омӯзгорони дарсдиҳандаю хешу таборон равона карда мешавад ва ё сарбориҳои таълимӣ, вазъиятҳои буҳронии оилавӣ таъсири худро барои некуаҳволии донишҷӯён мерасонад.

Дар ин ҷода муҳити ҷисмониро низ ҷудо мекунанд, ки ба он шароитҳои ҷисмонӣ, ба монанди шароити зиндагӣ, дараҷаи ғавғо, дастрасӣ ба хизматрасониҳо (масалан, мактаб, беморхона, боғчаҳо ва ғ.) бегуфтугу таъсиррасон ба ҳолати эмотсионалӣ ва сифати зиндагии оилаҳои донишҷӯён мебошад. Ҳамзамон, зебогии манзил ва атрофи ҷойи истиқомат низ боиси табъи болида мегардад.

Омилҳои шахсӣ. Тафовутҳои фардӣ, аз қабили тавсифдиҳандаҳои шахсӣ, дараҷаи берунгароӣ, устуворӣ ба стресс, зеҳни эмотсионалӣ ва худбаҳодиҳии аъзоёни оилаи донишҷӯ ба ҳамдигар таъсир расонида, муҳити психологӣ ва ё бо ибораи дигар, фазои психологии оиларо тағйир дода метавонанд. Ҳамзамон, дар баробари тавсифдиҳандаҳои шахсӣ, инчунин равандҳои когнитивии оилаи донишҷӯёнро низ ба инобат гирифтан зарур аст, яъне қобилияти ҳар як аъзои оила дар дарки маълумот, коркард намудан ва шарҳу эзоҳдиҳии он ба он вобастгӣ дорад, ки вазъияти бухрониро чӣ гуна қабул мекунад ва чӣ гуна вокунишро зоҳир мекунад.

Захираҳо ва дастгириҳо. Масъалаи мазкур хело ҳам муҳим арзёбӣ мегардад, хусусан барои нигоҳ доштан ва устувор нигоҳ доштани оилаи солими ҷавонони донишҷӯ, яъне агар дар донишгоҳҳо машварти психологии ройгон ташкил шуда бошаду оилаҳои ҷавони донишҷӯ ба он тавонанд ройгон мурочиат кунанд, бениҳоят натиҷаи хубро медиҳад. Ҳамаи ин боиси мустақилона паси сар намудани мушкилоти рӯзмарра ва стрессҳо мегардад. Ҳамзамон, барои гирифтани маълумоти пурра дар бобати солимии психикӣ, малакаҳои психологии мубориза бо стресс ва афсурдагии касбӣ муосидат хоҳад намуд.

Ҳамин тариқ, муҳити психологӣ дар худ зуҳуроти маҷмуавиро, ки дар навбати худ якчанд омилҳоро дар бар мегирад, фарогир мебошад, ки ба солимии психикии аъзоёни оилаи донишҷӯ ва некуаҳволии ҳар як аъзои оила муосидат менамояд. Дарк, фаҳмиш ва қабули таъсири ин гуна омилҳои болозикр боиси барпо намудани оилаи солим ва устувор нигоҳ доштани оилаи донишҷӯён имкони васеъро медиҳад ва барои рушди

таълимию касбӣ низ муҳим арзёбӣ мегарданд. Муҳайё ва беҳтар кардани фазои психологӣ на танҳо барои некуаҳволии фардӣ, балки инчунин динамикаи мусбат ҳам дар гурӯҳи таълимӣ, ҳам дар коллективи корӣ фароҳам хоҳад овард.

Вобаста ба ин, мебояд зикр намуд, ки дар дилхоҳ муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ин гуна муҳитҳои ишорагардида вомехӯранд ва мавҷудияти ин гуна муҳитҳоро мо низ мушоҳида мекунем. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, ки фаъолияти худро дар асоси қонунҳои ҷумҳурӣ ба роҳ мемонанд, масъалаҳои мазкур дида шудаанд. Масалан, дар моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», ки вазифаҳои асосии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ оварда шудааст мушоҳида мешавад:

- қонеъ гардонидани талаботи шахс ба рушди зеҳнӣ, фарҳангӣ ва ахлоқӣ тавассути гирифтани таҳсилоти олӣ ва (ё) касбии баъдаздонишгоҳӣ;

- рушду инкишофи мавқеи шаҳрвандӣ, қобилият ба кор ва зиндагӣ дар шароити тамаддун ва демократияи муосири донишҷӯён;

- ҳифз ва таҳкими арзишҳои ахлоқӣ, фарҳангӣ ва илмии ҷомеа;

- дар байни аҳолӣ паҳн кардани донишҳо, баланд бардоштани дараҷаи маърифатӣ ва мадании он.

Аз ин бармеояд, ки давлату ҳукумат дар масъалаҳои асосии психологию педагогии оилаҳои ҷавон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

Агар ба таърих рӯ оварем, равшан мегардад, ки масъалаи мазкур таърихи қадима дорад. Ба ин гуфтаҳо мисол шуда метавонад, Энсиклопедияи замони шуравӣ, ки соли 1977 рӯйи нашр омада буд, донишгоҳҳоро ҳамчун пешбарандаи фарҳанг ва рушди шахсияти комил арзёбӣ намудааст.

Дар «Луғати энсиклопедии шуравӣ» чунин тафсир дода шудааст: “донишгоҳ (аз лотинии universitas-маҷмуа), муассисаи таҳсилоти олие, ки

оид ба илмҳои фундаменталӣ ва дигар илмҳо, соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва фарҳанг мутахассис тайёр мекунад. Донишгоҳ, чун қоида кори илмиро низ пеш мебарад” (Луғати энсиклопедии шуравӣ, 1986).

Дигар муҳаққиқон низ ба ҳамин мазмун муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро таъриф ва маънидод мекунанд. Масалан, муҳаққиқ Ожегов С.И. донишгоҳро “як муассисаи таҳсилоти олӣ ва ҳамзамон муассисаи илмие, ки дорои кафедраҳои (факултетҳои) гуногуни табиатшиносӣ, риёзӣ ва гуманитарӣ буда, барои такмили донишҳои илмӣ ва сиёсӣ, таълимӣ дар ҳама гуна соҳа муайян шудааст”, таъриф медиҳад [189].

Дар ин асно, муҳити донишгоҳ ба оилаҳои ҷавони донишҷӯён таъсири худро мерасонад, зеро оилаҳои ҷавон ба таботи нав ба нави таълимию дигар мушкилотҳо рӯбарӯ мешаванд ва чанде аз ин омилҳо ва ё асосии онҳоро дида мебароем.

Муҳити академӣ, ки дар худ сарбориҳои таълимӣ ва дастгириҳои омӯзгоронро дар бар мегирад. Талаботи баланди академӣ, боиси фишороварихо ва азсаргузарониҳои ин гуна фишороварихо аз ҷониби доншҷӯ мегардад ва ин таъсири худро ҳолатҳои эмотсионалии ҳар як аъзои оила ва дар маҷмуъ ба муносибатҳои оилавӣ хоҳад расонид. Бо ибораи дигар, навиштани кори курсӣ, кори дипломӣ ва супоридани санҷишу имтиҳонҳо боиси азсаргузарониҳои стресс мегардад. Барои рафъи ин мушкилот муносибати хуб ва дастгириҳои эмотсионалии омӯзгорони дарсдиҳанда мусоидат карда метавонанд. Ҳамзамон, барои зуд мутобиқ шудан, комёбиҳои таълимӣ муосидат карда, барои ҳалли мушкилоти таълимӣ ва додани машваратҳои касбӣ барои мансабрасиҳо кӯмак карда метавонад.

## 1.3. Роҳёфтҳои педагогӣ ҷиҳати омӯзиши моҳият ва ташкили роҳнамоии психологию педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Ҷанбаҳо ва хусусиятҳои психологию педагогии оилаи донишҷӯён яке аз таҳқиқоти меҳварии соҳаҳои педагогика ва психологияро фарогир мебошад ва ҳамзамон, дар замони муосир бештари муҳаққиқон ба масъалаи мазкур рӯ овардаанд, зеро аз ибтидо маълум гардида буд, ки давлат ва ҷомеаи солим аз оилаи солим вобастагии амиқ дорад. Масъалаи мазкур хело васеъ буда, ҳар як ҷанба ва ё хусусияти оилаи донишҷӯён метавонад рисолаҳои алоҳидаи илмиро ташкил намуда бошад. Масалан, масъалаҳое, ки фарогири он мебошад ва дар рисолаи мазкур низ ба таври умум дида баромада шудаанд, аммо таҳқиқоти боз ҳам амиқу васеътарро тақозо дорад, инҳо психологияи падаршавӣ ва модаршавӣ, ҷанбаҳои психологии оилабарпокунӣ, хусусиятҳои психологии репродуктивии оила ва ғайра ба шумор мераванд.

Дар асоси ҷудокунии намудҳои оила, дар маҷмуъ метавон чунин намудҳои калидии онро ишора намуд. Якум, ин оилаи анъанавӣ буда, баъзан онро “ассиметрӣ” низ ном мебаранд. Дар оилаи анъанавӣ шавҳар таъминотчии оила ва ҳамзамон, бегуфтугу сарвари оила ба шумор меравад. Маҳз шавҳар мавқеи оиларо муайян мекунад ва нигоҳ медорад, доираи муошурати оиларо муйян мекунад ва дар баробари ин, қарори асосиро дар ҳалли масъалаҳои муҳимми оилавӣ мебарорад. Барои уҳдадориҳои зикргарда шавҳар аз ҳама гуна масъулият ва ухдадориҳои хонаводагӣ озод аст. Зан дар оилаи анъанавӣ ё кор намекунад ва ё кор мекунаду маоши кам мегирад ва тамоми хоҷагидорӣ ва нигоҳубонии фарзанд бар души ӯ мебошад. Маҳз аз зан тарбия ва фазои солимии оила вобастагии калон дорад.

Дар фарқият аз намуди болозикр, яъне оилаи анъанавӣ оилаи “симметрӣ”-ро низ фарқ мекунанд, ки зану шавҳар баробар мебошанд ва

тамоми мушкилот ва таъминоти хонаводагиро низ баробар тақсим мекунанд. Якҷоя хоҷагидориро пеш мебаранд, дар мувофиқа бо ҳамдигар қарорҳои дахлдори оилавиро мебароранд ва қабул мекунанд, дар масъалаи ба воя расонидани фарзандон ва дар таълиму тарбияи онҳо ухдадориҳо ва масъулияти баробарро зоҳир мекунанд. Нақш ва мавқеи ҳам зану ҳам шавҳар дар нигоҳ доштани оила ва солимии оила баробар мебошад.

Муҳаққиқ В.А. Сисенко дар маҷмуъ синнусоли оилавиро чунин табақабандӣ мекунад [173, с.141]: оилаҳои беҳад ҷавон – аз 0 то 4 сол ҳаётро ба сар бурдаанд; оилаҳои ҷавон – 5-9 соли ҳаёти оилавӣ; оилаҳои миёна – 10-19 соли оилавӣ; ва миёнасол 20 ва аз он боло соли оилавӣ.

Барои донишҷӯён, ки нав оила барпо намудаанд, ин воридшавӣ ба олами ботинии ҳамдигар, тақсимоти меҳнат ва уҳдадориҳои оилавӣ, ҳалли масъалахои хоҷагидорӣ, молиявӣ, рӯзмарра ва азбарнамоии нақшҳои нави ҳаёти нақши шавҳарӣ ва нақши ҳамсарӣ муҳим мебошад. Муҳаққиқони соҳаи психологияи муносибатҳои оилавӣ В.Мэтюза ва К. Миханович тадқиқотро бо оилаҳои хушбахт ва носолим гузаронида, 10 омили онҳоро дар оилаҳои ҷавони донишҷӯён муайян кардаанд ва маълум гардид, ки дар оилаҳои хушбахтнабуда ҳамсарон чунин рафтор мекунанд:

Дар бораи бештари масъалаҳо ва мушкилотҳо фикри ягона надоранд.

Ҳиссиёти ҳамдигарро хуб дарк намекунанд.

Суханҳое мегӯянд, ки боиси қаҳру ғазаби ҳамсар мегардад.

Аксар вақт худро шахси дӯстнадошта ҳис мекунад.

Ба ҳамдигар диққати зарурӣ намедиҳанд.

Талаботи ғайриқаноатмандиро дар масъалаи боварӣ ҳис мекунад.

Ба шахсе, ки ба ӯ боварӣ када мешавад, эҳтиёҷ дорад.

Суханҳои руҳнавоз ба ҳамдигар кам андар кам мегӯянд.

Иҷборан андешаи дигарро гузашт мекунад.

Хоҳиши меҳру муҳаббати бузургро доранд.

Вобаста ба ин, якчанд ҷанба ва хусусиятҳои оилаҳои донишҷӯёнро ба таври умум дида мебароем.

Некӯаҳволии эмотсионалӣ (стресс ва изитробнокӣ). Оилаи донишҷӯён бештар бо стрессҳои гуногун вомехӯранд, ки ин бо омехта намудани таҳсил, кор ва уҳдадориҳои оилавӣ алоқаи ногустатанӣ дорад. Уҳдадориҳои ишорагардида боиси баланд гардидани изтиробнокию стресс, ҳамзамон, азсаргузарониҳои эмотсияҳои манфӣ ва афсурдагии касбӣ гардида метавонад, пас барои рафъи ин гуна эмотсияҳои манфӣ ба онҳо дастгириҳои иҷтимоӣ-психологӣ лозим меоянд, зеро онҳо аввал, ин ки худ ҷавононанд ва дар баробари ин, оилаи нави хешро барпо намуданду ё нияти тавлиди фарзандро доранд ва ё аллакай соҳиби фарзанд гардидаанд. Бо ибораи дигар, агар донишҷӯйи одӣ ҳаёти яксамтаро ба сар барад, пас оилаи донишҷӯён аллакай ҳаёти се самтаро аз сар мегузаронад: Аз як тараф, таҳсил ва мушкилот бо он алоқаманд, аз тарафи дуюм, ёфтани ҷои кору фаъолият кардан ва мушкилотҳои ҷойи кор ва тарафи сеюми он бошад, алабатта ухдадорҳои оилавӣ, яъне нақши шавҳарӣ ва ҳамзамон, падарии хешро мардонавор ва мустақилона бояд ҳал намояд.

Дастгирии эмотсионалӣ. Дастгириҳои байниҳамдигарӣ ва якдигарфаҳмии зану шавҳар нақши аввалиндараҷаро дар бартараф кардани мушкилотҳо мебозад. Наздикии эмотсионалӣ ва бе мамоният муоширатро байни ҳамдигар кушоду равшан ба роҳ мондан, метавонанд ба монеаҳо ва мушкилот се тарафаи болозикр муосидат намоянд.

Маромнокӣ ва мақсадҳо ва ё бо ибораи дигар, мароми академӣ. Комёбиҳои таълимӣ таъсири назарраси худро ба ҳолати эмотсионалии оилаи ҷавони донишҷӯён ва муносибати оилавии онҳо мерасонад. Агар мароми баланд ба таҳсил дар аъзоёни оила дида шавад, пас ин ба мутобиқати иҷтимоию психологӣ ва комёбрасиҳо мусоидат мекунад. Дар ин ҷо мақсадҳо низ ишора гардида буд ва ҳаминро гуфтан дуруст аст, ки нақшакашии оилавӣ, гузоштан ва мондани мақсадҳо боиси устувор

нигоҳ доштани оила ва солим нигоҳ доштани он, ҳамзамон барои комёбиҳои шахсию касбию оилавию таълимӣ мусоидат хоҳад кард.

Муносибатҳои байниҳамдигарӣ ва муошират. Одатан ҷанбаи мазкур дар худ ду хусусиятро фарогир мебошад, ки якеи онро коммуникатсия ва дигарашро бошад, ихтилофҳо ва роҳҳои ҳалли он ташкил медиҳанд. Дар масъалаи муошират ҳаминро мебояд ишора намуд, ки муошırати рӯйирости байни ҳамсарон ва дигар аъзоёни оила яке аз омилҳои устувор ва солим нигоҳдории оилаҳои ҷавони донишҷӯёнро ташкил медиҳад. Муошırати созанда барои ҳалли ихтилофҳои сесамта, ки оилаи ҷавони донишҷӯ аз сар мегузаронад, аз қабили ихтилофҳои шахсӣ, корӣ ва оилавиро ҳал кардани онҳо ва паст намудани дараҷаи стресс мусоидат менамоянд.

Масалан, аз рӯйи тадқиқоти гузронидашуда, ки дар он 180 оилаҳои ҷавони донишҷӯён иштирок намуда буданд, дар 9 нафари онҳо аз 10 нафарашон душворӣ дар муошират мекашанд ва дигар мушкилотҳо чунин буданд:

- мушкилоти муошıратнамоӣ – 86,6 %;
- мушкилотҳе, ки бо кӯдакон ва тарбияи онҳо вобастагӣ дорад, - 45,7%;
- мушкилотҳо дар соҳаи шаҳвонӣ – 43,7%;
- мушкилотҳои молиявӣ – 37%;
- муносибат бо хешу таборон – 28,4;
- нобоварии ҳамсарӣ – 26,6%;
- хоҷагидории хонагӣ – 16,7%;
- таҳдидҳои ҷисмонӣ – 15,6%;
- дигар мушкилот – 8%.

Чунончи ишора намуда будем, самти дигари онро ихтилофҳо ва ҳалли онҳо ташкил менамояд. Аз рӯйи таҳлили адабиёти соҳавӣ маълум мегардад, ки омилҳои асосии ихтилофҳо дар оилаҳои донишҷӯёнро мушкилот молиявӣ, сарбориҳои таълимӣ ва норасогиҳои вакт боис гардида метавонанд. Стретагия ва ё бо ибораи дигар, роҳи ҳалли

ихтилофҳои болозикр (шахсӣ, корӣ ва оилавӣ) созиш ва ҳамкорӣ барои паст гардидани шиддати ихтилоф мувофиқи мақсад шуморида мешаванд.

Дастгирии иҷтимоӣ. Ҷанбаи мазкур дар навбати худ дастгириҳои оилавию дӯстон ва хусусияти алоқаҳои иҷтимоиро фарогир мебошад. Ҳар яке аз ин хусусиятҳоро дар алоҳидагӣ дида мебароем. Дастгириҳо аз ҷониби оила ва дӯстон, яъне дастгириҳои падару модар, хешу табор ва ёру рафиқон дар назар дошта шуда, нақши асосиро мебозанд. Дастгириҳои онҳо метавонад ҳам моддӣ, ҳам маънавӣ ва ҳам иҷтимоӣ бошанд, яъне нигоҳубини фарзанд аз ҷониби падару модар ва ё хешу табор то падару модар барои таҳсил ва кор фурсатро дошта бошанд, ифода мегардад. Самт ва хусусияти дигари ҷанбаи мазкур, ки бо номи алоқаҳои иҷтимоӣ ишора гардида буд, ин алоқаҳои ҳамкурсон ва ҳамсояҳои хобгоҳ ба ҳолати эмотсионалии донишҷӯ ва некӯаҳволии он таъсири худро мерасонанд.

Сифатҳои шахсии ҳамсарон. Устуворӣ ба стресс, қобилияти мубориза бурдан бо стрессорҳо ва мутобиқ шудан ба тағйирот муҳитҳои таълимию кори ва оилавӣ яке аз сифатҳои муҳимми шахсии ҳамсаронро ташкил медиҳад. Ҳисси ҳамдардӣ ва ҳамдигарафҳмӣ, яъне қобилияти фаҳмидан ва дастгирӣ намудани ҳамдигар дар лаҳзаҳои душвори зиндагӣ боиси устувор ва солим нигоҳдории оилаҳои ҷавони донишҷӯён мегардад.

Мувозинат байни таҳсил ва ҳаёти оилавӣ. Дар ин ҷанба хусусиятҳои «вақт-менеҷмент» ва ё бо ибораи дигар, «тақсимоти дурусти вақт» ва ё «идораи дурусти вақт» ва моҳирии аъзоёни оилаи донишҷӯ дар назар дошта шудааст. Хусусияти якум, ки таҳтуллафзан мо метавонем бо ду маъно онро қабул кунем, ба маънои идораи дурусти вақт ва ё тақсимоти дурусти вақт, барои дуруст роҳандозӣ намудан ва иҷро намудани ухдадориҳои шахсию таълимию корию оилавӣ зарур арзёбӣ мегардад. Дар воқеъ, агар аъзои оила инро дуруст ва ба маҷрои рост равона карда тавонанд, боиси паст гардидани стресси рӯзмарра ва

аз ҳама муҳим, боиси баланд гардидани самаранокии ҳам таълимию ҳам корию ҳам оилавӣ мегардад. Ба ҷанбаи мазкур бештар такя намудани оилаҳои ҷавони донишҷӯ мувофиқи мақсад шуморида мешавад. Одатан донишҷӯ фишоровариҳоро аз барои дер накардан ба дарсҳо, азсар мегузаронанд. Хусусиятҳои мазкур, яъне тақсимот ва идораи дурусту самарноки вақт аз хусусияти шахсии дигар аъзоёни оилаи ҷавон – аз моҳирии онҳо вобастагии амиқ дорад, зеро моҳирӣ боиси зуд равона намудани фаъолияти психикӣ имкони заруририро дода метавонад, ҳамзамон, моҳирӣ дар қобилияти мутобиқ шудан ба шароитҳои тағйирёбанда ва талаботи таълимӣ ва ҳаёти оилавӣ ва дар мувозинат нигоҳ доштани сарбориҳои таълимию корию оилавӣ мусоидат хоҳад кард. Аксари муҳаққиқон-психологон Баткина И.Б., Донтсова М.И., Колесова А.М. ва Куратов Н. чунин андеша доранд, ки дар тақсимоти дурусти вақт душворӣ мекашанд.

Мутобиқати психологӣ. Агар эътибор диҳем, ҳар як ҷанбаи ишорагардида дар худ ду хусусиятро фарогир мебошад ва ҷанбаи мутобқати иҷтимоӣ низ дар навбати худ аз хусусияти «мутобиқат ба накшҳои нав» ва «меъёрҳои фарҳангию иҷтимоӣ» иборат аст. Хусусияти якуми он – «мутобиқат ба нақшҳои нав» - ин маънои гузараши аз давраи наврасӣ ба давраи калони ҳаётӣ буда, ба худ накшҳои нави иҷтимоиро бар уҳда гирифтан, ба монанди донишҷӯӣ, ҳамсарӣ, волидайнӣ (падаршавӣ ва ё модаршавӣ) мутобиқати психологиро металабад ва ин боиси рушди шахсият гардида, ҳамзамон боиси пайдо гардидани малакаҳои нав ва тағйир ёфтани одатҳо мегардад. Ин ба оилаҳои донишҷӯёне, ки дур аз оилаҳои худ, яъне дур аз падару модар зиндагӣ мекунанд, душвортар мегузарад, зеро онҳо бояд мустақилона вазифаҳо ва душвориҳои рӯзмарраи зиндагиро паси сар намоянд. Оид ба хусусияти дигар, ки бо номи «меъёрҳои фарҳангию иҷтимоӣ» ишора гардида буд, ҳаминро мебояд таъкид сохт, ки таъсири меъёрҳои фарҳангию иҷтимоӣ ба рафтор ва интизориҳои аъзои оилаҳои ҷавони

донишҷӯ таъсири худро мерасонад. Дар масъалаи мутобиқати психологӣ дар поёнтар ба таври муфассал ишораҳои зарурӣ карда мешаванд.

Ҷанбаҳои репродуктивӣ (нақшагирии оила). Масъалаи ба нақшагирии оилабарпонамоӣ ва тавлиди фарзанд бояд қаблан, зершуурона тарҳрезӣ гардад, яъне донишҷӯ бояд худаш ин нақшаро тарҳрезӣ намояд, на ин ки иҷборан ӯро хонадор кунанд ва ӯ дар роҳи оилавӣ роҳгумзада шавад ва дигар чӣ кор карданашро надонад.

Хулоса, ҷанбаҳо ва хусусиятҳои психологию педагогии оилаҳои ҷавони донишҷӯ яке аз масъалаҳои меҳварии таҳсилотро ташкил дода, онҳо ба некуаҳволӣ ва комёбиҳои ҳам донишҷӯ ва ҳам борои оилаи он таъсир мерасонанд. Дарк намудани ин ҷанбаҳо ва дар амал татбиқ намудани онҳо боиси муҳайё кардани шароити мусоиди зарурӣ ба рушди шахсию касбии аъзоёни оила мусоидат менамояд.

Вобаста ба ишораҳои боло, таҳлили психологию падагогии типҳои донишҷӯён низ мувофиқи мақсад шуморида мешавад. Тадқиқоти психологӣ типҳои зерини донишҷӯёнро аз рӯйи равияи касбӣ ҷудо мекунанд:

Донишҷӯёни дорои равияи мусбати касбӣ. Ин гуна донишҷӯёнро хатми донишгоҳу донишкада нигоҳ медоранд. Дар бобати касби интихобнамудаашон маълумоти заруриро доранд ва онро мувофиқи шавқу ҳавас ва қобилиятҳояшон интихоб намудаанд, ки мувофиқат ҳам мекунанд. Дар асоси ишораҳои мазкур, ин типи донишҷӯён дар раванди таҳсил доимо фаъолии баландро зоҳир мекунанд.

Донишҷӯёни номуайян, яъне ин типи донишҷӯён то ҳол нисбати касбиояндаи хеш қарори аниқу дахлдорро набаровардаанд ва он номуайян боқӣ мондаанд. Одатан, нисбати касби интихобнамудаи худ маълумоти аниқу дақиқ надоранд ва аз ҳамин сабаб ҳам, на он қадар фаъол мебошанд.

Донишҷӯёне, ки нисбати касби хеш муносибати сард ва ё муносибати манфиро зоҳир мекунанд. Онҳоро танҳо касби эътиборнок, маоши баланд ва дигар омилҳо ҷалб мекунанду халос. Онҳо донишгоҳро

хатм мекунанд, аммо бештари ин типи донишҷӯён аз рӯйи касби худ фаъолият намекунанд, балки ба дигар фаъолият машғул мешавад ва боз аз рӯи фаъолияти интихобнамудааш маълумоти дуюм мехонад.

Дар ин ҷода ба донишҷӯён маромҳои худтарбиякунӣ, идеалҳои касбӣ, шавқу ҳавасҳо ва дарк кардани сифатҳои шахсии рушдёфта барои ноил гардидан ба мансабрасиҳою комёбиҳои таълимӣ имконоти мусоидатро фароҳам меоранд. Худтакмилдиҳии донишҷӯён низ мувофиқи мақсад шуморида мешавад, гарчанде раванди мураккаб буда, барои он шароитҳои муайян лозиманд. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд шароитҳои мазкур ташкил шуда бошанд ва риояи онҳо барои худтакмилдиҳии оилаҳои ҷавони донишҷӯён мувофиқи мақсад ба шумор меравад ва онҳо чунинанд:

- пеш аз ҳама, донишҷӯ бояд худаш зарурати худтарбиякунии касбиро ҳис кунад, эҳсос кунад, ки худтарбиякунӣ ба ӯ барои ноил гардидан ба комёбиҳои касбӣ заруранд;
- шиносоии пурра ба ихтисоси интихобнамудаи хеш.

Яъне, ҳам бояд дар бораи профессиограмма ва ҳам дар бораи психограммаи касбии хеш маълумоти аниқу дақиқро дошта бошад. Профессиограмма – ин талаботи касбӣ нисбати фаъолияти интихобнамудаи донишҷӯ мебошад, яъне фаъолияти интихобнамудааш кадом ҳуҷҷатҳои касбиро талаб мекунанд. Психограммаи фаъолият бошад, маънои хусусиятҳои психологии номзадро дорад. Яъне, донишҷӯ барои машғул шудан ба ин намуди фаъолият дорои кадом хусусиятҳои психологӣ бошад, дараҷаи инкишофи зеҳниаш чӣ қадар бошад, кадом типи шахсиятро дошта бошад, ки ба комёбиҳои касбии ин намуди фаъолият ноил мегардад.

Азхуд намудани усулҳои худтарбиякунӣ. Яъне донишҷӯён усулҳои бо хусусиятҳои психологии худ мувофиқмеомадаро бояд интихоб намоянд. Мунтазам аз болои худтарбиякунии худ назорат кардан на танҳо корҳои фардӣ, балки инчунин бояд тарзу усулҳоеро ба роҳ монд,

ки коллектив низ барои рушд ва ноил гардидан ба комёбиҳои касбӣ мусоидат намуда бошанд.

Дар асоси шароитҳои зикргардида, метавон ишора намуд, ки аъзоёни оилаи донишҷӯён барои ба таври зарурӣ ва самарабахш иҷро намудани нақшҳои донишҷӯӣ, оилавию корманд ва мувозинатро дар ин се доира нигоҳ доштан имкони хубро медиҳанд. Яъне, ин ба донишҷӯ имкон медиҳад, то ин ки мувофиқи хоҳишу мақсадҳои хеш касбро интихоб намояд ва мувофиқи хусусиятҳои психологии хеш ба касб машғул шавад ва чуноне, ки дар ин масъала олими машҳури шуравӣ С.Л. Рубинштейн бомаврид ишора мекунад: "омодагии касбии мутахассисон ҳолати субъективии шахс аст, ки ӯ худро қобилу тавоно ва омода будан ба иҷрои фаъолияти мувофиқи касбӣ меҳисобад" [61, с.197].

Масъалаи мазкур муҳим арзёбӣ гардида, маънои томро дорад, ки мутахассиси оянда аллакай бошуурона ба касбиояндаи худ шинос мешавад ва тайёр мегардад ва ҳамзамон аз рӯйи хусусиятҳои психологии хеш ба касбиояндаи худ омодагии касбӣ мебинад. Дар ин ҷода мувозинат байни ҳолати ҷисмонию равонӣ дида мешавад, ки боиси нигоҳ доштани оилаи солим мегардад. Яъне, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии ксбӣ дар масъалаи мувозинат нигоҳ доштан байни ҳолати ҷисмонию психологӣ бояд шароитҳои болозикрро муҳайё созанд, то ин ки оилаҳои доншҷӯён ин мувозинатро нигоҳ доранд ва дар заминаи он оилаҳои солиму бардавом устувор нигоҳ дошта шаванд ва ба ин васила ҷомеаи солим бунёд гардад. Синну соли донишҷӯйи даврае ба шумор меравад, ки рушди он аз муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ вобастагии амиқ дорад. Чунончи педагоги машҳури рус К.Д. Ушинский синнусоли донишҷӯиро "давраи ҳалкунанда" мешуморад. Олими дигар рус Б.Г. Ананев дар масъалаи синну соли донишҷӯ чунин ишора мекунад: "синну соли аз 17 то 25 сола аҳаммияти махсусро ҳам дар ташккули шахсият ва ҳам дар рушди касбияти мутахассис мебозад. Маҳз дар ҳамин давраи синнусолӣ шароитҳои мувофиқи субъективӣ дар ташаккули малакаҳои фаъолияти худомӯзӣ фароҳам меояд" [61, с.219].

Дар робита ба андешаҳои боло метавон қайд намуд, ки ба ин давраи синнусолӣ чунин тавсифдиҳандаҳо, аз қабили диққати устувор, тахайюлоти рушдёфта, бахотиргирии давомнок хос мебошанд.

Ташаккули шахсияти донишҷӯён, яъне мутахассисони оянда, ки бевосита дар муҳит ва шароитҳои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мегузарад, раванди мураккаб ва пурпечутобро дар бар мегирад. Барои ин ҳам омилҳои берунӣ ва ҳам омилҳои ботинии шахсии донишҷӯ нақши муассир доранд ва ҳам таъсир мегузоранд. Дар баробари ин, барои ин на танҳо сифатҳо ва хусусиятҳои доштаи донишҷӯ то давраи ба муассиса дохилшавӣ бояд рушд ва ё дар ҳамин зина нигоҳ дошта шавад, балки он бояд доимо такомул дода шавад, дигар хусусиятҳои нав, ки барои касби ояндаи интихобнамудаи донишҷӯ лозиманд, азхуд кунад, тарбия намояд ва доимо дар ҳолати рушд қарор дошта бошад.

Барои ин идеал, маромҳои ботинии шахсии донишҷӯ, мароми ноил гардидан ба комбёиҳои назарраси касбӣ муҳим арзёбӣ мегарданд. Масъалаҳои зикргардида дар он сурате муяссар мегарданд, ки агар онҳо мунтазам риоя гарданд.

Дар ин асно, тадқиқоти соҳаи психологию педагогӣ чунин муайян намуданд, ки таркиби фаъолияти донишҷӯён аз чунин унсурҳо иборат мебошанд, аз қабили: мақсадҳо – барои ноил гардидан ба натиҷаҳои мушаххаси касбӣ равона гардидаанд, воситаҳо, ки тавассути онҳо фаъолият бевосита татбиқ мегардад.

Ҳамин тариқ, ба гурӯҳи хусусиятҳои фаъолияти донишҷӯ дохил мешаванд:

- мақсад ва натиҷаҳои гуногун (омодагӣ ба фаъолияти мустақилона, азбарнамоии дониш, маҳорат ва малакаҳо, рушди сифатҳои шахсӣ ва ғ.);
- хусусиятҳои объекти омӯзиш (донишҳои илмӣ, маълумот дар бораи касби ояндаи худ);
- фаъолияти донишҷӯён дар шароитҳои барномарезишуда (барномаҳои махсуси таълимӣ ва муҳлатҳои таҳсил);

- воситаҳои махсуси фаъолият ба монанди китобҳо, таҷҳизоти лабораторӣ, моделҳои фаъолияти касбии оянда ва ғ.;

- ба фаъолияти донишҷӯён фаъолии психикӣ, шиддати баланди фаъолияти зеҳнӣ хос шуморида мешавад;

- ҳангоми фаъолият дар донишҷӯёни оиладор шиддатнокии зиёд ҳис мегардад (супоридани санҷишу имтиҳонҳо, корҳои хатмкунӣ, супоридани ҳисобот, нигоҳубини оила ва фарзанд, таъминоти он).

Бояд ишора намуд, ки ба оилаҳои донишҷӯён дар раванди таълим чунин омилҳо таъсири манфӣ мерасонанд, ки боиси ихтилофҳои дохилиоилавӣ ва монеа барои ноил гардидан ба комёбиҳои шахсию касбӣ гардида, барои устувор нигоҳ доштани оилаи солим садди роҳ мегарданд:

Номуташаккилии ботинӣ дар равандҳои психикӣ. Яъне, донишҷӯ ботинан омода нест, бо ибораи дигар, баъзе рафтор ва ё амалу ҳаракатҳои дигарон ба ӯ писанд нест, аммо зоҳиран рафторе мекунад, ки гӯё ба ӯ писанд аст, ки дар натиҷа баэътибор нагирии олами ботинӣ мегардад.

Пастшавии бахотиргирӣ. Бахотироварӣ ва суст шудани фаъолияти фикрӣ.

Гумшавии мақсад (мақсади аниқу дақиқ дигар дида намешавад). пастшавии фаъолӣ ва дараҷаи қобилияти корӣ (бинобар сабаби сарбориҳои зиёди таълимӣ).

Ариза барои қатъи таҳсил.

Аз лиҳозӣ мазкур, зарурати қайди он аст, ки раёсати муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бояд омилҳои болозикрро ба инобат гиранд ва барои ҳалли онҳо нақши худро гузоранд, зероояндаи давлату миллат, мутахассисони касбии оянда маҳз донишҷӯён ҳастанд ва барои устувор нигоҳ доштани оилаҳои донишҷӯён нақши боризро доранд.

Яке аз масъалаҳори дигари ҳалталаб, ки аз муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бармеояд, ин мутобиқшавии иҷтимоии донишҷӯён ба шумор меравад. Дар оилаҳои донишҷӯён бошад, ин раванд

мураккабтар мегузарад, зеро он мутобиқшавӣ ба муҳити нави маданӣ (шаҳр, муассисаи таълимӣ, хобгоҳ), коллективи донишҷӯён, коллективи корӣ, фаъолияти таълимию корӣ, муҳити оилавии нав (ҳамсар, шавҳар, хусур, хушдоман ва дигар хешу таборони шавҳар ва ё зан).

Мутобиқшавии иҷтимоӣ дар оилаҳои донишҷӯён дар ду намуд мегузарад: мутобиқшавии касбӣ ва мутобиқшавии иҷтимоию психологӣ.

Мутобиқшавии касбӣ гуфта, мутобиқшавии донишҷӯро ба гурӯҳи таълимӣ, шароит ва раванди таълиму фаъолияти корӣ, ташаккули маҳорату малакаи мустақилона кор карда тавонистанро дар бар мегирад, яъне агар донишҷӯи оиладор набошад, танҳо мутобиқшавӣ дар раванди таълим гузарад, ба донишҷӯи оиладор бошад, инчунин мутобиқшавии ҷойи кор низ илова мешавад.

Зери мафҳуми мутобиқшавии иҷтимоию психологӣ мутобиқшавии оилаи донишҷӯён дар ду муҳит ҳам муҳити таълимию ҳам муҳити корӣ фаҳмида мешавад, яъне мутобиқшавии онҳо ба гурӯҳҳои таълимию корӣ, ба роҳ мондани муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо ҳамкурсону ҳамкорон ва ташаккули рафтори ба худ хос дар коллективи ҳамкурсону ҳамкорон.

Тадқиқоте, ки аз ҷониби муҳаққиқон П.А. Просетский, С.М. Годнин ва дигар муҳаққиқон гузаронида шуда буд, дар оилаҳои ҷавони донишҷӯён ҳангоми мутобиқ шудан ба муҳитҳои болозикр чунин душвориҳо мушоҳида мешаванд:

- якбора иваз шудани мазмун, хаҷм ва хусусияти маводи таълимӣ ва ҳамзамон, сарбориҳои корӣ;
- омодагии кофӣ надоштан барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ. Ин омода набудан дар фаъолияти корӣ низ мушоҳида мешавад;
- нобоварӣ ва ба хусусиятҳои ҷисмонию психологии худ беш аз пеш аҳаммият додан. Ин боиси он мегардад, ки ба мушкилотҳои шахсии тахайюлотии хеш андармон шуда, дигар қудрати дар коллективи донишҷӯӣ ва корӣ муоширати озод карданро намекунад. Ҳамин тариқ,

тамоми фаъолияти психикии ин донишҷӯ танҳо ба мушкилоти психологии хеш, ки худи ӯ онҳоро пайдо кардааст, равона мегардад;

- дур шудан аз муҳити пештараи одатшуда. Яъне, аввал доираи муошırати донишҷӯ дигар нафарон буданд ва баъди дохил шудан ба муассисаи таълимӣ аллакай доираи муошират ӯ ҳам дар коллективи донишҷӯӣ ва ҳам дар коллективӣ корӣ нав мешавад;

- набудани майлҳои ботинии водоркунандаи касбӣ. Яъне донишҷӯ касбро интихоб намудааст, аммо дар раванди таълим ягон намуд ҳавасмандгардониҳо ва майлҳои водоркунанда нисбати тахассуси интихоб кардааш намебинад ва ба ҳамин васила, шавқу ҳавасаш нисбати интихоби кардааш гум мешавад ва кӯшиши интиқол ба ихтисоси дигарро мекунад.

Мутобиқшавӣ дар оилаҳои ҷавони донишҷӯён чуноне, ки дар боло ишора намуда будем, дар баробари нақшҳои нави ҳаётӣ, инчунин ду раванди дигарро дар бар мегирад, ки онҳоро ассимилятсия ва аккомодатсия меноманд. Ассимилятсия дар мутобиқшавии оилаҳои донишҷӯён маънои тағйир додани муҳит барои бомуваффақият мутобиқ шуданро дорад. Аккомодатсия бошад, дар оилаҳои донишҷӯён тағйир додани худ бо максади мутобиқ шуданро мефаҳмонад. Равандҳои зикргардида равандҳои калидӣ барои оилаҳои донишҷӯён мебошад ва бояд яке аз онҳоро интихоб намуда, вобаста ба он мутобиқати хешро амалӣ месозад.

Барои ҳамин ҳам, ба оилаҳои ҷавони донишҷӯён фаҳмонидан даркор аст, ки мутобиқшавӣ - ин маънои баҳогузории рафторҳои байниҳамдигарии худ ва ё амалу рафторҳои худро дорад, ки набояд барои зан ва ё барои шавҳар гуфта арзёбӣ ё қабул намоянд, балки онро барои оила қабул кунанд. Онҳо дигар бояд калимаи “МАН”-ро истифода накунанд, балки агар “МО” истифода шавад, ин боиси оилаи солим ва усутувор нигоҳ доштани он мегардад.

Психологоҳо В.С. Илин ва В.А. Никитин муайян намудаанд, ки самаранокии раванди таълим ва барқароркунии солимии маънавию

психологӣ ва устувор нигоҳ доштани солимии оила аз суръати мутобиқшавии оилаҳои ҷавони донишҷӯ сахт вобастагӣ доранд, яъне агар оилаҳои ҷавони донишҷӯ тез ба муҳитҳои нави иҷтимоӣ - таълимию корию оилавӣ мутобиқ шаванд, ин боиси солимии психикии аъзоёни оила ва устувор нигоҳ доштани оилаи солим мегардад [100, с.45].

Фаъолияти таълимии донишҷӯён аз чунин ҷанбаҳо ва хусусиятҳо иборат мебошнад:

Ҷанба ва хусусияти маҳдуди фаъолияти таълимӣ, ки дар худ кӯшиши соҳиб шудан ба баҳои мусбати таълимӣ, мутолиаи адабиёти асосӣ, доштани конспектҳои хуб ва ғайраҳоро фарогир мебошад.

Ҷанба ва хусусияти васеи фаъолияти таълимии донишҷӯён – ин аз ҷониби донишҷӯ ба таври аниқу дақиқ дарк кардани тахассуси интихобнамудаи худ, аҳаммияти ҷиддӣ додан ба раванди таълим, кӯшиши муоширати дурусту самарнокро ба омӯзгорон ва коллективи донишҷӯён ба роҳ мондан, иштирок намудан дар чорабиниҳои илмию фарҳангии тахассусӣ мебошанд.

Ҷанба ва хусусияти эҷодии фаъолияти таълимӣ ин аз ҷониби донишҷӯён дарки амиқи мақсадҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, мустақилӣ ҳангоми омӯзиши маводи таълимӣ иштироки фаъолона дар дарсҳои амалӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Вобаста ба ин, мебояд ишора намуд, ки ҳамаи намудҳои фаъолияти таълимӣ байни худ робитаи дутарафаро соҳибанд ва вобаста ба ин, фаъолиятҳои таълимиро ба чунин намудҳо ҷудо мекунанд; фаъолияти аудиторииии донишҷӯ, ки мавҷудияти нақша ва барномаи таълимӣ онро муайян мекунад. Ба фаъолияти аудиторииии донишҷӯ метавон машғулиятҳои назариявӣ, амалӣ, лабораторӣ, корҳои назоратӣ, семинарҳо ва кори мустақилонаи донишҷӯро ворид сохт.

Фаъоляити беруназаудитории донишҷӯ, ки одатан идомаи мантиқии машғулияти аудиторӣ маҳсуб ёфта, натиҷаи он низ аз ҷониби омӯзгор таҳлил ва мавриди арзёбӣ қарор мегирад.

Вобаста ба машғул шудан ба фаъолияти донишҷӯӣ оилаҳои ҷавони донишҷӯёнро шартан ба чунин типҳо ҷудо мекунанд:

Типи «Мутаносиб» - чунин донишҷӯ тахассусашро бошуурона ва дидаву диниста интихоб намудааст. Бисёр хуб таҳсил мекунад, дар корҳои илмӣ ва ҷамъиятӣ фаъолона иштирок менамояд. Шахсияти рушдёфта, бофарҳанг ва улфатпазир буда, ба адабиёт, санъат шавқу ҳаваси беандоза дорад. Ӯ ба ҳодисаҳои ҳаёти иҷтимоӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд ва варзишро дӯст медорад.

Типи «Донишҷӯйи касбӣ» - ин донишҷӯ низ тахассуси худро бошуурона ва дидаву диниста интихоб намудааст, чун қоида, хуб таҳсил мекунад. Дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ гоҳ-гоҳ иштирок мекунад, зеро ба фаъолияти амалӣ баъди мактаби олӣ таваҷҷуҳ дорад. Чунин донишҷӯ дар корҳои ҷамъиятӣ иштирок намуда, супоришҳоро бовиҷдонона иҷро мекунад. Аз рӯйи имконот бо варзиш машғул мешавад, ба адабиёт ва санъат майл дорад ва барои ӯ таҳсили хуб мақсади асосӣ ба шумор меравад. Ба камбудиҳо оштинопазир аст, ҳақгӯ буда, бо низом амал мекунад ва байни ҳамкурсон соҳиби эҳтиром аст.

Типи «Академик» - чунин донишҷӯ тахаассусашро мисли типҳои болозикр бошуурона ва дидаву диниста интихоб менамояд. Ӯ танҳо бо баҳои аъло таҳсил мекунад. Таваҷҷуҳ барои таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот, яъне таҳсил дар зинаи магистратураро дорад. Бештар вақти хешро ба кори илмӣ-тадқиқотӣ мебахшад ва ин баъзан бар зарари дигар машғулиятҳо шуда мемонад.

Типи «Ҷамоатчӣ» - майли беандозаи донишҷӯ буданро дорад. Ба ӯ фаъолияти ҷамъиятӣ хос аст, ки баъзан бар зарари фаъолӣ дар соҳаи илмӣ ва таълимии ӯ мешавад. Ӯ боварӣ дорад, ки ихтисосро дуруст интихоб намудааст, шавқу ҳавас ба адабиёту санъат дорад ва соҳаи истироҳату фароғатро announcement меписандад.

Типи «Дӯстдори санъат» - ин донишҷӯ чун қоида хуб таҳсил мекунад, дар корҳои илмӣ гоҳ-гоҳ иштирок мекунад, зеро шавқу ҳавасаш

ба соҳаи адабиёт ва санъат равона шудааст. Ба ӯ завқи эстетикӣ, доираи назари васеъ, фазилати амиқи бадеии рушдёфта хос аст.

Типи «Серғайрат» - донишҷӯ ихтисосашро чандон амиқ фаҳмида интихоб накардааст, вале аз рӯйи виҷдон мехонад ва ҷаҳду кӯшиши зиёд мекунад, ҳарчанд дорои қобилияти рушдёфта набошад ҳам, вале бе қарз таҳсил мекунад. Дар коллектив каммуошират аст. Шавқу ҳавасашро ба адабиёт ва санъат кам зоҳир мекунад, зеро таҳсил вақти зиёди ӯро мегирад, ба киноконсертҳо ва ҷамъомадҳои дилхушкунанда майл дорад.

Типи «Миёнаҳол» - аз рӯйи ҳар чӣ шавад, мехонад. Ҷаҳду кӯшиш намекунад ва ҳатто ба ин фикр ҳам намекунад. Принспи ӯ чунин аст: «дипломро, ки гирам, на бадтар аз дигарон кор мекунам». Дар интихоби ихтисос андеша намекунад. Андешаи ӯ чунин аст: «модом, ки дохил шудӣ, пас бояд онро ба итмом расонӣ». Ӯ кӯшиши хуб хонданро мекунад, вале аз таҳсил ҳисси қаноатмандӣ наменамояд.

Типи «Ноумед» - ин донишҷӯйи қобилиятнок ба шумор меравад, вале ихтисоси интихобшуда барояш мақбулу ҷолиб нест. Ба қавлаш модом, ки дохил шудӣ, пас онро бояд ба охир расонӣ. Кӯшиш мекунад, ки дар соҳаи саноат, варзиш ва дигар шуғлҳои дӯстдошта қаноатмандиро ҳис кунад.

Типи «Танбал» - чунин донишҷӯ одатан суст таҳсил мекунад, ҷаҳду кӯшиши кам зоҳир менамоянд. Аз худ қаноатманд буда, дар хусуси пешрафти касби ояндааш фикр намекунад. Дар корҳои илмӣ ва ҷамъиятӣ иштирок намекунад. Ҳангоми санҷишу имтиҳонҳо такя ба «мушкилкушоҳо» мекунад. Шавқу ҳаваси беандоза ба фароғату истироҳат дар ӯ мушоҳида мешавад.

Типи «Эҷодкор» - ӯ нисбат ба ҳама соҳаҳо (таҳсил, корӣ, ҷамъиятӣ, истироҳат) муносибати эҷодиро зоҳир мекунад. Машғулиятҳое, ки эҳтиёткорӣ, кӯшишу ғайрат, иҷрошавандагӣ, интизоми катъиро талаб мекунанд, ӯро ба худ ҷалб намекунанд, аз ин рӯ, таҳсилаш нобарор буда, аз рӯйи принсипи «ба ман ин писанд нест, ё писанд аст», амал мекунад. Ҳангоми кори тадқиқотӣ ҳалли мустақилонаи масъалаҳоро меҷӯяд ва

фикру андешаи шахсиятҳои обрӯманди эътирофшударо ба инобат мегирад.

Типи «Бесарусомон» - чунин донишҷӯ дар факултетҳои бонуфӯз бомуваффақият таҳсил мекунад ва ба донишҷуёни факултетҳои ихтисосашон умумӣ бо кибр менигарад. Ӯ ба сарварӣ намудан дар гурӯҳҳои таълимӣ майл дорад, муносибати беэътиноӣ ба ҳамкурсон зоҳир мекунад ва ҳамеша андешаи худро дар тафовут аз андешаи дигарон дораду майл ба ҷамоатҳои хушҳолкунанда дар ӯ бартарӣ доранд.

Дар робита ба типҳои мазкур метавон нақшҳои донишҷӯёнро, ки рафтор ва муносибат байниҳамдгарии онҳоро дар муҳити таълимӣ муайян менамояду донишҷӯён дар раванди таҳсил онро иҷро мекунанд ва онҳоро низ мухтасаран дарҷ мекунем. Ҳар як донишҷӯ дар навбати худ дар як вақт якчанд нақшҳоро иҷро мекунад, ки онҳо вобаста аз шароити таҳсил ва ҳолатҳои шахсӣ тағйир меёбанд. Ҷанбаҳои асосии нақшҳоро дида мeброем.

“Нақши академӣ”. Донишҷӯ ҳамчун шахси таълимгиранда буда нақши асосии дар азхудкунии донишу маҳорату малакаҳо арзёби мегардад. Ин иштирок дар лексияҳо, семинарҳо, иҷрои вазифаҳои хонагӣ ва тайёри ба санҷишу имтиҳонҳоро дар бар мегирад. Ҳамзамон, иштироки фаъолона дар машғулиятҳои семинарӣ ва фаъолияти таҳқиқоти ба нақши академӣ низ дохил шуда, аз донишҷӯ тафаккури танқидӣ, қобилияти таҳлил ва маҳорати кор ба маълумотро металабад.

Нақши навбатӣ нақши иҷтимоӣ буда, дар худ нақши аъзои коллектив будан ва нақши сарвариро дар бар мегирад. Донишҷӯён бо ҳамдигар дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ қарор гирифта, дар ин замина гурӯҳҳои иҷтимоию алоқаҳои иҷтимоӣ шакл мегиранд. Нақши мазкур иштирок дар лоиҳаҳои гурӯҳӣ, чорабиниҳои ҷамъиятӣ ва ташкилиҳои донишҷӯиро фарогир мебошад. Дар баробари ин, нақши сарварӣ низ ҷой дорад, ки бархе донишҷӯён, ки дар онҳо сифатҳои сарварӣ мушоҳида мешавад, аз ҷониби аъзоёни гурӯҳ нақши мазкур ба

онҳо пешкаш мегардад. Ин нақш аз донишҷӯ масъулияти муҳимро талаб намуда, сарвар бояд карори дурусту саривақтиро қабул карда тавонад ва кори гурӯҳиро идора намояд.

“Нақши эмотсионалӣ”. Дар ин ҷода донишҷӯ нақши ҳамдардӣ зоҳир карда тавонистан ва дастгириро иҷро мекунад, зеро аксари донишҷӯён стресс ва афсурдагии психологиро бинобар сабаби сарбориҳои таълимӣ, интизориҳои иҷтимоӣ ва мушкилоти шахсӣ аз сар мегузаронанд ва иҷрои нақши болозикр барои паст гардонидани ин шиддат барои ин категорияи донишҷӯён мусоидат менамояд.

Вобаста ба ин, мебояд дар бобати нақшҳои ҳамсарон ишора намуд, ки ба мутобиқшавии онҳо бевосита алоқамандӣ дорад. Сотсиологи амрикоӣ К. Киркпатрик 3 намуди асосии нақшҳои ҳамсаронро ҷудо мекунад [188]: нақшҳои анъанавӣ, рафиқона ва шарикӣ. Хусусияти якуми мутобиқшавӣ дар он ифода меёбад, ки ҳамсарон бояд яке аз нақшҳоро интихоб намоянд, яъне бояд нофаҳмиҳо дар ин масъала набошад, нашояд, ки ҳамсар ҷонибдори анъанавӣ ва шавҳар бошад, ҷонибдори нақши рафиқона бошад. Дуюм, яъне нақши рафиқона. Бояд ба ҳар як ҷанбаҳои муҳимму калон, ҳамсару шавҳар бо ҳам мувофиқат карда тавонанд. Масалан, нақшҳои анъанавӣ аз зан тавлиди фарзанд, хизматрасониҳои оилавӣ, тобеи шавқу ҳавасҳои шавҳар будан, мутобиқ шудан ва таҳаммулпазирӣ ба фаъолияти доираи маҳдудро металабад. Аз шавҳар бошад, ба таври қатъӣ садоқатмандӣ ба модари фарзандон, бехатарии иқтисодӣ ва ҳимояи оила, дастгирии ҳукумати оилавӣ ва назорат аз болои он, қабули қарорҳои асосӣ, дастгирии эмотсионалӣ ба зан ва фарзандонро талаб мекунад.

Нақшҳои рафиқона аз зан нигоҳдории зебогии худ, таъминоти дастгирии маънавӣ ва қаноатмандии шаҳвонӣ, дастгириҳои алоқаҳое, ки барои шавҳар муҳим арзёбӣ мегарданд, ҳамзамон гуногунрангии ҳаёти оилавӣ ва берункунии ҳолати зиқиро тақозо мекунад.

Дар баробари ин, аз шавҳар фахр кардан аз зани худ ва муносибати шоҳона намудан ба ӯ, меҳру муҳаббат, таъминоти моддии лозима барои зан ва ғайра тадаб карда мешавад.

Нақшҳои ҳамкорӣ, ки намуди сеюми он мебошад, аз ҳамсарон сармояҳои иқтисодӣ ба оила дар мувофиқа бо даромад, масъулияти умумӣ барои тарбияи фарзандон, иштирок дар хоҷагидориро металабад.

Нақши "корманди касбӣ". Оилаҳои донишҷӯён дар баробари таҳсил боз кору фаъолият низ мекунанд, то ин ки зиндагии хешро пеш баранд. Дар ин раванд донишҷӯ се нақшро мебозад, ҳам нақши донишҷӯӣ, ҳам нақши ҳамсарӣ ва ҳам нақши коргарро. Вобаста ба масъалаи мазкур ва рушди дараҷаи зеҳнӣ дар синну соли донишҷӯён психологи фаронсавӣ - Жан Пиаже, ки оид ба ин масъала тадқиқоти зиёд гузаронидааст, қонуниятҳои рушди эҷодиро дар донишҷӯён ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудааст.

Маҳсулнокии фаъолияти зеҳнӣ аз синнусол вобастагии амиқ дорад. Масалан, вобаста ба ин олимони амрикоӣ Г. Леман ва У. Деннис давраҳои ҳаётӣ ва донишҷӯии олимон, рассомон ва мутафикронро таҳлил намуда, ба чунин хулоса омаданд [101, с.97]: сермаҳсулии фаъолияти эҷодии шахс бештар ба давраи донишҷӯӣ, аниқтараш 20-40 солагӣ рост меояд. Вобаста ба соҳаҳо бошад, олимони болозикр ба чунин хулоса омаданд, ки авҷи баландтари рушди қобилиятҳои зеҳнии соҳаи риёзиёт то 23 солагӣ, олимони соҳаи кимиё то 29-30 солагӣ, олимони соҳаи физика то 32-33 солагӣ рост меояд.

Инкишофи қобилият ва фаъолияти фикрӣ аз хусусиятҳои психологии шахсияти донишҷӯ низ вобастагӣ дорад, яъне баъзе хусусиятҳои характер ва типи шахс барои рушди кобилиятҳои зеҳнӣ мусоидат мекунанд ва бархеи дигараш бошад, баръакс, монеаро ба бор меоранд.

Вобаста ба ин, метавон донишҷӯёнро шартан ба се гурӯҳ ҷудо намуд.

Гурӯҳи мусбати иҷтимоии донишҷӯён, ки дар атрофи ин гурӯҳ донишҷӯёне муттаҳид мешаванд, ки онҳо шавқӯ ҳавасҳояшон ба ҳамдигар наздиканд ва танҳо ҳамин шавқу ҳавасҳо онҳоро бо худ муттаҳид мекунад. Ин гурӯҳ боиси пешрафти ҷомеаи солим мегарданд ва аъзоёни онҳо доимо ҳамдигарро дастгирӣ мекунанд ва хислатҳои хуби маънавиро дар худ рушд медиҳанд.

Гурӯҳи навбатӣ гурӯҳи бетараф унвон гардидааст ва аз лиҳози педагогию психологӣ гурӯҳи осебпазир ба шумор меравад, зеро онҳо дар сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумат, умуман дар масъалаҳои пешбурди фаъолияти ҷамъиятӣ бетарафӣ зоҳир мекунанд. Аъзоён ва ё бо ибораи дигар, намояндагони ин гурӯҳ танҳо вақтҳои холигиро бо ҳам мегузаронанд ва муносибаташон рӯякӣ мебошад.

Гурӯҳи ғайриичтимоӣ гурӯҳи сеюм, буда, намояндагони онҳо рафтору кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ доранд ва онҳо ба майнӯшӣ, авбошӣ, нашъамандӣ, ғоратгарӣ, ҳатто то одамкуши ҳам рафта расида метавонанд. Аксарияти онҳоро вайронкунандагони тартиботи ҷамъиятӣ ташкил медиҳанд, ки гурӯҳи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравнад.

## ХУЛОСАИ БОБИ ЯКУМ

Дар боби якум асосҳои назариявию методологии муносибатҳои оилавии оилаҳои донишҷӯён ва барпо намудани оилаи муосир бо назардошти анъанаҳои миллӣ ба таври мукаммал дарҷ гардидаанд. Ҳамзамон, андешаҳои муҳаққиқони соҳаи психологияи педагогӣ доир ба масъалаҳои муҳимми муносибатҳои оилавии оилаҳои ҷавони донишҷӯён оварда шуда, мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор дода шуданд. Зеро, чуноне ба ҳамагон маълум аст, оилаи солим дар замони муосир яке аз масъалаҳои мубрами замони муосирро ташкил медиҳад ва оилаи солим ин ҷоемаи солим мебошад.

Ҳамзамон, он тағйироти иҷтимоие, ки вақтҳои охир ба амал омадаанд, дар оилаи муосир таъсири бевоситаи худро гузошта

истодаанд. Барои фаҳмидани он, ки имрӯз чӣ гуна ба оилаҳои донишҷӯён дар солҳои ташаккулёбии онҳо метавон кӯмак расонид, донистани он муҳим аст, ки дар ҳаёти онҳо чӣ рӯй медиҳад, ниёзҳо, манфиатҳо ва талаботи онҳо чӣ гуна аст. Дар назди илмҳои педагогика ва психология вазифаи дарёфт намудани роҳу усулҳои самарабахши рафъи мушкилотҳое, ки оилаҳои донишҷӯён ба он дучор меоянд, гузошта шудааст.

Дар ин қисмати таҳлили педагогию иҷтимоию психологии вазъи оила дар ҷомеаи муосир ва хусусиятҳои фаъолияти оилаи донишҷӯён ва тавсифи психологии синнусоли донишҷӯён шарҳу баррасӣ гардидааст.

Дар масъалаи муносибатҳои оилавӣ ва таълиму тарбияи фарзандон саъю кӯшиши давлату ҳукумат бараъло эҳсос гардида истодааст ва қабули Қонуни ҶТ “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак” далолаткунандаи андешаҳои мазкур мебошад. Бо ибораи дигар, Қонуни мазкур ифодакунандаи он мебошад, ки давлату Ҳукумат баҳри ҷомеаи солим, ки меҳвари асосии онро оилаи солим ташкил медиҳад, саъю кӯшишҳои саривақтиро карда истодааст. Яъне қонуни мазкур ҳам ҷанбаҳои педагогӣ ва ҳам ҷанбаи психологии оиларо таҷассум мекунад.

Хулоса, вобаста ба масъалаҳо ва андешаронихои болозикр оилаҳои донишҷӯёнро метавон чунин тавсиф намуд:

Тавсифи психологӣ. Шахсияти донишҷӯ бояд интегратсияи равандҳо ва фаъолияти психикиро ташкил намуда, ҳолатҳои эмотсионалӣ ва хусусиятҳои характери донишҷӯро дар маҷмуъ тавсиф дода бошанд. Ишораҳои мазкур далолаткунандаи онанд, ки донишҷӯ бо ин гуна хусусиятҳои психологии худ метавонад дар ҷомеа мавқеи муайнро пайдо кунад ва ҳамин тариқ зиндагии хешро дар мавқеи муайяни иҷтимоӣ пеш барад.

Тавсифи иҷтимоӣ. Агар тавсифи психологӣ барои бо хусусиятҳои характери худ худро зоҳир кардан имкон диҳанд, пас дар зинаи иҷтимоӣ ин ба роҳ мондани муносибату муошират бо ҳамкурсон, омӯзгорон,

рафиқон ва дигар одамон ва худро дар яке аз гурӯҳҳои иҷтимоӣ мансуб донистан ташкил медиҳад. Яъне донишҷӯ худро дар кадом гурӯҳҳои иҷтимоӣ хуб ҳис мекунад ва кӯшиши дар он гурӯҳ буданро мекунад ва ё баръакс, агар зинаи психологӣ яъне ҷиҳатҳои манфии психологии худро надонаду онро ислоҳ накунад, метавонад боиси он гардид, радшудаи гурӯҳ бошад ва дар яке аз гурӯҳҳои иҷтимоие, ки умуман мавқеъ надоранд ва эътироф нагардидаанд, дохил шавад.

Тавсифи биологӣ. Дар ин ҷода бештар фаъолияти системаи асаб, қад, пуст, ҷусса ва намуди зоҳириро метавон ворид сохт.

Ҳамин тариқ, оилаҳои ҷавони донишҷӯро зарур аст, то ин ки ин се тавсифдиҳандаро, пеш аз ҳама, пайдо намуда, ба ин роҳ мавқеи муайяни иҷтимоиро соҳиб гарданд ва ба комёбиҳи назаррас ноил гарданд.

# БОБИ 2. ТАҲҚИҚИ ЭМПИРИКИИ МУАЙЯН КАРДАНИ МОҲИЯТ ВА ЗАРУРИЯТИ ДАСТГИРИҲОИ ПСИХОЛОГИЮ ПЕДАГОГӢ БА ОИЛАИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ШАРОИТИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ

## 2.1. Асосҳои ташкилии дастгирии психологию педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Дар боби якуми рисола мо асосҳои назариявӣ ва методологии дастгирии психологию педагогии оилаҳои донишҷӯёнро дар донишгоҳ таҳлилу баррасӣ намудем. Таҳлили маълумоти зарурии илмии соҳавӣ инро муайян намуд, ки дастгирии психологию педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён ягона набуда, гуногун амалӣ мегарданд. Зеро намояндагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ нисбати масълаҳои мазкур дорои андешаҳои мухталиф ҳастанд, яъне масъалаи ёрӣ ва дастгириҳои психологиро гуногун мефаҳманд. Вобаста ба масъалаи мазкур, бояд ишора кард, ки дар боби дуюм, ки қисмати амалии рисоларо ташкил медиҳад, дар аввал мафҳумҳои асосӣ таъриф ва шарҳу эзоҳ дода шуда, баъдан масъалаҳои амалии он мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Мақсади асосии дастгирии психологию педагогӣ фароҳам овардани шароитҳои муосиди психологию педагогӣ ва ҳамзамон, шароити иҷтимоӣ барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ маҳсуб меёбад.

Ҳадафи шароитҳои болозикр, яъне шароитҳои психологию педагогию иҷтимоӣ ин имкони щароитҳои муосидат барои барпо намудани оилаи солим, устувору солим нигоҳ доштани оилаҳои ҷавони донишҷӯён, ҳамзамон дастгириҳои зарурӣ барои тадрис дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва ширкатҳои фаъолонаи оилавӣ дар

чорабиниҳои гуногуни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, аз қабили чорабиниҳои илмию фарҳангӣ фароғатӣ ва ғайра мебошанд.

Дар асоси қайдҳо боло, бояд ишора намуд, ки коллективи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мақсади асосии ин гуна ёриву дастгириҳо болозикрро муайян ва мушаххас менамоянд, зеро чунончи зикр шуд, ҳар як муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ вобаста ба кормандони худ, яъне коллективи омӯзгориаш мақсадҳоро гуногун дарк намуда, вобаста ба он вазифаҳои ин самтро муайян намуда, барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён пешниҳод хоҳанд кард. Якчанд ҷанбаҳои меҳварии онро ишора менамоем:

Муайян намудани шумора, ҳолат, шароит ва вазъи оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бо мақсади ба роҳ мондани ёриву дастгириҳоии психологию педагогию иҷтимоӣ баҳри рафъи мушкилотҳои пайдогардида ва ё ҷойдошта. Ҷанбаи якум хело муҳим буда, барои пешгирӣ ва бартарф кардани мушкилот психологию таълимӣ ва дигар монеаҳо, ки оқибат метавонанд, боиси пошхӯрии оилаҳои ҷавони донишҷӯён гарданд, муҳим арзёбӣ мегардад.

Ёрӣ ва дастгириҳои психологӣ, педагогию иҷтимоӣ барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён аслан дар се бахш татбиқ гардида метавонад: якум, пешгирии оилаҳои ҷавони донишҷӯён аз пошхӯрӣ, устувору солим нигоҳ доштани оилаҳои ҷавони доншҷӯён; дуюм, ноил гардидан ба комёбиҳои назарраси таълимӣ, ҳамзамон рушди қобилиятҳои зеҳни ва шахсияти комил ва сеюм, рушди малакаву маҳоратҳои зарурии касбӣ ва ба роҳ монда тавонистани муоширати созанда дар коллективҳои гуногун (таълимӣ, оилавӣ ва корӣ).

Сари вақт муҳайё намудани шароитҳои психологӣ педагогию иҷтимоӣ барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён баҳри бартараф кардани мушкилоте, ки дар самтҳои мазкур пайдо мегарданд ва ё аллакай пайдо гардидаанд ва онҳо самти таълимӣ, оилавӣ ва кориро дар бар мегиранд.

Барои ин лозим аст, ки шароитҳо ва ёриву кумакҳои психологию педагогию иҷтимоиро дар алоҳидагӣ дида бароем. Зери мафҳуми ёрӣ ва дастгириҳоии психологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ин хизматрасниҳо ва амалҳои психологие дар назар дошта мешавад, ки барои беҳтар намудани солимии психологӣ ва некӯаҳволии оилаҳои ҷавони донишҷӯён равона гардидааст. Ёрӣ ва дастгириҳои психологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ барои оилаҳои ҷавонӣ донишҷӯён аз тарафи мутахассисони касбии соҳаи психология амалӣ мегардад ва он метавонад дар худ метод ва роҳёфтҳои гуногунуро дошта бошад, ки мақсади асосии он расонидани ёрӣ ба оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар ҳалли мушкилоти соҳаи эмотсионалӣ, психологию рафторӣ мебошад. Масалан, дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон масъалаи мазкур хуб ба роҳ монда шудааст ва ин ёриву дастгириҳои психологӣ аз ҷониби устодони кафедраи психологияи муассисаи мазкур амалӣ мегарданд. Мақсад аз дарҷи мисоли мазкур он аст, ки муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбие, ки дар худ чунин мутахассисон ва ё шуъбаву кафедраҳоро доранд, метавонанд аз хизматрасниҳои мутахассисони хеш баҳри дастгириҳои психологии оилаҳои ҷавони донишҷӯён бо мақсади устувор ва солим нигоҳ доштани оилаҳои ҷавони донишҷӯ самаранок истифода баранд, зеро чуноне ба ҳамагон маълум аст, оилаи солим ин ҷомеаи солим мебошад.

Дар ин асно, метавон якчанд хусусиятҳои дастгириҳои психологиро ишора намуд. Ёрии психологӣ ин дастгирии касбӣ, ки аз ҷониби мутахассиси касбӣ барои ҳалли мушкилоти психикӣ, эмотсионалӣ ва рафторӣ расонида мешавад, дар назар дошта шудааст. Ёрии мазкур метавонад дар худ ҷанбаи ташхиснамоӣ, табобатӣ ва машвартиро фаро гирифта бошад.

Ҳамзамон, шаклҳои ёрии психологӣ гуногун буда, аз фардӣ оғоз шуда, то гурӯҳӣ шуда метавонанд. Зери мафҳуми дастгирии психологии оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ кумаки эмотсионалию амалие фаҳмида мешавад, ки дар ҳолат ва

вазъиятҳои мураккаби ҳаёти оилавӣ муҳим арзбёӣ мегардад. Агар ёрии психологӣ танҳо аз ҷониби мутахассисони касбӣ расонида шавад, пас дастгирии психологӣ бошад, метавонад ҳам аз ҷониби мутахассисони касбӣ ва ҳам аз ҷониби ғайримутахассисон ба монанди рафиқон, оилаҳо, ва ё гурӯҳҳо расонида шавад. Дастгирии психологӣ низ дар навбати худ намудҳои гуногун дорад, аз қабили:

- дастгирии эмотсионалӣ – тавассути гӯшкунии фаъол ва ҳисси ҳамдардию ҳамҳиссиро зоҳир намудан расонида мешавад. Ин боиси он мегардад, ки оилаҳои ҷавони донишҷӯён худро эътирофшуда ҳисоб намоянд, яъне худро ҳамчун оилаҳое, ки барои ҷомеаи имрӯза лозиманд, дарк кунанд.
- дастгирии амалӣ – пешниҳоди қадамҳои муайяну мушаххас барои ҳалли мушкилоти эмотсионалию амалӣ, ба монанди ихтилофҳои оилавӣ, стресс дар раванди таълим, нофаҳмиҳо дар ҷойи кор ва ғайраҳо. Дастгирии таълимӣ намуди дигари он буда, таҳсил ва захираҳоро дар бар мегирад ва зернамуди дастгирии амалиро ташкил медиҳад.

Дар аксари мавридҳо оилаҳои ҷавони доншҷӯён кай ба мутахассис муроҷиат карданро намедонанд ва интизори он мешаванд, ки то вазъияти оилавӣ ва ё шахсӣ мураккаб нагардад, набояд муроҷиат намуд, аммо ба андешаи мо дар дилхоҳ маврид муроҷиат ба мутахассисон ин аз манфиат холӣ набуда, ҳар яке аз оилаҳои ҷавони донишҷӯ метавонанд дар бораи хусусиятҳои психологии ҳам худ ва ҳам ҳамсарашон маълумоти заруриро гиранд.

Масъалаи дигари муроҷиат накардани оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар он мебошад, ки онҳо шарм медоранд, яъне онҳо ҳарос аз андешаи атрофиён доранд, ки мабодо онҳо маро дорои вайроншавиҳои психологӣ номгир ва овоза накунанд. Зеро тайи якчанд сол қабл мардум аз муроҷаит ба психолог меҳаросиданд, чунки онҳо тафовутро аз психологу психиатр намедиданд. Онҳо дар чунин андеша қарор доштанд, ки одамони дорои вайроншавиҳои рӯҳӣ ва ё психикӣ ба психолог муроҷиат менамоянд, ҳол он ки ба ин гурӯҳи одамон психиатр кор мебарад, на ин

ки психолог. Психолог бошад, бо нафрон ва оилаҳое, ки солим ҳастанду танҳо дорои мушкилотҳои психологӣ ҳастанд, кор мекунад.

Аз ин лиҳоз, оилаҳои ҷавони донишҷӯён метавонанд дар чунин ҳолатҳо муроҷиат намоянд:

- агар ҳисси нооромии доимӣ пайдо гардад, ки ба ҳаёти рӯзмарра монеаро эҷод намояд;
- аксуламалҳо ба тағйироти муайяни ҳаётӣ, аз қабили аз даст додани шахси наздик ва ё ҷудошавии оила;
- ихтилофҳои оилавӣ, ихтилоф бо рафиқон ва ё коллективҳои корию таълимӣ;
- ҳангоми тағйироти тез-тези ҳолати руҳӣ, шавқу ҳавасҳо ва рафтор.

Дар асоси таҳлили ишораҳои болозикр ҳаминро метавон ишора намуд, ки ёрӣ ва дастгириҳои психологӣ дар раванди дарки ҳамдигари оилаҳои ҷавони донишҷӯ ва бартараф кардани мушкилоту ихтилофҳои оилавию корию таълимӣ, ки бевосита бо солимии психикию эмотсионалӣ алоқаманд аст, нақши калидиро мебозад.

Дастрасӣ ба ин хизматрасониҳо, агар дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ муҳайё карда бошад, барои беҳтар намудани сифати зиндагӣ, рушд додани шахсияти комил ва устувор нигоҳ доштани оилаҳои солим мусоидат хоҳад намуд. Бори дигар таъкид намудан лозим аст, ки оилаҳои ҷавони донишҷӯ бояд аз муроҷиат барои ёриву дастгириҳои психологӣ тарсу ҳарос надошта бошанд ва муроҷиат кунанд, зеро он қадами муҳим барои некӯаҳволӣ ва солимии психикии ҳар як аъзои оила ба шумор меравад.

Ёрӣ ва дастгирии педагогӣ низ дар қатори психологӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Ёрӣ ва дастгириҳои педагогии оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии муайян ин маҷмуи амал ва чорабиниҳое ба шумор меравад, ки барои мақсадҳои таълимӣ ва рушди шахсияти ҳар як аъзои оилаи донишҷӯ равона гардидааст. Зери мафҳуми ёрӣ ва дастгириҳои педагогии оилаҳои ҷавони донишҷӯён метавон ҳам донишҳои академӣ, ҳам рушди шахсӣ, ҳам мутобиқати иҷтимоӣ ва ҳам

некуаҳволии эмотсионалиро фаҳмид. Баъзе ҷанбаи онро мухтасаран дида мебароем.

Ёрии педагогии оилаҳои ҷавонро бо дигар маъно метавон чунин таъриф дод: ин меъёрҳое ба шумор меравад, ки аз ҷониби омӯзгорон барои қонеъ сохтани талаботи таълимии донишҷӯёни оилаҳои ҷавон равона гардидааст ва дар худ дастгирии раванди таълим, ёрӣ дар ҳалли мушкилот таълимӣ ва муҳайё овардани муҳити мусоиди таълимиро дар бар мегирад.

Дар ин асно, метавон шаклҳои ёрии педагогиро ишора намуд ва ёрии педагогии оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар шаклҳои инфиродию гурӯҳӣ шуда метавонанд. Ёрии инфиродии оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар ёрии омӯзгорон барои сарфаҳм ва аниқу дақиқ дарк кардани маводҳои таълимӣ, фаҳмидани мавзуъҳои мурккаби тахассусӣ ва омодагӣ ба санҷишу имтиҳонҳо мебошад. Дар робита ба ин, омӯзгорон метавонанд ҳамчун идеал баромад намуда, оилаҳои ҷавони донишҷӯёнро барои идомаи таҳсил дар зинаи аспирантура ҳидоят намуда бошанд.

Ёрии гурӯҳии педагогӣ дар ташкили корҳои гурӯҳӣ бо гурӯҳҳои начандон калон, ки донишҷӯён метавонанд оид ба донишу таҷриба ҳамсуҳбат шуда, ҳамдигарро дастгирӣ намоянд.

Агар оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар ҳолатҳои мазкур ба ёрии педагогӣ ба омӯзгорон муроҷиат намоянд, он мувофиқи мақсад шуморида мешавад.

- қафомонии таълимӣ;
- душворӣ ҳангоми азхудкунии маводи таълимӣ;
- ҳангоми душворӣ дар муошират бо ҳамкурсон;
- ҳангоми душворӣ дар раванди адаптатсия ба муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбии муайян;
- ҳангоми азсаргузаронии стресс, изтироб ва ё дигар мушкилоти эмотсионалӣ, ки ба раванди таълим таъсири манфӣ мерасонад.

Ёрӣ ва дастгириҳоии педагогӣ ҷузъи муҳимми раванди таълимиро ташкил дода, барои расидан ба комёбиҳои таълимию шахсии оилаҳои

ҷавони донишҷӯ мусоидат менамояд. Омӯзгорон дар барои кӯмак кардан ба азхудкунии маовди таълимӣ, барои шаклгирии худбаҳодиҳии мувофиқ, муносибатҳои байниҳамдигарии иҷтимоӣ ва некӯаҳволии эмотсионалӣ низ ёрӣ мерасонанд.

Дар асоси таҳлили ишораҳои болозикр бахри ҳалли мушкилотҳои ба миёномадаи таълимӣ шахсию корӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, дар раванди навиштани рисолаи мазкур, мо модели муайяне тартиб додем ва чунин мешуморем, ки модели мазкур дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Тоҷикистон барои расонидани ёриву дастгириҳои педагогӣ психологию иҷтимоӣ барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён муосид ва мувофиқи мақсад шуморида мешавад.

Чунончи, дар муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулҳи Рӯдакӣ” дастгриҳои психологию педагогӣ хело хуб ва дар асоси нақшаҳои тарҳрезишудаи давлатӣ ба роҳ монда шудааст, ки барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён муҳим арзёбӣ мегардад.

**Донишкадаи расмии идорӣ**

**Ректор** – шахси калидӣ буда, дар барномарезӣ ва тарҳрезии барнома ва чорбаниҳои ёриву дастгириҳои психологию педагогӣ нақши ҳалкунандаро мебозад.

**Шурои факултет** – дар асоси барномаҳои давлатӣ бояд барномаи дохилии раванди таълиму тарбияро барои муассисаи муайян мушаххас намояд ва барномаҳои қабулгардидаи таълиму тарбия бояд бевосита ба рушди шахсияти комил ва дастгирии оилаҳои донишҷӯён равона гарданд.

**Садоратҳо** – дар ташкили корҳои ташкилии раванди таълиму тарбия дар факултетҳо шахси мутасаддӣ буда, назорат аз болои иҷрои онро талаб мекунанд. Садорати факултетҳо бояд дар бораи чанд нафар будани донишҷӯёни оиладор, дар кадом шароит зиндагӣ намудан ва

ҳолатҳои психологию моддию маънавӣ ва ҳамзамон, дар бобати комёбиҳои таълимии онҳо маълумоти муфассалро дошта бошанд.

**Кафедраҳо** – омӯзгорони соҳибунвону соҳибтаҷриба тавассути методҳои фаъоли таълим диққати донишҷӯёнро ба дарс ҷалб мекунанд ва ҳамзамон вобаста ба ихтисос барои расонидани кумаку дастгириҳои психологю педагогӣ ба оилаҳои ҷавони донишҷӯён саҳми худро мегузоранд.

**Хадамоти психологӣ**. Аз ҷониби раёсати муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии муайян ташкил карда мешавад ва он метавонад аз ҷониби омӯзгорони кафедраҳои марбутаи самти мазкур ба фаъолият оғоз намояд. Ба ин мисол шуда метавонад, кафедраи психологияи ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки аз ҷониби омӯзгорони кафедраи мазкур хадамоти психологии муваққатиро дар ҳолатҳои зарурӣ ташкил менамоянд. Ҳамзамон, хадамоти психологӣ барои оилаҳои донишҷӯён дар раванди мутобиқшавӣ ба раванди таълим, рушд додани неруи зеҳнӣ ва хусусиятҳои характери худ, тарзи ба роҳ мондани муошırати созанда, усулҳои мубориза ба стресс, таҳаммулпазирӣ, созиш ва роҳҳи ҳалли ихтилофҳои таълими корию оилавӣ ва дигар ҳолатҳои ба ин масъалаҳо мурбутбуда кӯмакрасон мебошанд.

**Хадамоти роҳнамоии касбӣ** барои оилаҳои донишҷӯён мувофиқи мақсад ба шумор меравад, зеро он метавонад донишҷӯёнро аз руйи тахассусашон ва шуғлҳои дӯстдоштаашон ба корҳои иловагӣ ба фаъолият сафарбар намуда бошад.

**Сифати таҳсилот, мониторинг ва пайомадҳои иҷтимоию педагогӣ:**

- раванди таълиму тарбияро дар муассисаҳои таълимӣ санҷиш намуда, аз рӯйи он барномаҳои махсус ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта чорандешӣ мекунад;
- барои оилаҳои донишҷӯён ҷиҳати пешгирии пошхӯрии оилаҳои ҷавон ва устувору солим нигоҳ доштани оилаҳои ҷавон чораҳои махсус дар намудаи ҳавасмандгардонию дастгирию кумакпулиҳо чораҳои зарурӣ меандешад;

- аз рӯйи майлу рағбат, тамоюли касбӣ ва дигар хусусиятҳои эҷодии донишҷӯён бо мақсади мувофиқ омадан бо бозори меҳнати замони муосир нақшаҳои навро тарҳрезӣ менамояд;
- барои барпо намудани оилаҳои ҷавон аз ҷониби донишҷӯён ва роҳҳои устувору солим нигоҳ доштани онҳо дар асоси тавсияҳои коршиносони касбӣ нақша чорабиниҳоро ташкил намуда, барои тасдиқ ва риояи он аз ҷониби дигар воҳидҳои кории муассисаи таълимӣ ба ректор пешниҳод менамояд;

Агар масълаҳои зикргардида аз ҷониби воҳидҳои муассисаи таълимӣ якдилонаю софдилона иҷро гардад, боиси пешрафти раванди таълим, баланд гардидани сифати таҳсилот дар муассисаи таълимӣ ва устувору пойдор нигоҳдории оилаҳои солим мегардад, ки яке аз рукнҳои асосии давлату ҳукумат маҳсуб меравад. Зеро дар маҷмуъ он боиси пешгирӣ ва бартараф намудани ҳолатҳои номатлуби замони муосир аз кабили рӯ овардани донишҷӯён ба ҳизбу ҳаркатҳои экстремистию террористи, ҷудоихоҳӣ ва гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ гардида метавонад.

Шурои ҷамъияти илмии донишҷӯён низ дар масъалаи пешрафти илму техника дар замони муосир нақши назаррасро дорад ва онро бояд иҷро кунад ва он аз вазифаҳои зерин иборат мебошад:
- ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо кафедраҳо ҷиҳати ташкили корҳои илмии донишҷӯён вобаста ба тахассус;
- иштирок дар ташкил ва тарҳрезии барномаю консепсияҳои илмию амалии сатҳи донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ;
- ҷиҳати интихоб намудани донишҷӯёни фаъол ва донишҷӯёне ки дорои нерӯи баланди зеҳнию ихтироъкорӣ доранд ва сафарбар намудани онҳо ба озмунҳои ҷумҳуривӣ ба монанди “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”.

Шурои хобгоҳ як воҳиди сохтории муҳимми дигари муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро ташкил медиҳад, ки дар устувор ва пойдор нигоҳ доштани оилаҳои солим нақши муассири худро дорад. Зеро шароите, ки хобгохи муассисаи таълимӣ ба оилаҳои ҷавони

донишҷӯ муҳайё мекунад, вобастагии калон дорад вобаста ба масъалаи мазкур, аз рӯйи модели таҳиянамудаи мо бояд шурои хобгоҳҳо дар самти дастгирии оилаҳои ҷавони донишҷӯён чунин корҳоро амалӣ намояд:

- шароити муосиди зистро ба оилаҳои ҷавони донишҷӯён муҳайё созад ва барои дигар дастгириҳо чораҳои заруриро андешад ва ба раёсати муассисаи таълимӣ пешниҳод намояд;
- қоидаҳои дохилихобгоҳиро муайян намояд, ҳифзи моликиятҳои хобгоҳро ҳимоя намуда, назорати ҷиддиро ҷиҳати риояи одоби рафтор байни нафарони дар хобгоҳ истиқоматмекарда ва риояи гигиена ва тозагӣ ба роҳ монад;
- барои нигоҳ доштани тарзи ҳаёти солим майдончаҳои варзиширо дар дохили хобгоҳ ташкил намояд;
- дигар масъалаҳои марбут ба онро мавриди чорандешӣ қарор дода, дарҳол ба раёсати муассисаи таълимӣ хабар диҳад.

**Самтҳои асосии кори беруназгурӯҳӣ**

Аъзои оилаи донишҷӯён дар баробари таҳсил, ҳамзамон бояд ягон кору фаъолият намоянд, то зиндагии хешро пеш баранд. Ба оилаҳое, ки соҳиби фарзанд гардидаанд, масъалаи мазкур душвортар мебошад, зеро кӯдаки онҳоро бояд ягон нафари дигар нигоҳу бин кунад, то баҳри пешбурди зиндагии хеш кор кунанд.

Вобаста ба ин, дар асоси таҳлили ҷанбаҳои назириявӣ ва таҳлили қисмати амалии масъалаи мазкур ва ҳамзамон, амсилаи пешбининамуда чунин шакли кор бо оилаҳои ҷавони донишҷӯёнро метавон шартан ишора намуд:

1. Оила ва тарзи ҳаётгузаронӣ:

• мавҷуд будани хадамоти иҷтимоию психологӣ дар муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати гирифтани машваратҳои зарурии оилавӣ ва никоҳ ва дигар масъалаҳои барои шахс зарур арзёбӣ гардида;

• ташкил намудани ягон маҳфил барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён бо номҳои гуногун, масалан маҳфили оилаҳои ҷавони донишҷӯён зери унвони “Оилаи солим-ҷомеаи солим”

• тақдими туҳфаҳои идона ба оилаҳои ҷавони донишҷӯён ва фарзандони онҳо;

• ташкил намудани чорабиниҳои фарҳангию фароғатии гуногуни оилавӣ;

• ташкил намудани озмуну мусобиқаҳои оилавӣ, ба монанди беҳтарин оилаи намунавӣ, беҳтарин ҳуҷраи хобгоҳи оилавӣ ва ғайра.

Дар асоси ишораҳои болозикр метавон масъалаҳои мазкурро дар раванди таълиму тарбия ҷорӣ намуд ва он ҳам як намуд ташвиқоту таблиғоти оилаи солим дар замони муосир мегардад.

Амсилаи пешниҳодгардида дар маҷмуъ ҳам барои рушди шахсияти комил ва ҳам барои устувор нигоҳ доштани оилаи солим муосидат хоҳад намуд. Инчунин шароитҳои психологию педагогию иҷтимоӣ дар маҷмуъ барои масъалаҳои мазкур мусоидат хоҳад намуд:

- муносибатҳои байниҳамдигарии созандаи аъзоёни оила;
- таблиғу ташвиқи тарзи ҳаёти солим;
- ҳамдигарфаҳмии аъзоёни оила;
- машғул шудан ба варзиш бо аъзоёни оила;
- ҳадафнок гардонидани ҷамъияти илмии донишҷӯёни оиладор;
- азбарнамоии усулҳои муоширати созанда;
- роҳи ҳалли ихтилофҳои шахсию таълимӣ ва корию оилавӣ;
- тарбияи оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар самти ватандӯстию ватанпарварӣ;
- ҳифз ва рияои бечунучарои тартиботи ҷамъиятӣ ва қоидаҳои дохилидонишгоҳӣ.

Воҳиди дигаре, ки дар амсила оварда шудааст, ин шӯрои ҷамъиятии донишҷӯён ба шумор меравад. Бояд дар асоси нақша чорабиниҳои тарҳрезӣ шуда чунин корҳоро дар амал табиқ намояд ва

нақша чорабиниҳои мзкур барои устувор нигоҳ доштани солимии оилаҳои ҷавони донишҷӯён равона гардидааст.

- барои самаранок гардидани раванди таълим, ноил гардидан ба комёбиҳои баланди таълимӣ бо дастгириҳои факултетҳо шароити мусоидро фароҳам оварад;

- барои донишҷӯёни оиладор ҷиҳати дастгирӣ ёфтани онҳо дар раванди таълим, ҳавасмандгардонидани онҳо бо мукофотпулиҳо ва кӯмакҳои якдаъфаина чораҳои зарурӣро андешаида ба раёсати муассисаи таълимӣ пешниҳод намояд;

- ба корҳои ҷамъиятии муассисаи таълимӣ ҷалб намудани донишҷӯён ҷиҳати гузоштани саҳми худ дар корҳои ободонию тозагии муассисаи таълимӣ ва дигар корҳои ҷамъиятии факултетӣ;

- дер накардан ба дарсҳо, ҳамчунин пешгирии дарсшиканиҳо аз ҷониби донишҷӯёни дарсгурез ва ба дарсҳо ҳозирнамешуда;

- ба роҳ мондани ҳамкории дуҷониба байни муассисаи таълимӣ ва волидони донишҷӯён;

- мусоидат намудан ба оилаҳои ҷавони донишҷӯён ҷиҳати ба кор таъмин кардани онҳо;

- ташкил намудани экскурсиҳо барои истироҳат ва ташвиқу тарғиби тарзи ҳаёти солим байни донишҷӯён;

- назорати татбиқи нақша чорабиниҳои зикргардида ва риояи бечуну чарои оиннаомаи муассисаи таълимӣ ва қоидаҳои дохилидонишгоҳи аз ҷониби донишҷӯён.

Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён ва кумитаи иттифоқи касабаи омӯзгорон ва кормандони муассисаи таълимӣ низ яке аз воҳидҳоеро ташкил медиҳад, ки пеш аз ҳама ҳуқуқу озодиҳои донишҷӯён, омӯзгорон ва кормандони муассисаи таълимиро ҳимоя мекунад. Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён алоҳида аст ва аз омӯзгорону кормандон алоҳида фаъолият мекунанд. Дар ин ҷо мо бештар такя мекунем ба кумиати иттифоқи касаи донишҷӯён. Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён, фаъолияти хешро дар асоси қонунҳо,

санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома ва Созишномаи соҳавии байни муассисаи таълимӣ ба роҳ мемонад.

Фаъолияти кумитаи мазкур пеш аз ҳама, ҷиҳати беҳтар гардонидани шароити таълим, шароити мусоиди зиндагӣ дар хобгоҳ, баланд бардоштани сифати таълимӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои донишҷӯён ва донишҷӯёни оиладор равона гардидааст.

Иттифоқи мазкур бояд манфиатҳои донишҷӯёни оиладорро, ки ғайр аз таълим боз дар дигар муассисаҳо кору фаъолият менамоянд, пешбарӣ намояд. Оилаҳои ҷавони донишҷӯён ва ё оилаҳое, ки аллакай пароканда шудаанд, аммо донишҷӯ ҳастанд барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсӣ ба кумитаи мазкур мурочиат намояд. Мутаассифона, қисмати зиёди донишҷӯён аз ин хабар надоранд. Бо иборои дигар, оилаҳои ҷавони донишҷӯёни фарзандорбуда, ва зан-донишҷӯё, ки аз шавҳараш ҷудо шудааст, категорияҳои осебпазири ҷамъиятӣ буда, бештар ба ин иттифоқ ниёз доранд ва кумитаи мазкур дар навбати худ бояд ба ин категория бештар эътибор диҳад.

Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён дар муассисаи таълимӣ барои категорияи номбаргардида бояд бо чунин дастгириҳо мусоидат намояд, аз қабили ба осоишгоҳҳо равона намудани онҳо, кумакҳои моддӣ, ёрдампулии яккарата барои тавлиди кӯдак, мукофотпулиҳо ва додани тухфаҳо дар рӯзҳои ид ва ҷашнҳои бузурги давлатӣ.

Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён инчунин барои оилаҳои донишҷӯён хобгоҳ медиҳад, барои онҳо биноҳову ошёнаҳои алоҳида ҷудо карда шудааст. Талаботи онҳо ба манзил 100 фоиз қонеъ гардонда шудааст, аммо, қобили таассуф аст, ки хобгоҳ танҳо ба он оилаҳое дода мешавад, ки ҳар ду ҳамсарон донишҷӯёни як донишгоҳ бошанд. Агар яке аз зану шавҳар донишҷӯи дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бошад, он гоҳ дар сурати мавҷуд будани созишномаи байни ректорони донишгоҳҳо дар бораи мубодилаи ҷойҳо дар хобгоҳҳо байни ин донишгоҳҳо як ҳуҷра дар хобгоҳ дода мешавад. Ёрии модӣ ва манзилии

созмони иттифоқи касабаи донишҷӯён дар ҳаёти оилаи донишҷӯён аҳаммияти калон дорад, зеро дар мустаҳкам намудани оила масоили таъминоти модию манзилӣ дар зинаи аввал қарор дорад.

Маҳфили хатмкунандагон низ дар масъалаҳои меҳварии оилаҳои ҷавон нақши худро гузошта метавонад ва барои амалӣ намудани чунин корҳо мусоидат хоҳад намуд:

- барқарор кардани робита бо хамткунандагон;
- анъанаҳои муассисаи таълимӣ, хусусан факултетро нигоҳ медорад, дар ташвиқу таблиғотии он муосидат менамояд;
- чорабиниҳои фарҳангию фароғатиро ташкил ва баргузор менамояд;
- дар масъалаи кору фаъолияҳои якдигар мубодилаи таҷриба менамоянд.

Барои татбиқи самараноки модели ташкилии дастгирии психологию педагогии оилаҳои донишҷӯён дар донишгоҳ ҳамкории мутаносиби ҳамаи муассисаҳои идоракунӣ лозим ва зарур аст. Дар асоси таҳлили амсилаи пешниҳоднамуда метавон чунин хулосагирӣ намуд, ки амсилаи мазкур ҷиҳати муҳайё намудани шароити муосиди зиндагӣ барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён, комёбирасиҳои баланди таълимӣ, фароҳам овардани фазои солими психологӣ ҳам дар оила, ҳам дар раванди таълимӣ ва ҳам дар ҷойи кор ва ба ин васила устувор нигоҳ доштани оилаи солим, инчунин таблиғу ташвиқи оилаҳои ҷавони донишҷӯён муҳим арзёбӣ мегардад.

## 2.2. Тавсифи методҳои таҳқиқотӣ ва гурӯҳчинии таҳқиқот

***Тавсифи методҳо.*** Дар дилхоҳ тадқиқот ҳам соҳаи психология ва ҳам соҳаи педагогика, ҳамзамон дар тадқиқоте, ки тест ва методикаҳои касбии психологӣ истифода мегарданд, муҳаққиқон ба «L», «Q» ва «T»-маълумоти соҳаи психология рӯ меоранд. Қисмати амалии рисолаи мо, ки самти психологияи педагогиро дар худ фарогир мебошад, ин гурӯҳи

методҳои касбиро мавриди истифода қарор додем. Ҳамин тариқ, дар тадқиқоти мо «L», «Q» ва «T»-маълумотҳо тавонистем ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти оилавии оилаҳои донишҷӯён ва хусусиятҳои психологии шахсияти аъзоёни оилаи онҳоро мавриди омӯзиш ва таҳқиқи амиқ қарор додем.

**Чунончи аз адабиёти соҳавӣ бармеояд, «L» - маълумотҳо (аз калимаи «life record data»)** [134, с.97]. **тавассути** қайди рафторҳои объективии шахс дар рафти ҳаёти рӯзмарраи ӯ омӯхта мешаванд. Маълумоти психологии мазкур (маълумоти сабти ҳаётӣ) бо роҳи бақайдгирии ҳаёти шахс, хусусан дар натиҷаи мушоҳида гирифта мешавад ва баҳогузории экспертӣ (коршиносон) низ ба ин гурӯҳи маълумот дохил мешавад. Агар маълумоти пурра дар бораи тарзи ҳаёти оилаҳои ҷавони донишҷӯён имконияти васеъро фароҳам оварад.

**«Q»-маълумот (аз «Questionnaire data»).** Омӯзиш ва таҳқиқ ба воситаи методикаҳоро ва тестҳои психологиро «Q»-маълумот меноманд. Дар системаи таҳқиқи шахс «Q»-маълумот ҷойи марказиро ишғол менамоянд. Миқдори методикаҳои дар «Q»-маълумот истифодашаванда бисёранд, аз ин лиҳоз мо чунин методикаҳоро мавриди истифода қарор додем:

Анкетаи психологӣ ҷиҳати омӯзиш ва тадқиқи вазъи оилаи донишҷӯён".

Методикаи арзёбӣ намудани фазои психологӣ дар гурӯҳ (аз рӯи А.Ф. Фидлер).

Тести "Қаноатмандӣ аз издивоҷ" (муаллифон В. В. Столин, Т. Л. Романова, Г. П. Бутенко).

Тести «Тавсифи рафтор дар вазъиятои ихтилофӣ»-и К. Томас.

Тести "Хусусияти муносибати байниҳамдигарии ҳамсарон дар вазъиятҳои ихтилофӣ". Анкетаи "Муаллим аз нигоҳи донишҷӯён" (муаллифон В.Л.Назаренко ва Ю. П. Строков).

Тести «Муайян кардани қобилиятҳои тарбияи фарзанд ва ҳаёти оилавӣ» (муаллиф В.И.Чередниченко).

**«Т» - маълумотҳо (аз «objective test data»)** [134, с.103]. Дар натиҷаи ченкунии объективии рафтор (шифоҳӣ, ғайришифоҳӣ, иҷтимоӣ, фардӣ) бе муроҷиат ба худбаҳодиҳиҳо ва ё баҳогузории коршиносон ҳосил мегардад. Дар ҳамаи мавридҳо вазъиятҳои хурди махсус барои зоҳирнамоии хусусиятҳои шахсӣ муҳайё карда мешаванд. Объективии «Т»-маълумотҳо ҳангоми риояи талаботи асосии зерин дастрас мегарданд.

1. Ба имконияти таҳриф баҳогузории тестҳо маҳдудият гузошта шудааст.

2. Усули объективии гирифтани баҳогузорӣ аз рӯйи реаксияи озмудашаванда.

Акнун ҳар тестҳои истифодашавандаро ба таври мухтасар шарҳ медиҳем.

***Анкетаи психологӣ ҷиҳати омӯзиш ва тадқиқи вазъи оилаи донишҷӯён.*** Дар илми психология анкета гуфта, номгӯи саволҳое дар назар дошта мешавад, ки ба озмудашавандагон тақсим гардида, натиҷаи он минбаъд ҳамчун маълумоти ибтидоии таҷрибавӣ барои ҷамбаст намудан хизмат мекунад. Асоси анкетаи психологиро ҳисоботи хаттии озмудашавандагон ва худбаҳодиҳию худҳисоботдиҳӣ ташкил медиҳад. Ду намуди анкетаро фарқ мекунанд, анкетаи типи кушода ва анкетаи типи пӯшида. Дар типи якуми он, яъне анкетаи типи кушода савол дода мешавад ва ҷавоб озод аст, озмудашаванда дилхоҳ ҷавоберо, ки зарур меҳисобад, ишора мекунад. Аммо намуди дуюми он, вариантҳои ҷавоб вуҷуд доранд ва озмудашавандаҳо яке аз вариантҳои ҷавобро интихоб мекунанд. Анкетаи тартибдодашудаи мо типи анкетаи пӯшидаро дорад ва он аз 50 савол иборат буда, ҷиҳати омӯзиш, муайян намудан ва ҳамзамон таҳқиқи пурраи ҳолати оилавии донишҷӯёни оиладор равона гардидааст. Анкетаи мазкур, аз 50 савол бо вариантҳои ҷавобҳои

гуногун тартиб дода шуда, донишҷӯёни оиладор метавонанд якчанд вариантҳои ҷавобро интихоб намоянд.

***Методикаи арзёбӣ намудани фазои психологӣ дар гурӯҳ (аз рӯйи А.Ф. Фидлер)*** [190]. Дар соҳаи психологияи педагогӣ, ки рисолаи мо ҳам ба ҳамин самт бахшида шудааст, ду мафҳум бо ҳам тавъаманд, бештар истифода мешаванд, ба монанди: ҳам муҳити психологию иҷтимоӣ ва ҳам фазои психологӣ. Бо ибораи дигар, агар ин ду зуҳурот тавассути муносибатҳои байнишахсӣ сурат гиранд, дар ин маврид мафҳум ва ё истилоҳи муҳити иҷтимоӣ-психологӣ ва ё фазои иҷтимоӣ–психологӣ мавриди истифода қарор мегирад, аммо дар сурате, ки муҳит ва фазои иҷтимоӣ-психологӣ бо соҳаи маънавиёти гурӯҳе алоқамандӣ дошта бошад, пас дар ин маврид истифодаи мафҳуми муҳити маънавӣ–психологӣ мувофиқи мақсад ба шумор меравад.

Дар ин асно, барои ташхис ва омӯзиши фазо дар гурӯҳ мо аз методикае, ки аз ҷониби А.Ф. Фидлер коркард гардидааст, истифода намудем. Методикаи мазкур эътимонокиаш баланд мебошад, зеро дар раванди ташхис ному насаби озмудшавандаҳо пурсида ва дарҷ намегарданд.

Дар варақаи методикаи мазкур ҷадвале оварда шудааст, ки дорои ҷуфтҳои калимаҳое мебошад, ки аз ҷиҳати маъно ба ҳам муқобиланд ва он тавсифдиҳандаи фазои гурӯҳ мебошад. Ҷавоб дар варақ ҳамчун аломати (х) қайд карда мешавад. Арзёбӣ аз 1 то 8 холро дар бар мегирад. Сутуни рақами №1 ифодакунандаи муносибати баланди мусбиро зоҳир мекунад ва сутуни рақами №8 бошад, баръакси онро.

Маводи методикаи мазкур дар ҷадвали №1 оварда шудааст.

Коркарди натиҷаҳои методикаи мазкур чунинанд. Ҷавоб ба ҳар як аз сутан аз 1 то 8 хол дода мешавад. Ҳамин тариқ,

1. Барои ҳар як озмудашаванда баҳодиҳии субъективии фазои психологӣ дар коллектив ҳисоб карда мешавад: холҳои ҳамаи 10 нуқтаи ҷадвал ҷамъ карда мешаванд.

2. Ҳисоби миёнаи арифметикии баҳодиҳии субъективии фазои психологӣ дар коллектив низ ҳисоб карда мешаванд.

Натиҷаи ниҳоӣ аз 10 (холҳои мусбӣ) то 80 (баҳои манфӣ) калавиш мехӯранд. Нишондиҳандаи паст далолаткунандаи фазои мусоиди психологӣ дар гурӯҳ мебошад.

**Ҷадвали №1**

| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Дӯстӣ | | | | | | | | | Душманӣ (хусумат) |
| 2. | Ризояит | | | | | | | | | Норозигӣ |
| 3. | Қаноатмандӣ | | | | | | | | | Ноқаноатмандӣ |
| 4. | Маҳсулнок | | | | | | | | | Бемаҳсул |
| 5. | Муносибати гарм | | | | | | | | | Муносибати сард |
| 6. | Ҳамкорӣ | | | | | | | | | Норозигӣ |
| 7. | Дастгирии ҳамдигар | | | | | | | | | Муносибати нохайрхоҳона |
| 8. | Шавқманд | | | | | | | | | Бепарво |
| 9. | Вақтхушӣ | | | | | | | | | Зиқӣ |
| 10. | Комёбӣ | | | | | | | | | Нокомӣ |

***Тести “Қаноатмандӣ аз издивоҷ” (муаллифон в. В. Столин, т. Л. Романова, г. П. Бутенко)*** [191]. Дар тадқиқоти мо тести “Қаноатмандӣ аз издивоҷ” барои омӯзиши аъзоёни оилаҳои ҷавони донишҷӯён ҷиҳати қаноатманд будан ва ё ғайриқаноатмандии онҳо аз изидивоҷ равона гардидааст. Методикаи мазкур ҳамчун ташхиси таъҷилӣ ҷиҳати муайян намудани ҳолати қаноатмандӣ аз издивоҷ, ҳамчунин барои муайян намудани дараҷаи мувофиқат ва ё номувифақти фикрҳою майлу хоҳишҳои ҳамсарон коркард гардидааст.

Тести “Қаноатмандӣ аз издивоҷ” аз 24 муҳокима иборат буда, ба 6-типҳои мазкур ҷудо мешаванд:

Тавофут гузоштани издивоҷи худ бо издивоҷи дигарон.

Тасаввур ва тахминанан арзёбӣ намудани издивоҷи худ аз дигар тараф.

Изҳори ҳиссиёти муайян ва ё дигар ҳиссиётҳо нисбат ба ҳамсар дар замони ҳозира ё гузашта.

Арзёбии шахсӣ намудани ҳамсар аз рӯйи якчанд ҷанбаҳо;

Мақсадгузориҳо барои тағйир додани характери ҳамсар.

Дар маҷмуъ, андешаҳои мусбат ва ё манфӣ дар масъалаи издивоҷ.

Ҳар як муҳокима дар худ се варианти ҷавобро дорад: «дуруст», «дар ҷавоб душворӣ мекашам» ва «нодуруст». Муҳокимаҳои мазкур ҳам тавсифдиҳандаи мусбат ва ҳам манфии муносибатҳои оилавиро дар бар мегиранд. Истифодаи самараноки тести мазкур дар тадқиқоти мо он ба шумор меравад, ки гузаронидани тести мазкур ҳамагӣ 10 дақиқаро мегирад. Дар баробари ин, дар тести мазкур масъалаҳои муносибати маҳрамонаи оилавӣ ба таври муфассал оварда нашудааст.

Нишондоди тест чунин аст: «Ҳар як муҳокимаро бодиққат хонед ва яке аз се варианти ҷавобро интихоб намоед. Кӯшиш кунед, аз додани ҷавобҳои намуди "душвор аст гуфтан" ва ё "дар ҷавоб душворӣ мекашам" канораҷӯйӣ намоед. Аз рӯйи имконот кӯшиш кунед, корро тезтар ба анҷом расонед".

Коркарди натиҷаҳои тести "Қаноатмандӣ аз издивоҷ" дар чунин шакл сурат мегирад. Агар ҷавоби интихобнамудаи озмудашаванда бо калиди тест мувофиқат кунад, 2 хол дода мешавад, агар ҷавоб миёна бошад – 1 хол ва агар ҷавоби озмудашаванда бо калиди тест мувофиқат накунад, ягон хол дода намешавад. Бо ҳамин тартиб ҷамъи холлҳо ҳисоб карда мешаванд ва ин нишондиҳанда бояд аз 0 то 48 холро ташкил диҳад. Нишондиҳандаи баланд дар бораи қаноатмандӣ аз издивоҷ дарак медиҳад.

Бо ҳамин тартиб, ҷамъи холҳои ба даст омада, ба 7 гурӯҳ ҷудо карда мешаванд, ки онҳо чунинанд:

0-16 хол – комилан издивоҷи номусоид;

17-22 хол – издивоҷи номусоид;

23-26 хол – ба издивоҷи номусоид наздик аст;

27-28 хол – гузариш;

29-32 хол – бештар далолаткунандаи издивоҷи мусоид;

33-38 хол – издивоҷи мусоид;

39-48 хол – комилан муносибати оилавии солим ва издивоҷи комилан мусоид.

Мақсад из интихоби тести мазкур дар тадқиқоти мо чунин омилҳо ба шумор меравand, ки тести "Қаноатмандӣ аз издивоҷ" ҳамчун тести ташхисии таъҷилӣ мебошад, яъне тавассути он метавон ҳолати қаноатмандӣ аз издивоҷро дарҳол ташхис намуда, натиҷаҳоро ба даст овард. Ҳамзамон, муаллифони тести мазкур истифодаи онро дар тадқиқотҳои илмии соҳаи муносибатҳои оилавӣ, ҳангоми тадқиқоти пешгирии психологии оилаҳои дар шароити номусоид қарордошта, ҳамчунин дар раванди кор бо оилаҳое, ки дар раванди ҷудошавӣ қарор доранд, дар машваратҳои судӣ ва дар машварати муносибатҳои оилавӣ мувофиқи мақсад мешуморанд.

***Тести «Тавсифи рафтор дар вазъиятои ихтилофӣ»-и К. Томас*** [192]. Тести «Тавсифи рафтор дар вазъиятои ихтилофӣ» аз ҷониби К. Томас чиҳати омӯзиш ва тадқиқи тамоюли шахсӣ ба рафтори низоӣ, муайян намудани услубҳои ҳалли вазъиятҳои ихтилофӣ коркард гардидааст. Мувофиқи пешниҳоди муаллифи тести мазкур, методикаи мазкурро метавон барои омӯзиши хусусиятҳои мутобиқшавӣ ва коммуникативии шахсӣ, услуби муносибатҳои байниҳамдигарӣ истифода намуд. Тести «Тавсифи рафтор дар вазъиятои ихтилофӣ» К. Томасро метавон ҳам тариқи гурӯҳӣ ва ҳам тариқи инфиродӣ мавриди истифода қарор дод. Вақти баргузории тест 15-20 дақиқаро дар бар мегирад.

Муаллифи тести мазкур К. Томас дар чунин андеша қарор дорад, ки канораҷӯйӣ аз ихтилоф боиси ҳалли он намегардад, балки онро боз ҳам мураккабтар мегардонад. Ҳангоми зоҳир намудани рафторҳои рақобатпазирӣ, мутобиқнамои худ ва созиш, ки дар натиҷа яке аз тарафҳо ғолибиятро ба даст меораду тарафи дигар бошад, мағлуб мешавад ва ё ҳар ду тараф мағлуб мешаванд, зеро онҳо ба гузашткунии созиш роҳ медиҳанд. К.Томас ҳамкориро афзалтар мешуморад ва чунин меҳисобад, ки танҳо дар ҳамкорӣ метавонад ҳар ду тараф ғолибиятро ба даст оваранд.

Дар саволномаи худ барои муайян кардани шаклҳои маъмулии рафтор, К.Томас ҳар як аз панҷ варианти имконпазири номбаршударо бо 12 муҳокимаҳо дар бораи рафтори шахс дар вазъияти ихтилофӣ тавсиф мекунад. Дар ин замина, онҳо ба 30 ҷуфт гурӯҳбандӣ карда мешаванд, ки ҳар дар яки онҳо бояд он муҳокимаеро, ки ба ӯ бештар хос мебошад, интихоб мекунад.

Барномаи гузарони тести «Тавсифи рафтор дар вазъиятҳои ихтилофӣ» К. Томас чунин наст: «Аз ҷуфти муҳокимаҳо ҳамон муҳокимаеро, ки ба рафтори Шумо дар вазъиятҳо ихтилофӣ бештар муносиб аст, интихоб намоед".

Коркарди натиҷаҳои тести «Тавсифи рафтор дар вазъиятҳои ихтилофӣ» К. Томас дар чунин шакл сурат мегирад. Миқдори холҳое, ки аз рӯйи ҳар як ҷадвал соҳиб мегардад, вобаста ба рафтори озмудашаванда вазъиятҳои ихтилофнок далолат медиҳад ва дар маҷмуъ чунин намудҳои рафтор муайян мегардад:

Рақобат – усули на он қадар самараноку на он қадар бештар дар вазъиятҳои ихтилофӣ истифодашаванда ба шумор меравад. Кӯшиш мекунад бо ҳар гуна воситаҳо шавқу ҳавасҳояш қаноатманд гарданд, ҳатто дар мавриди зиён расонидан ба тарафи дигар.

Мувофиқатнамоӣ – ин муқобили усули болоӣ, яъне рақобат буда, маънои шавқу ҳавас ва манфиатҳои шахсии худро барои нафари дигар қурбонӣ карданро дорад.

Созиш – ин маънои бастани шартномаи тарафайн, яъне байни иштирокчиёни низоъ тавассути гузашткуниҳои тарафайн ихтилофро дода метавонад.

Саркашӣ ва ё дурӣ ҷӯстан – ин маънои онро дорад, ки шахс на барои ҳамкорӣ кардан майл дорад ва на барои расидан ба ҳадафҳои шахсӣ.

Ҳамкорӣ – маънои онро дорад, ки ҳар ду тараф ба қароре омадаанд, ки пурра шавқу ҳавас ва манфиатҳои тарафайн қонеъ мегардад.

***Тести “Хусусияти муносибати байниҳамдигарии ҳамсарон дар вазъиятҳои ихтилофӣ”*** [168]. Тести мазкур дар маҷмуъ хусусияти ҳамсаронро аз рӯйи чунин ҷанбаҳо тавсиф медиҳад:

- соҳаи ихтилофноки муносибатҳои оилавӣ;
- дараҷаи қаноатмандӣ (ноқаноатмандӣ) дар вазъиятҳои ихтилофӣ;
- дараҷаи ихтилофнокии ҳамсарон.

Тести “Хусусияти муносибати байниҳамдигарии ҳамсарон дар вазъиятҳои ихтилофӣ” дар худ матни саволнома, варақаи қайди ҷавобҳо, тавсифи 32 вазъияти муносибати байниҳамдигарии ҳамсарон, ки хусусияти ихтилофиро доранд, фарогир мебошад. Ба сифати ҷавоб иштирокчиёни мо, яъне аъзои оилаҳои ҷавони донишҷӯён ҷадвали аксуламалҳои ҷавобӣ ба ин гуна вазъиятҳоро, ки дар ду шакл зоҳир мешаванд: фаъолӣ ва пассивии аксуламалҳо ва қаноатмандию ноқаноатмандӣ бо ҳамсар пешниҳод гардидааст, интихоб менамояд. Тарафи чапи ҷадвал – равшан зоҳир намудани норозигии худ, муносибати норозигии бетарафӣ, норозигии худро пассивона зоҳир намуданро фарогир аст. Тарафи рости ҷадвал бошад, баръакси онро дар бар мегирад, яъне фаъолона розигии худро зоҳир намудан.

Дар раванди гузаронидани тадқиқот ба иштирокчиён-оилаҳои ҷавони донишҷӯён чунин нишондодро пешниҳод намудем. “Дар муносибатҳои оилавӣ бештар байни ҳамсарон нофаҳмиҳо, бархурди манфиату шавқу ҳавасҳо ва дигар камбудиҳо вомехӯранд. Ба Шумо вазъиятҳои ба ин монанд пешниҳод мегардад ва Шумо бояд аз байни ин вазъиятҳо ҳолати бештар ба Шумо наздик бударо интихоб намоед:

- «-2» - бо он чизҳои, ки ӯ мегӯяду рафторҳое, ки дар ин вазъият мекунад, комилан розӣ нестам, фаъолона норозигии худро баён мекунам ва барои ин устуворӣ мекунам.
- «-1» - бо он чизҳои, ки ӯ мегӯяду рафторҳое, ки дар ин вазъият мекунад, комилан розӣ нестам, норозигии худро нишон медиҳам, аммо аз баҳсу муҳокимарониҳо канораҷӯӣ мекунам.

- «0» – ягон коре намекунам ва қароре ҳам намебарорам, муносибати худро ҳам иброз намекунам ва ояндаи вазъияти рухдодаро интизор мешавам.
- «+1» - дар маҷмуъ бо гуфтаҳои ӯ розӣ ҳастам ва ибрози андешаи худро зарур намешуморам.
- «+2» - бо гуфтаҳо ва амалҳое, ки дар ин вазъият мекунад, пурра розӣ ҳастам, фаъолона ӯро дастгирӣ мекунам ва қабул дорам.

Дар ин асно, мо аз иштирокчиёни худ хоҳиш намудем, ки ҳангоми ҷавоб додан бештар фикр накунанд, зеро дар ин маврид ҷавобҳои «дуруст» ва ё «нодуруст» вуҷуд надоранд. Тамоми ҷавобҳои додашудаи Шумо махфӣ нигоҳ дошта мешаванд.

Коркарди тести “Хусусияти муносибати байниҳамдигарии ҳамсарон дар вазъиятҳои ихтилофӣ” чунин сурат гирифт. Омӯзиш ва таҳқиқи ихтилофҳои оилавӣ имкон дод, ки 8 самти ихтилофҳоро, ки бештар мавридҳо ҳамсарон ба он рӯбарӯ мешаванд, ҷудо намоем ва онҳо чунинанд:

- Мушикилот дар муносибат бо хешу таборон ва дӯстон.
- Масъалаҳои алоқаманд бо тарбияи кӯдакон.
- Майли зоҳир намудани ба худмухторӣ.
- Вайрон шудани интизориҳои нақшӣ.
- Мутобиқ набудани меъёрҳои рафтор.
- зоҳир шудани ҳукмфармоии яке аз ҳамсарон.
- Зоҳиршавии рашк.
- Тафовут дар муносибат бо пул.

***Анкетаи “Муаллим аз нигоҳи донишҷӯён” (муаллифон В.Л.Назаренко ва Ю. П. Строков).***

Анкетаи мазкур ҷиҳати омӯзиши раванди таълим ва баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ тартиб дода шудааст. Анкетаи мазкур аз саволҳои на он қадар мураккаб таркиб ёфтааст ва дар он вариантҳои ҷавоб низ оварда шудааст. Мо аз

иштирокчиёни тадқиқоти худ, яъне оилаҳои ҷавони донишҷӯён хоҳиш намудем, ки бодиққат саволҳоро хонда, варианти ба худашон муносибро интихоб намоянд. Ҳамзамон, махфӣ нигоҳ доштани ному насаби оилаҳои ҷавони донишҷӯён кафолат дода шуд.

Дар қисмати аввал саволҳо дар бораи дараҷаи комёбиҳои оилаҳои донишҷӯён дар раванди таълим пешниҳод гардидаанд ва онҳо чунинанд: Шумо комёбиҳои худро дар сессияи охирони имтиҳонӣ чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

- танҳо ба баҳои "аъло" ва "хуб" таҳсил мекунам;
- танҳо ба баҳои "аъло", "хуб" таҳсил мекунам, аммо баҳои "се" ҳам дорам;
- умуман бо баҳои "се" таҳсил мекунам.

Анкета боз аз 7 савол иборат мебошад ва ҳар як савол дорои вариантҳои худ мебошад ва онро низ ишора мекунемт ***(Ҷадвали 2).***

Мавриди тазаккур аст, ки истифодаи анкетаи мазкур барои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ҷиҳати муайян намудани дараҷаи касбияти омӯзгорон ва баланд бардоштани сифати таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ мувофиқи мақсад шуморида мешавад ва истифодаи онро тавсия медиҳем.

***Тести «Муайян кардани қобилиятҳои тарбияи фарзанд ва ҳаёти оилавӣ» (муаллиф В.И.Чередниченко).*** Тести мазкур дар интиҳои тадқиқот гузаронида шуд. Барои шарҳи ин ташхис, натиҷаҳои бадастомада вобаста ба шумораи холҳои гирифташуда ба чор категория тақсим карда мешаванд:

1. 24 - 30 хол - Шумо метавонед на танҳо як оилаи хуб, падар ё модари оличаноби фарзандони худ, балки муаллими хуб ҳам шавед. Кӯдакон шуморо дӯст хоҳанд дошт.

2. 18 - 23 хол - Шумо дар оилаатон хеле мураккабиҳову душвориҳо хоҳед дошт. Бартараф кардани онҳо то андозае аз сифатҳои шахсии ҳамсаратон вобаста хоҳад буд. Мо метавонем тавсия диҳем, ки саволҳои

санҷишро, ки шумо ба онҳо ҷавоби манфӣ ва ё норавшан додаед, нависед ва дар вақти холӣ дар ин бора фикру андешаи худро аз нав баён намоед.

3. 12 - 17 хол - Агар Шумо дар оянда назаратонро ба зиндагӣ, оила ва тарбияи фарзанд дигар ва ё иваз накунед, барои шумо як кори мушкил, дарднок ва нохушоянд мегардад. Барои аз ин сарнавишт халос шудан аз ҳар баҳона, то замони тарки оила истифода хоҳед кард.

4. 0-11 хол - Умуман, шуморо ҳамчун марди оилавӣ, падар ё модар тасаввур кардан душвор аст. Ин бадбахтии бузург барои кӯдакон хоҳад буд. Агар шумо муаллим шуданро интихоб кунед, шумо низ набояд кори иҷтимоиро интихоб кунед.

**Ҷадвали №2**

| **№** | **Муҳокима** | **Пура розиам “5”** | **Розиям “4”** | **Қисман розиям “3”** | **Аниқтараш норозиям “2”** | **Пурра норозиям “1”** | **Душворӣ мекашам, ҷавоб дода** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ба предмет шавқу ҳавасро бедор месозад | | | | | | |
| 2. | Маром ба худомӯзишӣ, рушди қобилиятҳои эҷодиро ва сифатҳои шахсиро бедор месозад | | | | | | |
| 3. | Алоқа бо фаъолияти амалӣ, омӯзгор донишҷӯро ба касб ҳидоят мекунад | | | | | | |
| 4. | Дониш ва фарҳанги нутқ (нутқи омӯзгор касбӣ, ифоданок ва фаҳмо буда, имкони қайдҳои зарурӣ дида мешавад) | | | | | | |
| 5. | Омӯзгор объективӣ буда, эҳтиромро нисбати донишҷӯён зоҳир мекунад. | | | | | | |
| 6. | Ташкилотчӣ ва доимо бо вақту соаташ ҳозир мешавад. | | | | | | |
| 7. | Сифати касбӣ ва шахсии омӯзгор ба тасаввуроти шумо дар бораи омӯзгори донишгоҳ будан мувофиқат мекунад. | | | | | | |

Ташаккури зиёд барои ҳамкорӣ!

***Гурӯҳчинии таҳқиқот.*** Дар тадқиқоти мо донишҷӯёне, ки синнусолашон то 28 сола буда, на камтар аз се сол зиндагӣ мекунанд, иштирок намуданд. Тадқиқот дар ду муассисаи давлатии таълимӣ – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хисрав гузаронида шуд. Сабаби асосии интихоби ин муассисаи таълимӣ дар он аст, ки дар он кафедраи психология бо мутахассисони варзида кору фаъолият мекунад ва таърихи қадима дорад.

Дар маҷмуъ, тадқиқоти мо дар се давра гузаронида шуд ва мо онҳоро шартан чунин номгузорӣ намудем.

Давраи аввал "Ташхиси ибтидоӣ", давраи дуюм – "Ташкил ва таъмини дастгириҳои психологию педагогӣ" ва давраи сеюм – "ташхиси ниҳоӣ". Ҳар як давраҳои тадқиқотиро ба таври муфассал дар зербобҳои алоҳида дида мебароем.

## 2.3. Таҳлили натиҷаҳои аз таҳқиқот ба даст омада бо назардошти амсилаи барномаи роҳнамоии педагогӣ - психологии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таълимӣ

Синну соли донишҷӯӣ аз рӯйи таҳлили адабиёти соҳаи педагогика ва психологияи синнусолӣ мусоид барои азбар намудани донишҳои зарурӣ ва гирифтани маълумоти олӣ ва ҳамзамон, барои барпо намудани оила маҳсуб меравад. Давраи мусоид дар психологияи синнусолӣ даврае номида мешавад, ки хусусиятҳои психологии шахс ва дараҷаи инкишофи зеҳнии шахс барои барпо намудани оила ва кӯшиши худро ҳамчун шавҳар ва мардонавор худро мустақилона зоҳир намудан имкони заруриро дода метавонад.

Дар ин синнусол ҳатто имкони васеъ гардидани дараҷаи фикррронӣ ва имконоти зеҳнӣ мушоҳида мешавад, зеро донишҷӯ на танҳо барои худ фикр мекунад, балки барои ҳар як аъзои оила андешаронӣ намуда,

кӯшиши таъминоти моддию молиявии оиларо карда, дар фикру андешаи оилаи солим ва устувор нигоҳ доштани он мешавад ва аллакай ин гуна андешаронихо ин донишҷӯи оиладорро аз дигар донишҷӯён тафовут мекунад ва ин нафар ҳамчун нафари мустақил аз дигарон бо куллӣ фарқ мекунад.

Гарчанде мо бештар масъалаҳои психологию педагогию иҷтимоиро дида бошем ҳам, мутаассифона, ҷанбаи дигари он то имрӯз боқӣ мемонад, ки барои таҳқиқотии самти ҳуқуқшиносӣ масъалаи актуалӣ мебошад ва ин масъалаҳои бо манзил таъмин намудани оилаҳои ҷавони донишҷӯён, дар боғчаҳо қабул намудани кӯдакони донишҷӯён ва оилаҳои донишҷӯёни дар шакли ғоибона таҳсилмекарда маҳсуб меёбад. Зеро масъалаи мазкур на дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба таври пурра қабул гардидааст. Аксари муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ҳатто масъалаи одитарини оилаҳои ҷавони донишҷӯёнро ба инобат намегиранд, чӣ расад ба масъалаи таъмини кӯдакони онҳо ба боғчаҳо ва дигар масъалаҳои рӯзмарраи онҳо.

Таҳқиқоти рисолаи илмии мо аз ду қисмат иборат мебошад ва қисмати якуми рисола дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав гузаронида шуд, ки дар он шароитҳои муайян фароҳам оварда шудааст, яъне на танҳо барои умуман донишҷӯён, балки барои оилаҳои донишҷӯён шароити муайяну зарурӣ муҳайё карда шудааст. Дар робата ба ин, аз кафедраи психологияи донишгоҳҳои мазкур сар карда, то факултету раёсати ин муассисаҳои таълимӣ оид ба масълаи мазкур огоҳ дошта, корҳои муайянро дар ин самт ба сомон расонидаанд. Ба низоми таҳсилоти олии шаҳр донишгоҳҳои сатҳи мухталиф (донишгоҳҳо, академияҳо, донишкадаҳо) ва ихтисосҳо: педагогӣ, тиббӣ, техникӣ, кишоварзӣ ва ғайра маҳсуб меравindependent.

Одатан муассисаи таълимӣ аз ҷониби довталабон бештар аз рӯйи мавҷудияти шароити хуби таҳсил, доштани хобгоҳи оилавӣ ҳамчун асос арзёбӣ гардида метавонад.

Дар марҳилаи навбатӣ, маълумоти муфассал дар бораи шумораи оилаҳои ҷавони донишҷӯён ҷамъоваорӣ гардида, дар ин хусус чунин методҳои касбии соҳаи психологияи педагогӣ мавриди истифодаи амал қарор гирифт, аз қабили: суҳбати психологӣ, таҳлили ҳуҷҷатҳо ва дигар тестҳои психологӣ, ки дар зербоби пешина дар бораи методҳои мазкур масълумоти муфассал оварда шудааст. Одатан дар қисмати амалӣ ба ду ҷанба нақши асосӣ дода шуд, шумораи оилаҳои ҷавони донишҷӯён, аъзоёни оилаҳои онҳо ва ҷойи зисти оилаҳои ҷавони донишҷӯён. Дар ҷадвали махсус ному насаб (шартан бо ҳарфҳо ишорагардида), синну сол, курс, ихтисос, факултет, ҷойи истиқомат, шумораи фарзандон, дар курси чандум таҳсил намудани онҳо ва дигар маълумоти зарурӣ оварда шудааст.

Ҳамин тариқ, ҳангоми гузаронидани мусоҳибаи психологӣ бо оилаҳои ҷавони донишҷӯён, ки мусоҳибаи мазкур аз ҷониби коршиносон сурат гирифт, ҷузъиёти мазкур муайян ва мушаххас гардиданд. Мусоҳибаи тартибдодаи мо аз чунин саволҳо иборат буд:

1. Оё муассисаи таълимие, ки дар он донишҷӯ таҳсил мекунад, донишҷӯйи оиладорро имкони бо хобгоҳ ва фарзандони ӯро бо муассисаи томактабӣ таъмин карданро дорад?

2. Оё донишгоҳ чунин навъи хадамоте дорад, ки ба донишҷӯён дар пайдо кардани ҷойи кор дар давоми соли хониш бо мақсади ба даст овардани даромади иловагӣ кӯмак расонад?

3. Муносибати коршинос ба оилаҳои донишҷӯён?

Дар маҷмуъ, аз байни гурӯҳи тадқиқотии мо 55 оилаи ҷавони донишҷӯён соҳиби фарзанд буданд. Дар асоси натиҷаҳои ба даст омада маълум гардид, ки донишҷӯёни оиладор ҳам дар хонаи шахсӣ, дар хобгоҳ, дар якҷоягӣ бо падару модар ва ё дар алоҳидагӣ зиндагӣ мекунанд.

Умуман, дар тадқиқоти мо ҳамагӣ 180 оилаҳои ҷавони донишҷӯён иштирок намуданд, ки дар он мусоҳиба бо зану шавҳар дар алоҳидагӣ

гузаронида шуданд. Дар асоси он чунин корҳо татбиқ карда шуданд ва ҳар яки онҳоро дар алоҳидагӣ дида мeброем.

1. Воҳидҳо ва ташкилотҳои ғайридавлатию ҷамъиятӣ, ки самти фаъолияташон ба масъалаи мазкур равона гардидааст, ҳамоҳангсоз намудани онҳо.

2. Шинос намудани оилаҳои ҷавони донишҷӯён бо барномаҳои давалатӣ ва ҷамъиятии ғайридавлатии мавҷуда, ки бевосита ба самти мазкур равона гардидаанд.

3. Дастрасӣ ба қарзҳои муҳлатнок барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён ҷиҳати харидорӣ намудани манзили ҷойи истиқоматӣ, кушодани тиҷорати худ ва ҳал намудани дигар мушкилоти оилавӣ.

4. Қарзҳо бо фоизи паст ҷиҳати таълими фарзандон дар муассисаҳои таълимии бонуфӯз.

5. Ташкил намудани ҷойҳои кории холӣ барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён, ташкил намудани курсҳои такмили ихтисоси шабона ва фосилавӣ барои донишҷӯёни фарзанддор.

6. Ташкил ва фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати ҷалби коркунони иҷтимоӣ барои дастгирии оилаҳои донишҷӯён, яъне ба муассисаҳои томактабӣ бурдани фарзандони оилаҳои донишҷӯён.

7. Дастрасӣ намудани оилаҳои донишҷӯён ба имтиёзҳои давлатӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон онро тасдиқ ва қабул намудааст (муроҷиат ба духтурон дар давраҳои гуногуни ҳомилашавӣ, масалан дар давраи репродуктивӣ).

Муносибати мо ба муҳтавои ёриву дастгирии психологию педагогии оилаҳои донишҷӯён дар муҳити донишгоҳ бевосита бо кори таълимӣ, тарбиявию илмӣ ва дигар чорабиниҳои муассисаи таълимӣ алоқаи ногусастанӣ дорад.

Чунончи аз амсилаи пешниҳодгардида маълум гардида буд, шахсони мутасаддии масъалаи мазкур дар муассисаи таълимӣ раёсат, ҳайати омӯзгорону кормандони муассисаи таълимӣ, факултету кафедраҳо, хусусан психологону кормандони иҷтимоӣ, марказу

бунгоҳҳои тиббии ин муассисаи таълимӣ ва ташкилоти ҷамъиятии донишҷӯён ташкил медиҳад.

Тибқи амсилаи ташкили кори дастгирию кумакҳои психологию педагогию иҷтимоӣ барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар муассисаи таълимӣ чунин шароитҳо муҳим арзёбӣ мегарданд:

– мавриди омӯзиш ва баррасии доимӣ қарор додани оилаҳои ҷавони донишҷӯён, хусусан хусусиятҳои психологии ҳар як аъзои оила, ҷанбаҳои психологии муносибатҳои оилавии онҳо, давраҳои гуногуни ҳаёти оилавии онҳо, омӯхтан ва муайян намудани хусусиятҳои шахсии аъзоёни оила, ки барои пешбурди раванди таълим ва ҳаёти оилавӣ муҳим мебошанд ва онҳоро бевосита сайқал додан;

- бо назардошти оилаҳои ҷавони донишҷӯён ва мушкилоти ҷойдодаи онҳо пешниход намудани таклифҳои мусоид, яъне пешниҳоди таклифҳое, ки боиси мусоидат намудан ба раванди таълим гардида, ҳам боиси устувор ва солим нигоҳ доштани муносибатҳои оилавии солим мегардад;

- ширкат варзидан дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, таҳияи асосҳои назариявӣ ва усулҳои методологии дастгирии психологию педагогии оилаҳои донишҷӯён дар давоми таҳсил дар донишгоҳ;

- дуруст ва якхела дарк намудани мутахассисони бевосита бо кори дастгирии психологию педагогӣ ва коллективи педагогии донишгоҳ;

- ташкил намудани гурӯҳи махсуси оилаҳои ҷавони донишҷӯён шартан бо номҳои “модарони ҷавон” ва ё “падарони ҷавон” ва дар асоси андешаронии гурӯҳи мубодилаи таҷрибаҳо сурат гирифта, ҳамин тариқ, камбудиҳои муносибатҳои оилавии худро ҳар як оилаи ҷавони донишҷӯ дарк мекунад ва ба ҳамин васила оилаҳо метавонанд дастгирикунандаи ҳамдигар бошанд;

- муайян ва аниқу равшан намудани шароити зисти оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар хобгоҳҳои муассисаи таълимӣ, арзишҳои моддию

маънавии оила, нақшаҳои дурнамои ҳар яке аз аъзоёни оила, муайян намудани дараҷаи таҳсил ва дараҷаи дониши воқеии аъзоёни оила.

Дар робита ба ин, мебояд ишора намуд, ки кӯмаку дастгириҳои болозикр бояд хусусияти ҳамгироро дошта бошад, яъне бо ибораи дигар ҳаматарафа бошад ва аз рушди хусусиятҳои фардии ҳар як аъзои оила оғоз ёбаду то ба нуқтаи ниҳоии он – нақшаҳои дурнамои оилаҳоро дар бар мегирад. Роҳандозӣ намудани ин гуна муносибатҳои фарогир боиси ҳалли мушкилоти муосири оилаҳои ҷавони донишҷӯёни муосир гардида, барои роҳандозӣ намудани муносибати солими оилавӣ ва пойдор нигоҳ доштани ин оила мусоидати хубро фароҳам меорад.

Дар асоси ишораҳои болозикр метавон чунин андешаронӣ намуд, ки дастгириҳои психологию педгогию иҷтимоӣ маҷмуи нақша чорабиниҳо буда, барои муайян намудани хусусиятҳои психологию педагогии оилаҳои ҷавони донишҷӯён, мусоидат барои комёбиҳои таълимӣ, ҳалли ихтилофҳои оилавӣ, ба роҳ монда тавонистани муносибати солими оилавӣ, мутобиқшавии оилаҳои донишҷӯён ба шароити таълимӣ, корӣ ва оилавӣ ва иҷрои самараноки нақшҳои донишҷӯӣ, корӣ, падарӣ ва ё модарӣ, шавҳарӣ ва ё ҳамсарӣ, гузаронидани тарзи ҳаёти солим, дарк кардани маънои зиндагӣ ва баҳри маънои зиндагӣ ва устувор нигоҳ доштани оилаи худ мубориз бурданро тақозо мекунад.

Одатан дар масъалаҳои болозикр ташхиси психологию педагогӣ нақши калидиро мебозад. Масалан, агар ягон ҷоямон дард кунад, мо ба назди духтур муроҷиат мекунем. Духтур аввал моро гӯш карда, баъдан талаб мекунад, ки мо якчанд “ташхис”-ҳоро супорем ва пас аз баромадни натиҷаи онҳо, духтур ба кори худ шуруъ мекунад. Яъне бе ташхиси духтур корро сар намекунад, зеро анализ ҳолати воқеии организмро нишон медиҳад ва дар асоси он духтур кори табобатии худ оғоз мекунад. Қисмати амалии рисолаи мо ҳам ба мисли кори табобтии духтур буда, бе ташхиси психологию педагогӣ ҳеҷ маъное дода наметавонад. Бо ибораи дигар, аввал ташхиси психологию педагогиро гузаронида, ҷанбаҳои

муҳимми масъалаи ҷойдоштаро муайян ва мушахас менамоем ва баъдан дар асоси натиҷаҳои аз ташхиси психологию педагогӣ ба даст омада, мушкилотҳои асосӣ ошкор карда мешаванд ва дар асоси он тавсияҳои дахлдори мутахассисони касбӣ пешниҳод мегарданд.

Дар раванди гузаронидани ташхиси психологию педагогӣ хусусиятҳои психологии шахсияти донишҷӯ, фазои иҷтимоӣ-психологии муҳитҳои таълимӣ, корӣ ва оилавӣ, муайян намудани арзишҳои шахсию оилавии онҳо ва дигар хусусиятҳо ва падидаҳо мавриди ташхис қарор дода мешаванд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки вазифаҳои калидии ёриву дастгириҳои педагогию психологию иҷтимоӣ дар муассисаҳои таълимӣ барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён аз инҳо иборат мебошад:

1. Таҳлилу баррасиҳои падидаҳои иҷтимоӣ-психологӣ дар муҳити донишҷӯён, ташкили чорабиниҳо барои ислоҳи иҷтимоӣ-психологии онҳо, ҳамзамон, омода намудани тавсияҳои умумӣ барои шахсони мутасаддӣ, хусусан ба садорати факултетҳо ва кафедраҳои вобаста буда, ҷиҳати риояи тавсияҳои мазкур барои бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта, пешниҳоди тавсияҳо ба худи донишҷӯён ҷиҳати рушд додани хусусиятҳои мусбати худ, ки барои комёбиҳои таълимӣ муҳим арзёбӣ мегарданд.

2. Омӯзиши амиқи иҷтимоию психологӣ ва педагогии оилаҳои донишҷӯён, ки дар рафти мушоҳида бо мақсади барвақт ошкор намудани шахсоне, ки дар мутобиқшавӣ ба ҳаёти оилавӣ, мушкилоти таълиму тарбия ва вобаста ба ташкили оила сурат мегирад, душворӣ мекашанд.

3. Таҳияи тавсияҳо барои сохторҳои идоракунии донишгоҳҳо, роҳбарони гурӯҳҳо ва ҳайати омӯзгорон оид ба тақсимоти оптималии фишори равонӣ ба донишҷӯёни оиладор бо дарназардошти хусусиятҳои шахсӣ ва вазъи оилавии онҳо.

4. Таҳқиқ ва омӯзиши муҳити донишҷуён дар муассисаи таълимӣ: типҳои донишҷӯён, гурӯҳҳои донишҷӯён, арзишҳои моддию маънавии онҳо ва ғайра.

Ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани дастгириҳои психологию педагогию иҷтимоӣ дар муассисаи таълимӣ барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар назди кумитаи иттифоқи касаби донишҷӯён таъсис ва ташкили маҳфили оилавиро зарур донистем ва онро ташкил намудем.

Маҳфили зикргардида бояд корҳои зайлро пешбарӣ намояд.

1. Омода намудани парвандаи шахсӣ ва оилавии донишҷӯёни муассисаи таълимӣ.
2. Ташхиси тиббӣ ва ҳамзамон, ташхиси психологию педагогии ҳам ҳар як аъзои оила ва ҳам муносибату фазои иҷтимоӣ-психологии оилаҳои донишҷӯён дар маҷмуъ.
3. Ҷалби мутахассисони касбии соҳаи психологи ва кори иҷтимоӣ ва дигар мутахассисони касбӣ ҷиҳати расонидани ёриву дастгириҳои зарурӣ барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён.

Дар асоси амсилаи тартибдода ва маҳфили ташкилкардашуда чунин воҳидҳои сохтории муассисаи таълимӣ ворид мешавад:

- ректорат;
- шурои олимони факултетҳо;
- раёсатҳои дахлдор;
- сарпарастони курсҳо;
- кафедраи психология ва кори иҷтимоӣ;
- хадамоти роҳнамоии касбӣ ва ғайра.

Лозим ба ёдоварист, ки маҳфили мазкур барои ёрӣ расонидан ва дастгириҳои психологию педагогию иҷтимоии оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар муассисаи таълимии мушаххас дар намуди “мизи мудаввар” ташкил ва баргузор менамояд. Якчанд мизҳои мудавввари баргузоргардидаро ишора мекунем.

**Мизи мудаввари №1** дар мавзуи «Никоҳ ва оила» ташкил ва баргузор карда шуд. Дар мавзуи мазкур масъалаҳои асосии оила ва

оилабарпонамоӣ, ҷанбаҳои ҳуқуқии он, ҳуқуқу озодиҳои ҳар як шаҳрванд дар бобати оила ва оилабарпонамоӣ мавриди баррасии умум қарор гирифт.

Ҳамзамон, дар масъалаҳои болозикр мутахассис касбии соҳаи ҳуқуқ баромад намуда, тамоми нозукиҳои онро равшан намуд. Баъдан дар бораи намудҳои оилавӣ сухан идома ёфт ва таъкиду ишора гардид, ки чунин намудҳои асосии оиларо дар маҷмуъ ҷудо мекунанд ва инҳо: оилаи анъанавий (патриархалӣ), оилаи ғайрианъанавӣ (истисморкунанда) ва оилаи баробарҳуқуқӣ (оилаи баробарҳуқуқ) мебошанд.

Намуди якуми он, ки бо номи оилаи анъанавӣ ишора гардид, оилаҳоеро унвон мебаранд, ки то 3 наслро дар бар мегирад ва дорои чунин хусусиятҳои хос мебошанд, ба монанди:

• ҳам аз ҷиҳати иқтисодию молиявӣ ва ҳам аз ҷиҳати таъминоти моддию маънавӣ вобаста будани зан аз шавҳар;

• тақсимоти дурусти уҳдадориҳою хоҷагидориҳои оилавӣ байни зану шавҳар;

• сарвари оила будани мард.

Намуди дуюми оила, яъне оилаи ғайрианъанавӣ, ки баъзан онро оилаи истисморкунанда низ ном мебаранд, дар худ чунин хусусиятҳои фарққунандаро дар бар мегирад:

• дар корҳои ҷамъиятию меҳнатӣ иштироки баробар кардани ҳам зану ҳам шавҳар;

• тамоми вазифаҳои хоҷагидории оилавиро бояд зан иҷро намояд;

Оилаи баробарҳуқуқ намуди сеюми оила буда, дар замони муосир ба ин намуди оила бартарӣ ва афзалият дода мешавад ва он иборат мебошад, аз:

• тақсимоти дурусту одилона тамоми ухдадорӣ ва хоҷагидориҳои оилавӣ;

• дилхоҳ масъала дар машварати якҷояи тамоми аъзоёни оила гузошта мешавад ва дар асоси фикру андешаронихои тамоми аъзоёни оила қарори дахлдор қабул карда мешавад.

Дар бобати оилаҳои мазкур дар зербобҳои пешина маълумоти муфассал оварда шудааст, аз ин лиҳоз мо  мухтасаран танҳо баъзе хусусиятҳои ин намудҳои оилаҳоро ишора намудему халос.

Чунончи, ба ҳамагон маълум аст, ҷузъи ва ё бо ибораи дигар унсури муҳити ҷомеаро оила ташкил медиҳад ва дар баробари ин, зерсохтори ҷомеаро низ оила ташкил медиҳад.

Замони пуртазоди сиёсии замони муосир бо пайомадҳои хеш тавонист ба оилаҳо таъсири худро расонад ва дар ин замина, аллакай оила ҳамчун институти иҷтимоӣ баъзан вазифа ва уҳдадориҳои худро аз даст додааст. Масалан, дар замони муосир, дар масъалаи иҷтимоикунонии аъзоёни оила, ташкили оилавии вақтҳои холӣ ва дигар вазифаҳои ба ин монанд, ки пешбарандаи он оила ба ҳисоб мерафт, мутаассифона аз даст додааст. Ҳамзамон, нақшҳои анъанавии ҳам зану ҳам шавҳар низ рӯ ба тағйирот овардааст.

Аз ин лиҳоз, оилаҳои ҷавони донишҷӯён ба масълаҳои мазкур хоҳ нохоҳ рӯ ба рӯ мешаванд ва ин боиси он мегардад, ки ихтилофҳои оилавӣ сар занад, яъне онҳо бояд муайян намоянд, ки ухдадориҳои оилавиро чӣ гуна тақисм кунанд ва сарвари оила бояд кӣ бошад. Аз ҳалли масъалаҳои мазкур оянда ва давмонокии оилаҳои ҷавони донишҷӯён сахт вобастагӣ дорад.

Вобаста ба ин, ҳангоми барпо намудани оила донишҷӯён бештар ба масъалаҳое рӯ меоранд, ки шояд қаблан дар бораи онҳо шунида буданд, аммо тасаввур ҳам намекарданд, ки ин маъала бо онҳо вомехӯрад. Ба ин мисол шуда метавонад, буҷаи оилавӣ, зоҳир намудани меҳру муҳаббат ба аъзоёни оила, вақти бештари худро сарф намудан ба муносибатҳои оилавӣ ва дигар масъалаҳои ба ин монанд.

Мавҷудияти дониш барои ҳалли масъалаҳои зерин мусоидат карда метавонад, зеро мушкилоти молиявии аксарияти оилаҳои ҷавони

донишҷӯёнро ташкил кардани буҷаи оилавӣ ва тақсимоти самараноки он ташкил медиҳад. Аксар маблағҳоро ҳам зану ҳам шавҳар бе нақшаи пешакӣ тарҳрезӣ карда сарф мекунанд ва мебинанд, ки аллакай дар мобайни моҳ тамоми маош ва идрорпулии онҳо тамом шудааст, аммо зиндагиро пеш бурдан лозим аст. Барои ҳамин ҳам мавҷудияти дониш тақозои замон буда, он боиси стресси оилавӣ, сарфакориро ҷорӣ намудан ва дар асоси тақсимоти дурусти буҷаи оилавӣ зиндагии солимуро пеш бурдан имкони хубро медиҳад.

Аслан, тақсимоти дурусти буҷаи оилавӣ душвор аст ва оилаҳои ҷавони донишҷӯён ба он кам сарфаҳм мераванд, аммо агар онро аз рӯи дараҷаи мефаҳмидагии хеш ташкил намоянд, барои оила бурдбориҳои зиёдро оварда метавонад.

Ҳадаф аз зикри анешаҳои мазкур дар он асос меёбад, ки замони муосир нишон дод, ки хароҷоти оилавӣ ва банақшагирии он барои пешгирии пайёомадҳои замони муосир ба оилаҳои ҷавони донишҷӯён муҳим арзёбӣ мегардад. Тамоми ишораҳои боло дар заминаи мизи мудаввар №1 сухан мерафт.

Акнун ба мизи мудаввари навбатӣ, яъне мизи мудаввари №2 мегузарем.

**«Мизи мудаввар» №2** «Банақшагирии дурусти буҷети оилавӣ» номгузорӣ гардида, дар сатҳи зарурӣ ташкил ва баргузор гардид. Дар мавзуи мазкур, таҳқиқҳои гузаронидашуда ва андешаҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷиеро, ки бевосита дар масъали мазкур кор бурдаанд, аз қабили С.Н.Бурова, А.К.Воднева ва дигарон, ишора карда шуд.

Дар буҷаи оилавӣ чизҳои хурдтарин пулро «мехӯранд». Дар робита ба ин масъала ҳадиси саҳеҳе низ ҳаст, ки сарфи калон аз савдои кучак сарчашма гирифта, талаб карда мешавад, ки сарфаи пул бояд доимо зери назорат қарор гирифта бошад. Барои ташкил намудани дафтари махсуси қайди хароҷоти оилавӣ дар асоси даромади моҳона лозим мебошад. Метавонед дар аввал дар моҳи пешистода аз чизҳои заруриро ишора

намоед, баъдан арзиши онҳоро ва ба ҳамин васила муайян мекунед, ки даромади шумо хароҷоти шуморо басандагӣ мекунед ва ё не?

Барои мисол мо як намунаи онро оварда метавонем. Масалан, хароҷоти моҳона бо тартиб бо нархаш навишта мешавад. Ба ҳамин тартиб, рӯйхати хароҷоти моҳҳои дигар бо маблағи лозимаи моҳона тақрибан муайян мегардад. Буҷет бояд вобаста ба эҳтиёҷоти аввала тақсим карда шавад.

**Маблағи таҳсил** гаронтарин банди буҷаи оила ба шумор меравад. Дар низоми муосири маориф фоизи ҷойҳои буҷетӣ хеле кам аст ва аз ин рӯ, аксари донишҷӯён дар асоси маблағи шартномавӣ таҳсил мекунанд. Одатан, волидайн маблағи таҳсилро пардохт мекунанд, дар акси ҳол, вазъи моддии оилаи донишҷӯ ба таври назаррас бад мешавад, барои онҳо имтиёз ё тахфиф пешбинӣ нашудааст.

**Хароҷоти ғизо** як ҷузъи аслии хароҷоти оилаи донишҷӯист, ки шумо набояд онро сарфа кунед, аммо беандеша сарф кардани пул барои ғизо як айшу ишрат аст. Вазифа душвор, вале ҳалшаванда аст. Хароҷоти ғизо аз он вобаста аст, ки аъзоёни оила дар куҷо ва чӣ гуна хӯрок мехӯранд: дар хона ё дар ошхона.

Агар дар донишгоҳ ошхонаи донишҷӯӣ бошад, ки дар он шумо метавонед зуд, арзон ва болаззат хӯрок хӯред, ин хароҷотро қисман кам мекунад, аммо дар солҳои охир мо аз таърифу тавсиф дида, бештар шикоятҳоро дар бораи хӯроки донишгоҳҳо мешунавем. Ошхонаҳои донишҷӯён одатан танг, баъзан ифлос буда, аксар вақт сифати хизматрасонӣ ва тайёр кардани хӯрок ба талабот ҷавоб дода наметавонад. Аммо дар баробари ин, барои бисёриҳо ошхона қариб ягона имкони гирифтани хӯроки гарм мебошад.

Ҳангоми оқилона пеш бурдани буҷаи оилавӣ хӯрокхӯрӣ дар хона ҳам сарфакорона ва ҳам болаззаттар аст. Дар хӯроки хонагӣ як маҳсулоти хӯрокворӣ метавонад бо дигараш иваз карда шавад, арзонтар,

аммо аз ҷиҳати хосиятҳои ғизоӣ ва ғизонокии он пасттар нест. Ин метавонад хароҷотро кам ва анвои хӯрокро гуногунранг намояд.

**Хароҷот барои кӯдакон.** Ба андешаи мо, дар зиндагии муосир хароҷот барои кӯдак назар ба калонсолон хеле зиёд аст. Охир, кӯдак зуд калон мешавад, вай доимо ба харидани уребчаҳо, чизҳои нав, хӯроки бачагона, бозича, бозиҳои таълимӣ эҳтиёҷ дорад ва ёрдампулии давлат на бештар аз як ҳафта кифоя буда метавонад.

**Пардохт барои манзил**, нақлиёт, нигоҳубини кӯдак. Шумо бе ин хароҷот кор карда наметавонед ва кам кардани онҳо қариб ғайриимкон аст. Дар ҳаёти муосир оилаҳои донишҷӯӣ имтиёз надоранд, ба истиснои пардохти маблағи ками хобгоҳ, ки асосан ба оилаҳое дода мешавад, ки ҳар ду ҳамсарашон донишҷӯи ин донишгоҳ бошанд. Аксар оилаҳои донишҷӯён маҷбуранд, ки пули хизмати коммуналӣ ё манзили иҷоравӣ, хизмати нақлиёт ва муассисаҳои томактабиро пурра пардозанд.

**Хароҷоти асбобҳои беҳдоштӣ** ва кимиёии рузгор мисли озуқа лозим ва зарур аст. Хароҷоти ин ашёро танҳо тавассути харидани маҳсулоти арзонтар ва пастсифат кам кардан мумкин аст, бинобар ин, дар ин ҷо ҳар як оила бояд муайян кунад, ки барои он чӣ муҳимтар аст.

Хароҷот барои қонеъ гардондани талаботи мадании ҳамсари донишҷӯён низ ногузир аст. Онҳо бояд ба кино, театр, намоишгоҳҳо, консертҳо, нуқтаҳои дилхӯшиву фароғатӣ, клубҳо - маҳфилҳо, тарабхонаҳо раванд, китоб харанд, ба рӯзномаву маҷаллаҳо обуна шаванд ва ғайра, вале ҳамаи ин сол то сол қимат мешавад. Шояд оилаҳои донишҷӯён аз сабаби кам будани буҷаи оилавӣ ба ин чорабиниҳо хеле кам иштирок мекунанд, зеро ба онҳо зарур ат, то дар мадди аввал ба эҳтиёҷоти зарурии оилавӣ маблағи буҷаи оилавии хешро равона намоянд.

Ҳангоми харидани чунин чизҳо муносибати оқилона талаб карда мешавад, на хоҳишҳои муваққатӣ ё лаҳзавӣ. Ҳар дафъае, ки шумо барои хариди молҳои маъқул қарор қабул мекунед, шумо бояд аввал ҳисоб

кунед, ки ин харид ба буҷаи умумии оила чӣ гуна таъсир мерасонад ва оё он манфиатҳои наздикони шуморо поймол мекунад ё не.

Ба далели нарасидани маблағ барои хариди калон ё хариди манзил, оилаҳои ҷавон маҷбур мешаванд, ки аз бонк қарз бигиранд. Аз ин рӯ, бозпардохти қарз низ як ҷузъи муҳимми хароҷот ба ҳисоб меравад, бо вуҷуди он ки ҳоло ба оилаҳои ҷавон барои хариди манзил қарзҳои имтиёзнок дода мешаванд.

**«Мизи мудаввар»-и №3** дар мавзуи «Масъалаҳои модию хоҷагӣ».

Мушкилоти "дар куҷо зиндагӣ кардан?" ва "бо чӣ зиндагӣ бояд кард?" дар оилаи донишҷӯён масъалаи охирин нест. Муҳим он аст, ки "чӣ гуна зиндагӣ бояд кард?" дар ин ҷо мо бе таҳлили мухтасари иҷрои вазифаҳои хонавода кор карда наметавонем. Агар манзил ва буҷет омилҳои объективӣ бошанд, пас хоҷагидорӣ асосан субъективӣ аст. Ҳаётро дар як ҳуҷраи холӣ ба танзим дароварда, масъулиятҳоро байни худ тақсим карда, як намуди услуби худро дар иҷрои корҳои хона таҳлилу коркард намуда - дар ин шумо метавонед будани худро нишон дода, хислатҳои худро ошкор карда, дониш ва маҳорати худро нишон диҳед ё, баръакс, нокомии комили худро дарёбед.

Фаъолияти хоҷагии оила ба иҷрои як қатор корҳои зарурӣ вобастагии ногусастанӣ дорад: пухтупаз, шустани либос, харидани хӯрокворӣ, рӯбучин ва ғайра. Нигоҳдорӣ ва корҳои хонагӣ вақт ва хоҳишро талаб мекунад. Мушкилоти пешбурди хоҷагӣ аз он сабаб зиёд мешавад, ки сарфи назар аз болоравии инкишофи соҳаи хизматрасонӣ ба аҳолӣ, фурӯши маҳсулоти қаннодӣ, маҳсулоти нимтайёр, сабзавоти яхкардашудаву тару тоза дар ҳар фасли сол аксар оилаҳои донишҷӯён, чун қоида, имкони пардохти ҳамаи инро надоранд.

Ҳамаи ин боиси душвориҳои ҳаёти ҳаррӯза гардида, вақти гаронбаҳоеро, ки баъзан барои тайёр кардани хӯрокҳои хонагӣ сарф мешавад, кам мекунад ва боиси фишори иловагии ҷисмонӣ ва равонӣ мегардад. Бинобар ин, бисёр оилаҳои донишҷӯён асосан ба худашон такя

карда, аз ҳисоби хизмати маишӣ ва муассисаҳои хӯроки умумӣ кам кардани истифодаи онро афзал медонанд. Имрӯз аз ҳарвақта дида ёрдамчии асосӣ дар идора кардани корҳои хочагӣ маҳорату малакаи дониши зану шавҳар ба ҳисоб меравад. Ба сифати ин гуна қобилиятҳо дар занҳо, пеш аз ҳама, қобилияти дузандагӣ доштан, омода кардану захира кардани шарбатҳою мураббоҳо барои зимистонгузаронӣ баромад мекунанд. Тавассути дузандагӣ зан метавонад даромади иловагиро ба даст оварард ва барои зимистонгузаронӣ ин гуна шарбату мураббоҳоро аз даромади иловагии худ омода кунад.

Дар шавҳар ба сифати қобилиятҳои иловагӣ агар ном барем, хато намекунем, аз ҷумла аз уҳдаи корҳои хоҷагидорӣ баромаданро метавон ишора намуд. Масалан, дар замони муосир агар шавҳар худ тавонад чароғи хонаро худаш иваз кунад, агар ноқили дарзмолу ойинаи нилгунро худаш иваз карда тавонад, маънои сарфа намудани маблағҳои буҷаи оилавиро дорад, зеро ҳар як кори ишорагардида маблағи муайяни пулиро ташкил медиҳад ва ҳадди ақал барои даъват кардани усто барои иваз кардани ноқили дарзмол ва ё оинаи нилгул 50 сомониро талаб мекунад. Аз лиҳози мазкур, оилаҳои ҷавони донишҷӯён бояд қобилиятҳои пешбурди фаъолияти хоҷагидориро дошта бошанд.

Доштани манзили истиқоматӣ дар замони муосир масъалаи мушкил ба шумор меравад, зеро агар оилаҳои ҷавони донишҷӯён манзили истиқоматии худро надошта бошанд, дар оянда боиси ихтилоф мегардад. Зеро пас аз муддати муайян онҳо муассисаи таълимиро хатм мекунанд ва муассисаи таълимиро бояд тарк кунанд, яъне аз хобгоҳ баромада мераванд. Онҳо аллакай соҳиби фарзанд ҳастанд ва муддати муайян дар шахр истиқомат карданд ва ба шароити шаҳр омехта шудаанд. Агар иҷорашинӣ кунанд, вазъи моддию молиявии онҳо боз ҳа мураккабтар мегардад, зеро ҳар моҳ бояд маблағи муаяни пулиро барои соҳибхона супорид.

Дар масъалаи мазкур аксари оилаҳои ҷавони донишҷӯён барои ёриву дастгирӣ ба волидайни худ муроҷиат мекунанд. Аз ҷониби

волидайн ин гуна ёриву дастгириҳо дар шаклҳои гуногун расонида мешавад, аз қабили: додани маблағҳои муайяни пулӣ, нигоҳ кардани фарзандон, равон намудани хӯрокворӣ ва дигар ғайраҳо. Аммо лозим ба ёдоварист, ки ин гуна кӯмаку дастгириҳо дар даврони донишҷӯи мувофиқи мақсад мебошад ва ин имкон медиҳад, ки онҳо муассисаи таълимиро ба итмом расонанд.

Агар он оқилона истифода карда шавад, албатта, ба ташаккули оилаҳои ҷавон мусоидат мекунад, дар ҳолати баръакс ин гуна кӯмак метавонад ба зану шавҳари ҷавон таъсири манфӣ расонида, дар онҳо муносибати бардурӯғро нисбат ба «осонӣ» ташаккул дода, метавонад ба рушди вобастагӣ, инфантилизм ва рафтори паразитӣ дар онҳо мусоидат намояд.

Ҳамин тавр, оилаи донишҷӯён мисли ҳар оилаи ҷавон бо мушкилоти моддию маишӣ дучор меояд. Баҳисобгирии маблағҳо ва банақшагирии онҳо ба оилаи ҷавон кӯмак мекунад, ки ҳаётро муътадил сохта, аз шиддат (ташаннуҷ) ва муноқишаҳои оилавӣ халос шавад.

**«Мизи мудаввар»-и №4** дар мавзуи «Инкишофи маҳорати махсуси педагогии зану шавҳар» ба табобати дубораи муносибатҳои оилавӣ нигаронида шудааст. Мо методологияи пешниҳодкардаи Б. Гурниро (1992) барои маҳорати махсуси педагогии ҳамсарон ҳамчун асос интихоб намудем.

1. Маҳорати ҳамдардӣ. Ҳамдардӣ метавонад ҳамчун мафҳум қобилияти худро ба ҷойи дигарон гузоштан шарҳу тафсир дода шавад. Маҳорати ҳамдардӣ ба шумо имкон медиҳад, ки фаҳмиши амиқтар ва эҳтиромро нисбат ба даркҳо, эҳсосот, эътиқодҳо, ниятҳо, муносибатҳо ва хоҳишҳои одамони дигар ташаккул диҳед. Мақсади истифодаи маҳорати ҳамдардӣ на барои омӯхтану фаҳмидани дигаре, балки барои ёд гирифтану нишон додани он аст, ки шумо ӯро мефаҳмед. Маҳз тавассути таҷрибаи қабули ӯ аз ҷониби шумо, эҳтироми шумо ба ӯ, баҳои холисона нисбат ба ӯ, эҳтироми шумо нисбат ба ӯ - шахс нисбат ба шумо ошкоро

ва ростқавл мешавад ва ба ин васила қобилияти муфид буданатонро дар ҳаллу фасли мушкилот ва ихтилофи худ афзун мекунад.

2. Маҳорати ифодакунанда ба монанди малакаи ҳамдардӣ имкон медиҳад, ки дар баёни пурра, амиқ ва ростқавлона ба дигарон кӯмак кунед. Маҳорати ифодакунанда барои баланд бардоштани огоҳӣ ва фаҳмиши шумо дар бораи он чизе, ки шумо қадр мекунед, эҳсос мекунед ва он чизеро, ки мехоҳед, тарҳрезӣ кунед, нигаронида шудааст. Он ба шумо кӯмак мекунад, ки ба ҷаҳони ботинии худ дақиқтар ва бештар таваҷҷуҳ намоед. Маҳорати ифодакунанда ба шумо кӯмак мекунад, ки хоҳиш, эҳтиёҷот ва эҳсосоти шахсии худро тавре пешниҳод кунед, ки ба ҳамсаратон гӯш кардани шуморо осонтар намояд ва ӯ (вай) ба шумо дар амалӣ кардани нақшаҳои шумо кӯмак расонад. Истифодаи маҳоратҳои ифодакунанда боиси паст шудани фаъолияти онҳое мегардад, ки дар вазъиятҳои низоӣ баҳс карданро дӯст дошта, ба ҷанбаҳои воқеӣ ва эҳтимолии муҳимтари мунокиша тадриҷан мусоидат менамоянд.

3. Маҳорати муҳокима ва гуфтушунид. Маҷмуи усулҳои муносибат ва рафторро метавон ҳамчун “тарзи амал” таъйин ва ифода намуд. Ҳангоми татбиқи малакаи ҳамдардӣ, мувофиқи қонуну қоида маҷмуи муайяни муносибатҳо ва намудҳои муайяни рафтор мавриди истифода қарор дода мешаванд. Маҳорати ифодакунанда маҷмуи муносибатҳо ва рафторҳои гуногунро талаб мекунад. Ҳангоми истифода бурдани малакаи ҳамдардӣ, шумо бояд бо як “тарҳ” ва ҳангоми истифодаи маҳорати ифодакунанда, ба шумо лозим аст, ки бо як “тарз” амал кунед.

Маҳорати муҳокима ва гуфтушунид маънои донистани кай ва бо кадом роҳ амал карданро дорад. Пеш аз он ки шумо барои кадом усулро истифода бурдан қарор қабул менамоед, шумо бояд фаҳмед, ки оё шумо бояд дар бораи ягон малака ғамхорӣ мекунед ё ба таври тасодуфӣ амал мекунед.

Баъдтар, вақте ки ҳамсарон истифодаи малакаҳоро меомӯзанд, онҳо ба чӣ гуфтан ва чӣ гуна гуфтан таъсир мерасонанд, ҳатто вақте ки

онҳо огоҳона тасмим намегиранд, ки ин малакаҳоро истифода баранд. Дар ин ҳолат сухан дар бораи он меравад, ки дар кадом ҳолатҳо шумо метавонед бо истифода аз малакаҳо дар ҳоле ки онҳо ҳанӯз нав ва азхуднашудаанд, бошуурона амал кунед.

4. Қобилияти ҳаллу фасли мушкилот ва низоъҳои байнишахсӣ. Як қисми мушкилоти умумии ҳаёти ҳаррӯза ва кор бо дигарон ин бартараф намудани мушкилот ва низоъҳои ногузир барои ноил шудан ба ҳалли одилона ва қобили қабул барои ҳама ба ҳисоб меравад.

Муносибат аз нуқтаи назари номаълум ё номатлуб будани мушкилот ё низоъҳо, вақте ки шахс ба ҳар мушкилот ё низоъ аз нигоҳи нокомӣ назар меандозад, оқибатҳои манфӣ ба бор меорад. Агар нокомӣ бошад, пас, гунаҳкорро ҷустуҷӯ намудан лозим аст. Ин майл ба раванди ҳаллу фасли масъалаҳо хеле зиён мерасонад. Одати ба гардани дигарон гузоштани гунаҳкорӣ боиси дур шудан аз ҳалли воқеӣ ва муассири мушкилот ё низоъҳо мегардад. Агар инсон ба ҷойи ин ақидаеро бипазирад, ки ҳалли чунин мушкилот ва низоъҳо дар раванди зиндагӣ ва кор бо дигарон ногузиранд, ӯ имкон дорад, ки онҳоро воқеъбинона ҳаллу фасл намояд. Бо ин равиш, ҳоҷати ҷустуҷӯи гунаҳкорон нест, зарурати "дар зери табассум пинҳон кардани мушкилот" нест, аммо шумо бояд ба таври ҷиддиву пурмасъулона барои ҳалли мушкилот ё мунокиша ҳамчун вазифаи таъхирнопазир камари ҳиммат бандед.

5. Маҳорати худтағйирёбанда. Дар мавриди мушкилот худтағйиротро раванди тадриҷан омӯзиш ва ситоиши хотира ё нокомиро сабаби таҳлил ва таҳияи роҳҳои ислоҳ донистан лозим аст.

6. Қобилияти кӯмак расонидан барои тағйир додани дигарон. Агар шумо тасмим гирифтед, ки ба ягон каси дигар кӯмак намоед, пас шумо бояд босабр бошед, дар коратон аз муносибатҳои манфӣ канорагирӣ кунед, яъне кӯшиш накунед, ки мураббии худро бо хатогиҳо ё фаромӯш кардани чизе ғофилгир намоед. Чизи асосӣ ин аст, ки рафтори дилхоҳро пайхас ва истиқбол намоед, дар ҳоле ки шахс дар роҳи рост қарор дорад.

Нишон додани чунин қадршиносии муваффақияти ӯ роҳи аз ҳама қулай мебошад, ки ба ӯ дар тағйироти дилхоҳ кӯмак мекунад.

7. Маҳорати ҷамъбастӣ барои беҳтар кардани муносибат бо одамон, на танҳо дар хона, балки дар ҳама ҳолатҳо мусоидат мекунад: бо хешовандони берун аз оила, бо дӯстон, бо ҳамкорон, бо савдогарон ва мансабдорон ва ғайра дар ҳамаи ин мавридҳо истифодабарии маҳорати такрорӣ воситаи мустаҳкам намудан ва такмил додани онҳо, инчунин барои оянда ва то охири умр нигоҳ доштани онҳо ҳамчун хулқу одоби дуюми шахс, ки бо ҳама муносибатҳои хуб доштанро медонад.

8. Маҳорати сарфакорӣ. Барои нигоҳ доштани малакаҳои такрории худ дар сатҳи омодагии доимӣ барои истифодаи онҳо дар давоми тамоми ҳаёт, шумо метавонед дар руҳияи қоидаҳои қаблан муҳокимашуда, ки шумораи онҳоро зиёд кардан мумкин аст, бисёр корҳоро анҷом диҳед. Маҳоратҳо метавонанд аз даст дода шаванд, агар шумо онҳоро истифода набаред. Онҳо инчунин барои мубодилаи эҳсосоти мусбат, барои беҳтар кардани муносибатҳои хуб ва кӯмак ба дигарон дар ҳаллу фасли мушкилоти онҳо истифода мешаванд, ҳатто дар сурате, ки шумо бевосита иштирок надоред. Илова бар ин, истифодаи малакаҳо барои мақсадҳои мусбат ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо мушкилот ба шумо саривақт кӯмак менамояд.

**«Мизи мудаввар» №5** ба мавзуи «Ихтилофҳои оилавӣ ва роҳҳои пешгирию ҳалли онҳо» бахшида шудааст. Ихтилоф ва ё бо ибораи дигар, ки онро низоъ ҳам ном мебаранд, дар ҳама гуна оилаҳои ҷавон сар мезананд ва аз аъзои оилаҳои ҷавон, пеш аз ҳама, таҳаммулпазирӣ ва роҳҳои пешгирию ҳалли онҳоро омӯхтан талаб карда мешавад. Чунончи ишора намуда будем, хадамоти психологӣ, ки аз ҷониби мутахасисони касбӣ, яъне психологони кафедраи психологияи Донишгоҳи давлалтии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ ташкил карда шуда буд, маҳз ба ҳамин масъала эътибори бештар дода шуда буд. Мутахассисони касбӣ дар мизи мудаввар роҳҳои ҳалли он, вобаста ба типи психологии зан ва шавҳар

пешниҳод менамоянд. Ҳамзамон, масъалаҳои типҳои мизоҷ ва аҳамияти он дар низоъҳои оилавӣ ва устувор нигоҳ доштани солимии оила дида баромада мешавад. Яъне бархе типҳои мизоҷе ҳастанд, агар мувофиқати психологӣ дида нашавад, онҳо қариб, ки бештар ба ихтилоф рӯ меоранд ва аз ҷониби мутахассисони касбӣ тавсияҳои зарурӣ барои канорагирӣ аз ин гуна ихтилофҳо дода мешавад.

Вобаста ба ин, дар раванди оғози ихтилоф ва ё дар раванди он ва ё пас аз ихтилоф чунин тавсияҳои умумӣ мувофиқи мақсад шуморида мешаванд:

1. Пеш аз вақт бахшиш пурсед.

2. Аз баҳсу мунозира худдорӣ намуда, бо хомӯшӣ муомила кунед ва ё ба тахрибкорӣ машғул шавед.

3. Дониши маҳрамонаи худро дар бораи шахси дигар истифода баред, то ки таҳқир кунед.

4. Саволҳои номатлубро ҷалб кунед.

5. Созиш ё хафагӣ кунед.

6. Ба ҳамсаратон фаҳмонед, ки ӯ чӣ ҳис мекунад.

7. Бавосита бо танқид кардани касе ё чизе, ки барои ҳамсар арзишманд аст, ҳамла кунед.

8. Бо афзоиши ноамнии ҳамсари худ ва ё таҳдиди фалокат ба ӯ осеб расонидан.

9. Таслим нашавед. Либоси таги худро ба ҳамдигар нишон надиҳед, чи ба маънои аслӣ ва чи ба маънои маҷозӣ.

10. Ба кирдорҳои ҳамсари дуюм бе дарназардошти сабабҳое, ки ӯро ба ин кор водор кардаанд, баҳо диҳед.

11. Қобилият ва арзишҳои худро муболиға намуда, худро ҳамеша ва дар ҳама чиз дуруст ва ҳақ ҳисоб кунед.

Агар шумо хоҳед, ки муносибати худро дақиқу равшан намоед, беҳтар аст:

1. Агар ихтилоф оғоз шуда бошад, кӯшиш кунед, он дар танҳоӣ бе иштироки шахсони дигар гузарад.

2. Мушкилоти ба миёномадаро аниқу равшан намоед ва далелҳои ҳамсаратонро бояд бо суханоне хеш такрор кунед.

3. Ҳиссиёти мусбат ва манфии ҳам худро ва ҳам аз ҳамсаратонро муайян ва мушаххас намоед.

4. Барои шунидани фикру мулоҳизаҳо дар бораи рафтори худ омода бошед.

5. Бифаҳмед, ки шумо дар куҷо розӣ ҳастед ва дар куҷо розӣ нестед ва барои ҳар яки шумо кадом чиз муҳимтар аст.

6. Саволҳое пурсед, ки ба ҳамсаратон дар ёфтани калимаҳо барои ифодаи манфиатҳои онҳо кӯмак мекунанд.

7. Мунтазир бошед, ки хуруҷи стихиявӣ бе ҷавоби навъи худ паст шавад.

8. Пешниҳодҳои мусбат барои ислоҳи ҳамдигар.

9. Худро эҳтиром кунед.

10. Ҳасад ва шубҳаро фаромӯш кунед ва инчунин гӯш кардану шунидани ҳамсаратонро ёд гиред, худро дар ҷойи ӯ қарор диҳед.

11. Аз рӯзҳои аввали ҳаёти оилавӣ нақши зану шавҳарро фаҳмида, дарк ва аз худ намоед. Шумо бояд худро бо баъзе роҳҳо маҳдуд кунед, аз чизи шинос даст кашед, ба чизе машғул шавед, ки на он қадар гуворо бошад.

Ҳамин тариқ, мо метавонем хулоса барорем, ки вазифаҳои муваффақтарин таъмини психологию педагогии оилаи донишҷӯ дар раванди ташаккули маҳорати махсуси педагогӣ дар зану шавҳари донишҷӯй ҳаллу фасли худро меёбанд ва ин барои ба роҳ мондани муносибатҳои солими оилавӣ бо назардошти амсилаи омоданамудаи мо имкони заруриро дода метавонад.

## 2.4. Ташкил ва таъмини дастгириҳои психологию педагогии оилаҳои донишҷӯён бо назардошти анъанаҳои миллӣ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Барои тасдиқи самаранок ва мувофиқи мақсад будани амсилаи омоданамудаи мо тадқиқот гузаронида шуд ва дар асоси таҳлили натиҷаҳои аз тадқиқот ба дастомада амсилаи мазкур пешниҳод гардид. Ҳамзамон, тадқиқот ба давраҳои муайян тақсим гардида, давра ба давра амалӣ карда шуд ва дар маҷмуъ дар муддати тадқиқоти гузаронида шуда, рисола пурра омода карда шуд. Дар ин раванд корҳои мазкур татбиқ карда шуданд:

1. Таҳияи барномаи таҳқиқотӣ, ки дар он мақсад ва масъалаи таҳқиқот мураттаб ва муайян гардида, таҳлили мантиқии мафҳумҳо ва истилоҳоти асосӣ гузаронида шудааст, ки шарҳи мукаммал ва ҳамаҷонибаи мундариҷа ва сохтори онҳоро дар худ фаро гирифта буд ва аз чунин ҷанбаҳо иборат буд:

- интихоби тест ва методҳои касбии ташхиси психологию педагогии оилаҳои донишҷӯён;
- пешниҳоди фарзияҳо ва исботи онҳо;
- муайяну мушаххас намудани вазифа ва мақсадҳои дар тадқиқот гузошташуда.

2. Объект ва субъекти тадқиқот. Бо ибораи дигар, қаблан муайян ва мушаххас намудани барномаи тадқиқот, гурӯҳчинии тадқиқот. Дар тадқиқоти бояд киҳо иштирок кунанд ва ба онҳо кадом методҳои касбии ташхиси психологию педагогӣ бояд гузаронида шаванд. Гурӯҳчинии тадқиқоти мо аз 180 оилаҳои ҷавони донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав, ки аз ин шумора 55 оилаи соҳиби фарзанд ва боқимондаи оилаҳо дар раванди гузаронидани тадқиқот фарзанд надоштанд ва қисмате аз онҳо бошад, дар ҳолати ҳомиладорӣ қарор дошт, иборат аст.

3. Таҳияи низоми усулҳо ва расмиёт ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ мувофиқ мебошанд. Дар тадқиқот чунин методҳои касбии ташхиси психологию педагогӣ мавриди истифодаи амал қарор доштанд, ки нисбати ҳар яке аз онҳо дар зербоби алоҳида ба таври мухтасар маълумоти зарурӣ оварда шудааст; пурсишнома – ҷиҳати муайян кардани шароит ва ё бо ибораи дигар фазои психологию иҷтимоии оилаҳои ҷавони донишҷӯён; методи таҳлили ҳуҷҷатҳо – таҳлили ҳуҷҷатҳо ва маълумотномаҳои муассисаи таълимӣ ҷиҳати расонидани ёриву дастгириҳои психологӣ ба оилаҳои ҷавони донишҷӯ ва қарорҳои дахлдори қабулгардида дар масъалаҳои марбута ва дигар методҳои касбӣ истифода гардиданд.

4. Интихоби методҳои касбии ташхиси психологию педагогӣ ҷиҳати ташхиси объективӣ намудан ва муайян намудани ҳолати оилаҳои донишҷӯён

5. Ба даст овардани маълумоти ибтидоӣ оид ба мушкилотҳои мавҷуда дар оилаҳои ҷавони донишҷӯён.

6. Маълумотҳои аз ташхиси психологию педагогӣ ба дастомада мавриди коркарди миқдорию сифатӣ қарор дода шуданд. Ҳамзамон, натиҷаҳои тадқиқоти якумин ва дуюмин бо истифода аз коркарди математикӣ муайян гардиданд.

Тадқиккоти аввалин ва ё бо ибораи дигар, маълумоти ибтидоӣ натиҷаҳои ҳозираи мушкилоти ҷойдоштаро дар оилаҳои ҷавони донишҷӯён инъикос менамояд. Тадқиқоти дуюмин, аллакай пас аз гузаронидани таҳқиқоти баъдина, ба монанди суҳбатҳои психологӣ бо мутахассисиони касбӣ ва дигар чорабиниҳои ба монанди мизхои мудавварро дар бар мегирад, ки натиҷаҳои ибтидоӣ рӯ ба беҳбудӣ оварда шудаанд.

8. Дар асоси таҳлили натиҷаҳои ба даст омада, муайян карадни оне ки фарзияи гузошташуда исботи худро ёфт ва ё ин ки не ва пешниҳоди хулосаи ниҳоӣ нисбати рисолаи анҷомдодашуда ба сомон расонида шуд.

Акнун мегузарем ба таҳлили натиҷаҳои “Ташхиси ибтидоӣ”-и таҳқиқот.

Дар давраи мазкур дар маҷмуъ бо тамоми озмудашавандагон ташхиси психологию педагогӣ бо мақсади муайян намудани ҳолати кунунии муносибатҳои оилавӣ ва муҳити кунунии муассисаи таълимӣ ташкил ва баргузор гардид. Рӯйхати озмудашавандагон дар замима оварда шудааст.

Аз шумораи умумии озмудашавандагон 180 нафар, аз онҳо 36 нафари онҳо дар курси 5-ум, 45 нафарашон дар курси 4-ум, 56 дар курси 3-ум, 27 нафари озмудашавандагон дар курси 2-юм ва 16 нафари онҳо дар курси 1-ум таҳсил мекунанд ва онро тариқи диаграмма нишон медиҳем (**Диаграммаи №1**).

Кӯшиш кардем, то ин ки синну соли озмудашавандагонро низ ишора намоем. Аз шумораи умумии озмудашавандагон фисади зиёдашонро синну соли то 28 сола ва фисади ками онро то 20 сола ташкил медиҳад, яъне ин маънои онро дорад, ки мувофиқи табақабандии синнусолӣ ва ё давраҳои синнусолӣ ба талаботи гурӯҳчинии таҳқиқи ба нақшагирифташуда мувофиқи мақсад мебошад.

**Диаграммаи №1**



Ҳамзамон, дар гурӯҳчинии таҳқиқот соҳиби чанд фарзанд будани онҳо ва чанд сол бо ҳам дар издивоҷ қарор доштани онҳо ва мушкилоти оилавии онҳоро низ мавриди таҳлил қарор додем. Вобаста ба ин ҳаминро метавон ишора намуд, ки аз шумораи умумии озмудашавандагони дар таҳқиқот иштирокунанда оилаҳои ҷавони донишҷӯён, ки мо аксаран онҳоро ном мебарем, фисади ками онҳо серфарзанд мебошанд ва 12 оилаи онҳо соҳиби 5 фарзанд ҳастанд, ки ба андешаи мо ба онҳо эътибори хоссаро мебояд зоҳир намуд, зеро дар замони муосир таъмини оила бо 5 фарзанд ва таълиму тарбияи онҳо хело ҳам душвор мебошад. Оилаҳои ҷавони донишҷӯёни серфарзанд, соҳиби 4 фарзанд – 21 нафарро ташкил медиҳанд. Аз ин шумора, 33 нафари оилаҳои донишҷӯён соҳиби 3 фарзанд ва аз ин шумора 52 нафари онҳо соҳиби 2 фарзанд мебошанд. Озмудашавандагон-оилаҳои донишҷӯёни соҳиби 1 фарзанд буда 46 нафарро ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, мавриди тазаккур аст, ки дар байни ин гурӯҳи оилаҳои ҷавони донишҷӯён оилаҳое низ ҳастанд, ки соҳиби фарзанд нестанд ва сабаби фарзандор набудани онҳо гуногун буда, шумораи оилаҳои донишҷӯёни фарзандор набуда 29 нафарро ташкил медиҳад ва мо онҳоро тариқи диаграмма тасвир менамоем (Диаграммаи №2).

**Диаграммаи №2**



Дар баробари ин, шумораи оилаҳои донишҷӯёни зиндагии якҷоя доштаро низ дар анкетаи умумӣ ҷой додем, ки мувофиқи мақсади таҳқиқоти ба нақшагирифта мебошад. Мо ин гурӯҳи якҷоя зиндагӣ кардани онҳоро аз “то 1 сол” оғоз намуда, то “8 сол” зиндагии якҷояи онҳо гурӯҳбандӣ намудем. Оилаҳои ҷавони донишҷӯёне, ки то як сол зиндагии якҷоя карда истодаанд, яъне издивоҷи онҳо қариб 1 сол мешавад, 20 оиларо дар бар мегирад. Оилаҳое, ки издивоҷи онҳо аз ҳама таҷрибаи калонро дар бар мегирад, 8 сол дар бар мегирад, ки ин нишондиҳанда 13 оилаҳои донишҷӯён рост меояд. Ин нишондиҳанда дар оилаҳое, ки издивоҷи онҳоро 5 соли зиндагии якҷоя ташкил медиҳад низ 20 нишондиҳандаро соҳиб гардидааст ва оилаҳое, ки издивоҷи якҷояи онҳоро 4 сол ташкил медиҳад, 26 оилаҳои донишҷӯён шомил мешаванд. Оилаҳои донишҷӯёне, ки издивоҷи онҳоро 3 сол ташкил медиҳад, 48 оиларо дар бар мегирад, издивоҷи оилаҳои донишҷӯёне, ки таҷрибаи зиндагии 2 соларо доранд, 39 нишондиҳандаро дар бар мегирад. Ҳамаи нишондиҳандаҳои ишорагардидаро тариқи диаграмма ишора мекунем.

**Диаграммаи №3**



Дар пурсишномаи умумӣ мо сабабҳои ихтилофҳои оилавӣ ва мушкилоти асосии дар муносибатҳои оилавии онҳо ба вуҷуд омадаро низ муайян намудем. Дар асоси таҳлили умумии пурсишномаи мазкур маълум гардид, ки сабаби ихтилоф ва мушкилоти муносибатҳои оилавӣ дар оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар замони муосир ва дар шароити кунунии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ гуногун буда, фисади бештари онҳоро мушкилоти психологӣ ташкил медиҳанд. Чунончи:

- рашк (рашки умумӣ, ракш нисбати шавҳар, ракш нисбати зан, ракши хушдоман, рашки дигар аъзоёни оила);
- ҳамдигарнофаҳмӣ;
- набудани фарзанд;
- дахолати шахсони дигар (дахолати хушдоман, дахолати хоҳарарус ва додарарус);
- мунокишаҳои умумии оилавӣ;
- нофаҳмиҳои оилавӣ (байни аъзоёни оила);
- норозӣ будани шавҳар;
- танҳо зиндагӣ кардан;
- нашъмандӣ;
- майзадгӣ;
- набудани меҳру муҳаббат (дӯст надоштан).

Агар ба ишораҳо эътибор диҳем, пас маълум мегардад, ки як мушкилоти психологии муносибатҳои оилавӣ, ки онро рашк ташкил медиҳад, дар навбати худ ба намудҳои гуногун тақсим мешавад. Ин нишондиҳандаро тариқи диаграммаи №4 нишон медиҳем.

Масъалаи дигар, дар майзада будани шавҳар ва нашъаманд будани ӯ дарҷ мегардад, ки аллакай масъалаи мазкур табобат ва дахолати саривақтии духтуронрро металабад. Гарчанде аз рӯйи натиҷаи пурсишнома фисади камтарро ташкил диҳанд ҳам, аммо ин маънои онро дорад, ки ин гуна мушкилот, мутаассифона, то ҳол вуҷуд дорад ва он

боиси носолимии оила ва ноустувор будани он гардида, ба нестшавии оила бурда мерасонад.

**Диаграммаи №4**




Гарчанде фисади камро танҳо зиндагӣ кардан ташкил диҳад ҳам, аммо лозим ба ёдоварист, ки оилаҳои ҷавони донишҷӯён инро ҳамчун мушкилот эътирof карданд ва қайд ҳам намуданд ва ҳалли онро низ лозим мешумо{ранд}. Яке аз сабаби танҳо зиндагӣ кардани оила дар он аст, ки мувофиқи қарорҳои дохилии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ яке аз аъзоёни оила дар хобгоҳ истиқомат мекунаду халос, ҳамсараш бошад, бо волидон ва дар як моҳ як маротиба ба аёдати онҳо мераваду халос. Ин гуна зиндагиро ҳамсарон қабул надоранд ва яке аз мушкилоти асосии муносибатҳои оилавӣ қабул кардаанд ва баҳри ҳал намудани он чораҳои зарурии судмандро меҷӯянд.

Муаммоҳои дахолати шахсони дигар ба ҳаёти оилавии оилаҳои ҷавони доншҷӯён низ дар маркази диққати коршиносон ва оилаҳои ҷавони донишҷӯён қарор гирифтааст ва ин дахолаткунӣ на танҳо аз ҷониби хушдоман балки аз ҷониби хоҳар ва ё апаи шавҳар (ва ё ҳамсар) ва ҳамзамон аз ҷониби бародарони шавҳар (ҳамсар) низ мушоҳида

мегардад, ки, мутаассифона, ин дахолаткунӣ боиси коста гардидани муносибатҳои оилавӣ ва пош хӯрдани оилаҳои ҷавони донишҷӯён мегарданд, зеро онҳо ин дахолаткуниро ҳамчун мушкилоти муносибатҳои оилавии хеш дарҷ намудаанд. Масъалаи дахолаткуниро тариқи диаграмма ишора мекунем ва он чунин нишондиҳандаро инъикос менамояд (***Диаграммаи №5***).

Агар ин дахолткунӣ ба ҳаёти оилавӣ баҳри насиҳат ба оилаҳои ҷавони донишҷӯён мебуд, ба манфиати кор мебуд ва боиси солим ва устувор нигоҳ доштани оилаи худ дар асоси таҷрибаи шахсони калонсол ба монанди падарарӯс ва модарарӯс ва ё падаршавҳар ва модаршавҳар мегардид. Дахолаткунии бештарро аз рӯйи натиҷаи пурсишномаи гузаронидашуда, хушдоманон ташкил медиҳанд ва ин нишондиҳанда чуноне ки дар диаграмма оварда шудааст, қариб 70 фисадро ташкил медиҳад. Яъне, ин гурӯҳи оилаҳои ҷавони донишҷӯён дахолати хушдоманро ҳамчун монеа ва мушкилот дар муносибатҳои олиавии худ медонанд ва онро ҳамчун боиси коста гардидани муносибатҳои оилавии худ қабул кардаанд. Масъалаи мазкур аз ҷониби коршиносон ба инобат гирифташуда, тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ шуда истодааст.

**Диаграммаи №5**



Мушкилоти дигарро набудани фарзанд ташкил медиҳад, ки он низ сабабҳои гуногунро дорад ва яке аз онҳо ба таъхир гузоштани фарзандоршавӣ аз ҷониби шавҳар бинобар сабаби набудани шароити зист ва ҷойи истиқомати доимӣ мебошад. Агар бо хобгоҳ таъмин шуда бошанд ҳам, мутаассифона, дар он ҷойҳо шароити лозима дида намешавад, аз лиҳози мазкур тавлиди фарзандро ба таъхир мегузоранд.

Муаммоҳои ҳамдигарнофаҳмӣ, ки аксари оилаҳои ҷавони донишҷӯён хушбахтии оиларо маҳз дар ҳамдигарфаҳмӣ мебинанд, дар пурсишнома ишора гардидааст. Дар маҷмуъ, муаммоҳои муносибатҳои оилавиро тавассути диаграмма ишора мекунем.

**Диаграммаи №6**




Дар баробари таҳлили натиҷаҳои аз пурсишномаи умумӣ ба даст омада, мебояд чунин ишора намуд, ки аз рӯйи таҳлили натиҷаҳои ташхиси ибтидоӣ дар муассисаи таълимӣ бо довтлабоне, ки дар тадкикоти мо иштирок намуданд, аз рӯйи ҳайати иҷтимоӣ ду намуди оилаҳо муайян ва мушаххас гардиданд. Намуди якуми онро оилаҳои иҷтимоии гомогеннӣ меноманд ва он оилаҳое мебошад, ки дар он аъзои оила яъне ҳам зану ҳам шавҳар дараҷаи маълумотнокӣ ва фаъолияти касбиашон бо ҳам монандӣ доранд. Оилаҳои иҷтимоии

гетерогеннӣ намуди дуюми оила ба шумор рафта, оилаҳое дар назар дошта шудааст, ки дар он аъзои оила, яъне зану шавҳар дорои дараҷаҳои гуногуни маълумот ва тамоюли касбӣ мебошанд. Масалан, шавҳар дар муассисаи таълимӣ таҳсил мекунад, аммо зан ва ё бараъакси он. Зан дар яке аз муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ таҳсил мекунад, шавҳар бошад, дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор дорад.

Вобаста ба ин, метавон чунин ишора намуд, ки дар асоси тадқиқоти ибтидоии гузаронидашуда, чунин муайян гардид, ки оилаҳои ҷавони донишҷӯён нисбати донишҷӯёни оиладорнамуда гетерогенӣ мебошанд.

Дар асоси пурсишномаи гузаронидашуда ва чуноне, ки дар диаграммаи №1 оваарда шудааст, ҷойи зисти оилаҳои ҷавони донишҷӯён муайян карда шуд ва маълум гардид, ки 59 фоизи оилаҳои донишҷуён аз ноҳияҳои наздик, 31 фисади онҳо дар худи ҳамон шаҳре, ки муассисаи таълимӣ ҷойгир мебошад, аз ҳамон минтақа мебошанд ва 10 фисди ин гуна оилаҳо дар маркази шаҳр истиқомат мекунанд.

**Диаграммаи №7**




Саволи дигари пурсишнома, ки вазъияти кунунии оилаҳои ҷавони донишҷӯёнро муайян менамуд, чунин буд, ки “Ба андешаи Шумо баъди

оиладоршавӣ дар куҷо зиндагӣ кардан лозим аст?" Пас аз таҳлили ҷавобҳои оилаҳои ҷавони донишҷӯён маълум гардид, ки хобгоҳи муассисаи таълимӣ беҳтарин ҷойи истиқоматӣ барои онҳо маҳсуб меёбад. Муассисаи давлатии таълимие, ки мо онро асос гирифта, дар он ҷо тадқиқотро гузаронидем, маълум гардид, дар маҷмуъ 14,1 фисади ин гуна оилаҳоро бо хобгоҳ таъмин карда метавонаду халос. Дар асоси оинномаи ин муассисаи таълимӣ, ки аз ҷониби Шурои олимон ва раёсати муассисаи таълимӣ қабул гардидааст, маълум гардид, ки ба хобгоҳ танҳо он оилаҳое, ки ҳам зан ва ҳам шавҳар дар ҳамин муассисаи таълимӣ таҳсил мекунанд, таъмин карда мешаванд. Ғайр аз ин, бояд ҳам зану ҳам шавҳар дар шакли рӯзона таҳсил намоянд. Ин як масъалае ҳаст, ки зиндагии оилаҳои ҷавони донишҷӯёнро душвор мегардонад ва чуноне дар боло ишора намуда будем, фисади зиёди оилаҳои ҷавони донишҷӯёнро оилаҳои гетерогеннӣ ташкил медиҳад, пас маълум мегардад, ки бо хобгоҳ таъмин нестанд.

Зарурати он омадааст, ки масъалаи мазкур аз ҷониби мутасаддиён мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳалли худро ёбад.

**Диаграммаи №8**



Вобаста ба ин, агар ба диаграммаи №2 назар афканем, пас маълумамон мегардад, ки танҳо 8 фисади оилаҳои ҷавони донишҷӯён соҳиби манзили истиқоматии шахсӣ мебошад, 31,5 фисади онҳо бо падару модари хеш умр ба сар мебаранд ва 6,1 фоизашон аз ҳамдигар ҷудо зиндагӣ меунанд, яъне шавҳар дар хобгоҳ зиндагӣ мекунад, зан бошад, дар хонаи падару модари шавҳар зиндагӣ мекунад ва шавҳар охирҳои ҳафта ва ё дар як моҳ як маротиба ба аёдати оила ва падару модараш меравад.

Дар асоси таҳлили саволи дигари пурсишнома, ки он қаноатмандии оилаҳои ҷавони донишҷӯёнро аз шароити зист пурсон буд, оилаҳои ҷавони донишҷӯён 47 фисадашон ҷавоби мусбат ва 53 фисадашон бошад, ҷавоби манфиро лозим донистанд. Аз ин шумора, тафовут байни оилаҳо, ки аз шароити зиндагии худ норозианд, яъне ҷавоби манфӣ додаанд бо оилаҳое, ки бо падару модар зиндагӣ мекунанд, ин шумора 19,8 фисадро ташкил медиҳад ва он оилаҳое, ки соҳиби фарзанд ҳастанду ҳамзамон дар хобгоҳи муассисаи таълимӣ умр ба сар мебаранд, 9,3 фисадро ташкил доданд.

**Диаграммаи №9**



Дар асоси натиҷаҳои методи суҳбати психологӣ, ки бевосита бо оилаҳои ҷавони донишҷӯён гузаронида шуд, маълум гардид, ки оилаҳое, ки дар хобгоҳ зиндагӣ мекунанд, шароити онҳо на он қадар хуб, муҳити он ҷо ноором мебошад ва ҳамзамон, утоқҳо танг ҳастанд ва ҳатто шароити дарстайёркунӣ дида намешавад. Дар баробари мавҷуд набуднаи шароити дарстайёркунӣ, барои кӯдакон низ ягон шароити мусоид дида намешавад.

Пас аз таҳлили натиҷаҳои суҳбати психологӣ маълум мегардад, ки оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар шароите зиндагӣ мекунанд, ки пур аз мушкилотҳои рӯзмарра аст ва ин таъсири манфии худро ҳам ба раванди таълим, ҳам ба комёбиҳои шахсӣ, ҳам барои устувор нигоҳ доштани оила ва ҳам барои оилаи солим монеаҳои калонро эҷод мекунанд. Пас маълум мегардад, ки шароит барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён нақши калидиро мебозад, зеро агар шароити дарстаёркунӣ набошад, чӣ гуна ба дастҳо ба тайёрӣ биёяд? Агар шароити муосоид барои кӯдак набошад, чӣ гуна кӯдакро метавон солим ба воя расонид ва барои рушди хусусиятҳои зеҳнии кӯдак мусоидат намуд? Ин масъалаҳое ҳастанд, ки боиси сар задани ихтилофҳои ботинӣ, дар шароити номусоид тарбия намудани фарзандон мегардад, ки оқибатҳои нохубро ба бор оварда метавонад, яъне ин кӯдак метавонад рафторҳои зиддиҷамъиятиро соҳиб гардад.

Аксари донишҷӯёни оилавӣ (80%) донишҷӯёни курсҳои 4 ва 5 мебошанд. Синну соли миёнаи донишҷӯёни шавҳардор 20,5 сол ва донишҷӯёни оиладор (зандор) 21,5 солро ташкил медиҳад. Зиндагии якҷояи онҳоро аз 8 то 2 сол ташкил медиҳад, яъне тасмими хонадоршавии духтарон ба 19-20 солагӣ рост меояд ва аз писарон бошад, ба 20-21 солагӣ. Издивоҷи оилаҳои ҷавони донишҷӯён як қисматашон аз минтақаҳои гуногун, қисмати дигарашон аз минтақаи хеш оила барпо намудаанд.

Дар асоси таҳлили натиҷаҳои ба даст омада, чунин оилаҳои ҷавони донишҷӯён муайян гардид:

- 48 фисад оилаҳои ҷавони донишҷӯён аз оилаҳои пурра мебошанд, яъне ҳам падар ва ҳам модар доранд;

- 46 фисади ин гуна оилаҳо бо ҳамроҳии хоҳару бародар тарбия ёфтаанд;

- 6 фисади оилаҳои ҷавони донишҷӯён ҳамроҳ бо падару модар ва модаркалону падаркалон ба воя расидаанд (***Диаграммаи №10***).

**Диаграммаи №10**




Натиҷаҳои ба даст омада натиҷаи мусбат мебошанд, зеро тарбия ёфтан дар оилаи пурра, ки ҳам падар ҳасту ҳам модар ва дар баробари онҳо дар таълиму тарбия ҳам модаркалону ҳам падаркалон нақш ва саҳми худро мегузоранд, барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён таъсири мусбат мерасонад ва барои пешбурди ҳаёти оилавӣ метавонад аз таҷрибаҳои онҳо истифода барад.

Аксари никоҳҳое, ки пас аз муддати тулонии шиносоӣ баста мешаванд, аз санҷиши эҳсосоти пеш аз издивоҷ мегузаранд, аз ин рӯ, пойдору устувортаранд.

Одатан оилаҳои ҷавони донишҷӯён агар дар як ҷо таҳсил мекарданд, имкони хуберо дода метавонад. Зеро дар раванди таълим бо

хусусиятҳои характер ва шахсияти духтар ва писар бо ҳамдигар шинос мешаванд ва муддати муайян ҳамдигарро мушоҳида мекунанд, хусусиятҳои мусбату манфии ҳамдигарро, ки бевосита дар раванди таълим зоҳир менамоянд, дониста мегиранд ва дар натиҷа худашон мустақилона хулосабарорӣ мекунанд, ки бо ин нафар оила барпо кунам ва ё ин ки не.

Ҳадаф аз ишораҳои мазкур он аст, ки оилаҳои ҷавони донишҷӯён ки нав шиносӣ пайдо карданду оилаи хешро барпо намуданд, аз шумораи онҳо танҳо 12 фисади онҳо аз издивоҷ, яъне аз оилабарпокунии худ розӣ ҳастанду халос ва 8 фисади дигарашон умуман қаноатманд нестанд. Оилаҳои ҷавони донишҷӯёне, ки бо донишҷӯе, ки дар як муассиса таҳсил мекарду аммо дар ихтисосҳои гуногун ва шиносӣ 1 солро дар бар мегирифт, дар асоси таҳлили натиҷаҳо маълум гарданд, ки дигар нишондиҳандаи қаноатмандӣ аз издивоҷи худ назар ба ноқаноатмандӣ дида болотар аст, яъне 28 фисади оилаҳои ҷавони донишҷӯёни ин гурӯҳ аз оилабарпокунии худ розӣ ҳастанд ва танҳо 2 фисади онҳо норозии хешро баён карданд. Агар ба таҳлили оилаҳои ҷавони донишҷӯёне, ки ҳамкурси худро ба зани гирифтаанд, яъне бо ҳамкурси худ оила барпо намудаанд, таҳлил кунем, пас ин нишондиҳанда 50 фисадро ташкил медиҳад, яъне шумораи зикргардидаи оилаҳои ҷавони донишҷӯён оилабарпокунии худро муваффақ мешуморанд ва шумораи ноқаноатмандӣ аз он ба сифр баробар аст. Чуноне ки дар боло зикр намудем, қаблан шиносӣ бо хусусиятҳои харатер, типи шахс ва рафтор боиси барпо намудани оилаи солим гардида метавонад, зеро дар асоси мушоҳидаи намудани худ писар мустақилона хулосаи худро мебарорад, ки оё ман бо ин гуна хусусиятҳои психологии худ бо хусусиятҳои психологии ин духтар дар якҷоягӣ зиндагӣ карда метавонам ва ё не.

**Диаграммаи №11**




Дар тамоюлҳои оилавии донишҷӯён тафовути муайян ба назар мерасад. Аксари пурсидашудагон - 78% издивоҷи анъанавӣ ва сабтиномшударо бартарӣ медиҳанд. Дар баробари ин, дар асоси муносибатҳои кушод бидуни ҳатмӣ зиндагӣ кардан бақайдгирии акди никоҳ (никоҳи шаҳрвандӣ) афзалият дорад. Аз ин шумора, мутаассифона, танҳо 4 фисади онҳо бастани акди никоҳро зарур арзёбӣ мекунад, ин хело нигаронидакунанда ба шумор меравад.

Ба саволи «Оё шумо касеро мешиносед, ки дар никоҳи сабтнашуда зиндагӣ мекунад?» 63% пурсидашудагон ҷавоб додаанд ва ҳамсарони ҷавонеро мешиносанд, ки дар никоҳи сабтнашуда зиндагӣ мекунанд: 10% онҳо хеле хуб зиндагӣ мекунанд, 56,7% бо онҳое, ки зиндагӣ мекунанд дар никоҳи қайдшуда ва 33,3 фоизашон дар ҷангҷоли доимӣ зиндагӣ мекунанд. Маълумоте, ки дар натиҷаи таҳқиқоти мо ба даст оварда шудааст, бо нишондиҳандаҳои аз ҷониби дигар тадқиқотчиён гирифташуда мувофиқат мекунад.

**Диаграммаи №12**




Таҳқиқоти тамоюли издивоҷ ва оилаи ҷавонони донишҷӯ дар донишгоҳҳои шаҳри Душанбе, Хуҷанд ва Кӯлобу Қурғонтеппа (ноябри 2001 - апрели 2002) нишон дод, ки сарфи назар аз он ки якҷоя зистан ҳамчун як шакли издивоҷ дар байни донишҷӯён сол то сол фаъолтар мешавад, ақди никоҳи қонунӣ бештар ба қайд гирифта шуда, дар доираи ҳаёти донишҷӯён афзалиятнок боқӣ мемонад: 61% донишҷӯён дар издивоҷи қонунӣ ба қайд гирифта шудаанд ва 39% дар иттифоқҳои воқеӣ мебошанд. Солҳои охир издивоҷҳо дар байни ҷавонон як навъ марҳалаи нави давраи ҳаёти оилавӣ гардиданд, ки фавран бо иттиҳоди қонунӣ ба расмият дароварда мешавад.

Дар пажӯҳиш саволе гузошта шудааст: «Ҷанбаҳои мусбати издивоҷи шаҳрвандӣ кадомҳоянд?» Ҷавоби зерин гирифта шудааст: 26% пурсидашудагон посух додаанд, ки барои тӯй хароҷот нест, имкони ҷудо шудан дар ҳар вақт бидуни расмият - 72% ва 2% посух додаанд, ки чунин издивоҷҳо мустаҳкамтаранд.

Ин посухҳо ҳам ангезаҳои иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоӣ-психологиро дар бар мегиранд. Аз як тараф, ин омода набудан ба масъулиятест, ки

издивоҷи қонунӣ бақайдгирифташуда маҳсуб дониста мешавад ва аз тарафи дигар, ин як имконест барои санҷидани эҳсосоти худ. Эҳтимол ба ҳамин далелҳо мусоҳибон имкони ҷудо шуданро дар ҳар вақт бидуни расмият ҳамчун паҳлуи асосии мусбати издивоҷи шаҳрвандӣ маҳсуб медонанд.

Чунончи дар зербобҳои қаблӣ маълум гардид, оилаҳои ҷавони донишҷӯёнро ба яке аз намудҳои он ворид намудем. Намудҳои оилаҳои демократӣ, ки он дар асоси муносибатҳои якдигарфаҳмии тарафайн барпо шудааст, оилаи авторитарӣ, ки аз номаш маълум аст, ки дар он сардори оила як нафар буда, дигарон тобеи он ба шумор меравaнд. Оилаи анархистӣ, ки хусусияти хоси онро парокандагӣ ташкил медиҳад ва ҳар як аъзои оила дар алоҳидагӣ умр ба сар мебарад ва нисбати ҳамдигар муносибати бепарвоӣ зоҳир мекунад.

Аз рӯйи натиҷаҳои ба даст омада, 70 фисади оилаҳои ҷавони донишҷӯнёро оилаҳои демократӣ метавон ном бурд. Ҳамзамон, 61,6 фисади ин гуна оилаҳои ҷавони донишҷӯён аз рӯйи одатҳои қаблӣ оиларо барпо намуданд ва баъдан муносиабти бепарвоёнаро зоҳир намуданд, ки оила намудаи анархистиро гирифтааст. Дар оилаи анархистӣ тақрибан 3 фисади аъзоёни онҳо муносибат бепарвоёна ва хусумадорро зоҳир мекунанд.

Дигар намуди оила, ки оилаи баробарҳуқуқ номида шудааст, дар таҳқиқоти мо 11,6 фисадро ташкил медиҳад, ки онҳо дар соҳаҳои гуногун пешсаф ҳастанд ва ба ҳамдигар кӯмак мерасонанд. Аммо аз шумораи ин гуна оилаҳо оилаҳое ҳастанд, ки то ҳол ба кадом намуди яке аз оилаҳои номбаргардида ворид карданашон маълум нестанд, яъне то ҳол дар ҳолати номуайянӣ қарор доранд ва онҳо 19,8 фисадро ташкил медиҳанд.

Дар баробари ин, аз шумораи оилаҳои ҷавони донишҷӯёне, ки бевосита дар таҳқиқоти мо иштирок намуданд, фисади зиёди онҳо, яъне 78 фисади онро модели муосири оиладориро қобили қабул мешуморанд ва ин оилае мебошад, ки тақсимоти нақшҳои оилавиро пурра ба инобат гирифтаанд ва ҳазамон, аъзоёни оила ҳам зан ва ҳам шавҳар

уҳдадориҳои оилавиро бо фаъолияти касбӣ дар маҷмӯъ пеш мебаранд. Аз ин шумора, 21 фисади оилаҳои ҷавони донишҷӯён ба намуди оилаи анъанавӣ шомил мешаванд, ки дар он шавҳар вазифаи асосиаш дар таъминоти хона ва вазифаи асосии зан бошад, дар корҳои хона ва тарбияи фарзандон мебошад.

Омодагии иқтисодӣ ба издивоҷ бо соҳиби касб, манзил ва даромади мустақилона, омодагии маънавӣ бо дарки вазифа ва масъулият дар назди оила ва фарзандон ва омодагии психологӣ бо қобилияти мувофиқ кардани хоҳишу талаботи хеш бо хоҳиши талаботи ҳамсараи худ ва бар душ гирифтани ухдадориҳо ва масъулияти душвориҳои дар давраҳои гуногуни ҳаёти оилавӣ бавуҷудмеомада мебошад.

Ҳамин тариқ, аз рӯйи натиҷаҳои тадқиқоти ба даст омада, нишондиҳандаи масъалаи мазкур чунин аст: тақрибан 57 фисад ва аз он ҳам дида бештари мардон ҳангоми барпо намудани оила ба худ боварии комил доштанд ва чунин андеша ҳам доштанд, ки аз уҳдаи оила ба хубӣ мебароянд, фисади аз ин ҳам камтарро, яъне тақрибан 30 фисадро оилаҳои ташкил менамоянд, ки худро ба ҳаёти оилавӣ на он қадар омодабуда арзёбӣ мекунанд ва танҳо зиёда аз 10 фисади оилаҳо худро барои барпо намудани оила ва пешбурди он омода намешуморанд.

Дар масъалаи хушбахтии оила, ки яке аз масъалаҳои калидии ҳар давру замон ҳаст ва боқӣ мемонад, дар анкетаи мо низ ҷой дода шуда буд ва ин савол чунин пешниҳод гардида буд: "Ба андешаи Шумо барои хушбахтии оила чӣ гуна шароит муҳим арзёбӣ мегардад?"

Оилаҳои ҷавони донишчуён дар масъалаи мазкур ҷавобҳои аҷибро пешниҳод намуданд ва он дар диаграмма низ ишора гардидааст. Аз шумораи умумии нафарони дар пурсишнома иштирокунанда, хушбахтии оиларо дар ҳамдигарфаҳмӣ мебинанд (қариб 100%), дар ҷойи дуюм, тақрибан 80 фисади оилаҳои ҷавони донишҷӯён хушбахтии оиларо дар муҳаббати ҳамдигар ва мавҷудияти ҷойи кори хуб тасаввур мекунанд. Боқимонда нишондиҳандаҳо чунинанд: тақрибан 40 фисади оилаҳои ҷавон истироҳати бофароғатро бо хушбахтӣ тавъаманд

медонанд, зиёда аз 20 фисади онҳо дар волидони хуб доштан мебинанд. Тақрибан 12 фисади оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар масъалаи хушбахтии оила чунин посухро муҳим мешуморанд, ки мавҷудияти дӯстон маънои хушбахтии оиларо дода метавонад ва ниҳоят фисади бештарро, яъне зиёда аз 55 фисади оилаҳои ҷавони донишҷӯён хушбахтии оиларо дар устувории молиявӣ мебинанд (**Диаграммаи №13**).

**Диаграммаи №13**




Масъалаи дигар, ки мо дар таҳқиқоти худ ба он эътибори ҷиддӣ додем, ин арзёбӣ намудани издивоҷи худ, яъне оё зану шавҳар издивоҷи якдигарро то кадом дараҷа муваффақ мешуморанд. Аз шумораи умумии посухдиҳандагон, тақрибан 28 фисади аъзоёни оилаҳои ҷавони донишҷӯён издивоҷи худро ҳамчун издивоҷи муваффақ арзёбӣ намуданд ва тақрибан зиёда аз 10 фисади оилаҳои ҷавони донишҷӯён бошад, мутаассифона, издивоҷи ҳамдигарро номуваффақ меҳисобанд. Дар баробари ин, оилаҳое, ки асоси барпо намудани оиларо дар муҳаббат ва тавлиди фарзанд медонистанд, фисади зиёдро, яъне 80 фисади ин гуна оилаҳои донишҷӯён худро дар барпо намудани оила муваффақ шумориданд ва аз ин шумора тақрибан 8 фисади онҳо оилаҳое буданд,

ки дар издивоҷи ҳамдигар худро муваффақ намеҳисобанд (**Диаграммаи №14**)

Акнун ба шарҳи саволи навбатии анкетаи тадқиқотӣ рӯ меорем. Савол дар ҳақиқатан ҳам аҷиб буд ва ин савол аз ҷониби коршинос илова шуда буд ва он чунин аст: Агар Шумо имкони баргардонидани вақтро медоштед, оё ба издивоҷи худ дубора розӣ мешудед?" Натиҷаи ба дастомада хушнудкунанда аст, зеро аз ҳамаи фисади оилаҳои ҷавони донишҷӯён, яъне тақрибан 83 фисадашон ҷавоби "бале"-ро раво донистанд, ки ин хуб ҳаст, яъне аз издивоҷ ва оила барпо намуданашаон, аз ҳамсари худ, аз тарзи зиндагии худ қаноатманданд. аз Шумораи умумӣ танҳо 17 фисади ин гуна оилаҳо мутассифона ҷавоби радро дуруст шумориданд ва метавон чунин андешаронӣ кард, ки ин оилаҳое мебошанд, ки, мутассифона, барои барпо намудани оила омодагии хубро надоштанд.

**Диаграммаи №14**




Бояд оилаҳои ҷавони донишҷӯён ба ҳаёти рӯзмарраи хеш эътибор диҳанд, зеро он метавонад ихтилофҳои оилавиро ба бор оварда бошад. Дар асоси тадқиқоти гузаронида, маълум гардид, ки масъалаи мазкур муҳим буда, дар тақсимоти дурусти масъулияти оилавӣ таъсири

худро мерасонад. Вобаста ба ин, метавон ишора намуд, ки тақрибан 75 фисади оилаҳои ҷавони донишҷӯён аз тақсимоти масъулияти оилаҳои худ розӣ ҳастанд ва аз ин шумора дар 19 фисади онҳо қаноатмандии қисман мушоҳида мешавад ва 5 фисади оилаҳои ҷавони донишҷӯён аз тақсимоти масъулияти оилавӣ қаноатманд нестанд (**Диаграммаи №15**).

Чунончи, дар зербобҳои пешина мо хусусиятҳои характери ҳар як аъзои оиларо ишора намуда будем ва таъкид ҳам кардем, ки он ба муносибатҳои оилавӣ таъсири назарраси худро хоҳад расонид ва аз ин лиҳоз масъалаи мазкурро низ дар анкета ҷойгир намудем. Яъне ҳар як аъзои оила бояд дар баробари манфиатҳои шахсӣ манфиатҳои тарафи дигар, яъне зан ва ё шавҳари худро низ ба инобат гирад. Дар масъалаи мазкур, аз рӯйи таҳлили он чунин нишондиҳандаҳо ҳосил гардиданд: шумораи зиёди оилаҳо, тақрибан 84 фисади онҳо дар чунин андеша қарор доранд, ки бояд ба манфиатҳои тарафайн эҳтиром гузошт ва дар ҳаёти рӯзмарраи оилавӣ онро ба инобат гирифт.

**Диаграммаи №15**




Аз нигоҳи психологӣ ба роҳ мондани муошírати созанда байни зану шавҳар ва кушодадилии онҳо, суҳбати озоди онҳо бо ҳамдигар боиси ором кардани ҳамдигар гардида, яке аз усулҳои психологии берун

баровардани эмотсияҳои манфии хеш дар назди зан ва ё шавҳар ба шумор меравад. Вобаста ба масъалаи мазкур, дар асоси анкета кӯшиш кардем, ки мавзуи муҳимме, ки оилаҳои ҷавони донишҷӯён бо ҳам дар суҳбат мешаванд, кадом аст, маълумоти заруриро ба даст оварда бошем. Маълумоти ба даст омадаро таҳлил намуда, метавон чунин ишора намуд, ки аз ҳама фисади зиёдро, яъне тақрибан 70 фисадро бештар дар масъалаҳои мушкилоти моддию молиявӣ иқтисодӣ ва роҳҳои баромадан аз ин мушкилотҳо, дар ҷойи дуюм, суҳбату байниҳамдигарии оилаҳои ҷавони донишҷӯёнро, яъне зиёда аз 70 фисадро нигоҳу бини фарзандон ташкил медиҳад. Мавзуи муҳимми суҳбати дигар, ки дар ҷойи сеюм қарор гирифтааст, ин мавзуи муносибати шахсии ҳар як аъзои оила мебошад, ки ин нишондиҳанда 66 фисадро ташкил медиҳад ва дар ҷойи чорум мавзуи суҳбат дар бораи дӯстону рафиқони ҳамдигар ҷойгир аст, ки нишондиҳандаи он зиёда аз 62 фисадро нишон медиҳад ва ниҳоят фисади пастро, ки ин нишондиҳанда дар навбати худ, 53 фисадро ташкил медиҳад, ин мавзуи суҳабати оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар бораи мавзуъҳои оилавӣ ва масъалаҳои рӯзмарра мебошанд.

**Диаграммаи №16**



Агар бо ҳамин тартиб нишондиҳандаҳои мазкурро идома диҳем, пас маълум мегардад, ки тақрибан 60 фисади оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар бораи тарҳрезӣ ва нақшабандииояндаи оилавии худ андешаашон равона гардидааст. Аз ин ҳам фисади зиёдро оилаҳои донишҷӯён, тақрибан зиёда аз 71 фисадро дар масъалаи тарбияи фарзандон бахшидаанд, ки ин боиси хушнудист, вақте оилаҳои ҷавони донишҷӯён аллакай дар масъалаи таълиму тарбияи дурусти фарзандони хеш андешаронӣ карда, самти фаъолияти фикрии хешро ба он сафарбар мекунанд ва ҳамзамон, андешаронии дигар аъзои оиларо низ ба он ҳидоят мекунад.

Тавлиди кӯдак дар оилаи нав зиндагиро боз ҳам зебою ғанӣ гардонида, хушбахтии дигарро фароҳам меорад. Издивоҷи тарафайни шахсони ҷавон, мақсади асосиашон дар тавлиди фарзанд мебошад ва бо он ҳам кӯшишу ғайрати беандозаро зоҳир мекунанд. Дар таҳқиқоти мо шумораи оилаҳои ҷавони донишҷӯёне ки дар он иштирок доштанд, қариб 70 фисади онҳо соҳиби фарзанд буданд ва ин нишондиҳанда аз рӯйи фоиз чунин рақамҳоро нишон медод: тақрибан зиёда аз 92 фисади оилаҳои ҷавони дар таҳқиқот иштирок мекарда, соҳиби як фарзанд буданд ва 8 фисади онҳо аллакай соҳиби ду фарзанд буданд.

Агар ба нишондиҳандаҳои болозикр эътибор диҳем, пас маълум мегардад, ки дар таҳқиқот оилаҳои ҷавони донишҷӯён, ки ҳоло соҳиби фарзанд набуданд, иштирок доштанд. Оилаҳои мазкур, яъне оилаҳое, ки тавлиди фарзандро дар асоси муносибат ва қарори тарафайни ҳам зану ҳам шавҳар дар омилҳои гуногун медиданд, бо ибораи дигар сабаби ба таъхир мондани тавлиди фарзандро чунин ишора мекарданд: зиёда аз 27 фисади оилаҳои ҷавони донишҷӯён бинобар сабаби мушкилот дар таҳсил тавлиди фарзандро ба таъхир гузоштанд ва аз ин шумора, 32 фисади оилаҳо бошад, аввал ҷойи кори мувофиқ ёфтан ва соҳиби манзил шудан лозим аст, баъдан барои тавлиди фарзанд андеша бояд кард. Зиёда аз 36 фисади оилаҳои донишҷӯён бинобар сабаби ҷой доштани мушкилоти молиявӣ тавлиди фарзандро ба таъхир гузоштанд ва

боқимонда оилаҳо дар аз ҷиҳати психологӣ омода набудани худ тавлиди фарзандро ба таъхир гузоштанд.

Масъалаи хоҳиши соҳиби чанд фарзанд доштани оилаҳои ҷавони донишҷӯён низ ба инобат гирифта шуд ва аллакай нишондиҳандаҳоро бо тақрибан 10 ва ё 15 сол пеш муқоиса кунем, хеле коҳиш ёфтааст. Зеро дар аввал оилаҳои анъанавии мо тоҷикон зиёда аз 4 фарзандро хоҳиш доштан ва ин шумора аллакай бо куллӣ тағйир ёфтааст ва он дар асоси тадқиқоти гузаронидаи мо чунин рақамҳоро нишон дод: 26 фисади оилаҳои ҷавони донишҷӯён доштани як фарзандро афзалтар мешуморанд, ва онҳо бинобар сабаби душвор будани зиндагӣ, надоштани манзили истиқоматии шахсӣ ва дигар мушкилоти молиявӣ дигар ба худ имкон дода наметвонанд. Шумораи зиёд, яъне 53 фисади оилаҳои донишҷӯён доштани ду фарзандро қабул доранд, танҳо зиёда аз 14 фисади ин гуна оилаҳо доштани се фарзандро афзалтар мешуморанд. Оилаҳои ҷавони донишҷӯёне, ки хоҳиши доштани 4 фарзанд ва ё зиёда аз онро тақрибан то 4 фисадро ташкил доданду халос. Шумораҳои ишорагардида тариқи диаграмма низ таҷассуми худро ёфтаанд

Мавриди қайд аст, ки аз шумораи оилаҳои ҷавони донишҷӯёне, ки дар тадқиқот иштирок намудаанд, зиёда аз 68 фисади онҳо дар оилаҳое таълиму тарбия ёфтаанд, ки дар он оила зиёда аз 3 фарзанд буданд ва оилаҳое, ки дар онҳо ду ва як фарзанд буданду дар он ба воя расидаанд, 18 фисадро ташкил медиҳад.

Саволи болозикри анкета аз шароити доштаи ҳозираи оила вобастагии сахт дорад, зеро оилаҳое ҳастанд, ки дар оилаҳои калон ба воя расидаанд ва мехоҳанд фарзанди бисёр дошта бошанд, аммо бинобар сабаби мушкилоти молиявию иқтисодӣ худро ба он баробар карда наметавонанд, зеро медонанд ки дар замони муосир ин кор хело душвор мебошад. Аз ин рӯ, дар баробари саволи дар болозикр мо саволи дигарро низ илова намудем, ки он чунин буд: “Агар шароити заруриро медоштед, шумо соҳиби чанд фарзанд будан мехостед?” Аллакай вобаста ба мазмуни савол ҷавоби оилаҳои донишҷӯён тағйир ёфт, яъне

нишондиҳандаҳо чунин рақамҳоро нишон доданд: танҳо 13 фисади оилаҳо доштани як фарзандро қобили қабул донистанд, хоҳиши соҳиби ду фарзанд будани онҳо зиёда аз 44 фисадро ташкил дод, доштани 3 фарзанд тақрибан 30 фисадро ташкил доданд ва бо ҳамин тартиб оилаҳои ҷавоне, ки мехостанд зиёда аз 3 фарзанд дошта бошанд, тақрибан 15 фисадро ташкил доданд.

Дар асоси таҳлили саволи қаблӣ ва саволи мазкур маълум гардид, ки агар шароити зарурӣ муҳайё бошад фикру андешаи, оилаҳои ҷавони донишҷӯён низ ба ин масъала ва дигар масъалаҳои оилавӣ тағйир меёбад, ки шаҳодати ёриву дастгириҳоии оилаҳои ҷавони донишҷӯён аз тарафи муассисаи таълимӣ мебошад.

Тавлиди кӯдак дар оилаҳои ҷавони донишҷӯ тағйироти куллиро ба бор меорад ва ба паҳлуҳои гуногуни муносибатҳои оилавӣ бе таъсир намемонад. Дар асоси таҳлили натиҷаҳои аз тадқиқот ба даст омада маълум гардид, ки 76 фисади оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар чуниин андеша қарор доранд, ки тавлиди фарзанд ба таъминоти моддию молиявии оила таъсир мерасонад, зиёда аз 60 фисади оилаҳои ҷавони донишҷӯён бошад, таъсири тавлиди фарзандро дар уҳдадориҳои оилавӣ мебинанд ва танҳо зиёда аз 55 фисади оилаҳои ҷавони донишҷӯён чунин мешуморанд, ки тавлиди фарзанд ба муносибати тарафайни ҳамсарон таъсиррасон мебошад. Масъалаи дигар, мо дар асоси таҳлили натиҷаҳои тадқиқот муайян ва мушаххас намудем, ки аксари оилаҳои ҷавони донишҷӯён тавлиди фарзандро барои ҳалли ихтилофҳои оилавӣ муҳим ва зарур мешуморанд ва ин нишондиҳандаҳо дар байни оилаҳои ҷавони донишҷӯён зиёда аз 4 фисадро ташкил медиҳад. Қисмати дигар оилаҳо бошанд, фикру ақидаронии дигарро доранд ва ба андешаи онҳо тавлиди фарзанд баъзан боиси тағйир ёфтани муносибатҳои байниҳамдигарии ҳамсарон мегардад, хусусан дар масъалаи диққати бештар ба фарзанд дода мешавад ва таваҷҷуҳи камтарро ҳамсарон ба ҳамдигар равона месозанд.

Тақсимоти одилонаи вазифаҳо пас аз таваллуди кӯдак бештар аст. Он дар оилаҳои навъи демократӣ мушоҳида мешавад ва дар оилаҳои иеархӣ амалан вуҷуд надорад.

Масъалаи муҳимми дигари мушкилоти ин оилаҳои донишҷӯён нигоҳу бини кӯдакон дар раванди дарсҳо мебошад. Аксарияти онҳо дар раванди дарс, яъне барои иштирок дар дарсҳо ва дарсшиканӣ накардан, кӯдакро дар муассисаҳои томактабӣ мемонанд, аксарияти дигар, барои нигоҳубин ба падаркалон ва модаркалон месупоранд, қисмати дигар, бо ҳамсар аз рӯйи вақти озод доштани ҳамдигар дар нигоҳубини кӯдак ҳамдигарро иваз мекунанд.

Агар оила дар асоси розигии волидон барпо шуда бошад, ин оила имкони устувор ва солим будани онро дарак медиҳад, зеро волидон кӯшиши кумк расонидан мекунанд. Аммо агар оила бе розигии волидон сурат гирад, дар ин ҳолат баръакси ҳолати боло мегардад. Аз шумораи умумии оилаҳое, ки дар таҳқиқоти мо иштирок дштанд, қисмати зиёди онро, яъне тақрибан 80 фисади онҳо бо розигии волидон оилаи хешро барпо намудандва танҳо зиёда аз 52 фисади онҳо бе розигии волидон оядаи хешро барпо намуданд.

**Диаграммаи №17**



Ихтилофҳои оилавӣ яке аз ҷанбаҳои дигари таҳқиқоти моро ташкил медиҳад ва чуноне ки ба ҳамагон маълум аст, ягон оила бидуни ихтилоф вуҷуд надорад ва ё вуҷуд дошта наметавонад, бахусус оилаҳои ҷавони донишҷӯён, ки пур аз мушкилот мебошанд. Вобаста ба ин дар анкета саволе бо чунин тартиб ҷойгир намудем ва аз иштироккунандагон ҷавобро интизор гардидем: "Дар рафти ҳаёти оилавӣ чанд маротиба бо ихтилофи оилавӣ рӯ ба рӯ гардидед"?

Аз шумораи умумии оилаҳои ҷавони донишҷӯён 27 фисади онҳо чунин ҷавоб доданд, ки, мутаассифона, тез-тез ихтилоф мекунанд, ҳол он ки фисади зиёда аз 50 %-ро оилаҳое ташкил медиҳанд, ки онҳо нисбатан камтар ба ихтилоф рӯ ба рӯ мешаванд ва зиёда аз 20 фисади оилаҳои ҷавони донишҷӯнё чунин ҷавобро афзалтар шумориданд, ки онҳо ихтилоф накардаанд. Ин нишондиҳандаро метавон гуногун маънидод кард, аз қабили ё онҳо мазмуну моҳияти ихтилофро ба пуррагӣ нафаҳмиданд ва ё онҳо оилаҳое ҳастанд, ки нав оилаи худро барпо намуданд, зеро чуноне дар боло ишора намуда будем, дилхоҳ оила бо ихтилофҳои дохилӣ рӯ ба рӯ мегардад.

Дар робита ба ин, рӯ ба рӯ шудан бо ихтилофҳои оилавӣ, ҳамзамон сабабҳои ба миён омадани ихтилофҳои оилавӣ аз оилаҳои ҷавони донишҷӯён низ пурсида шуд ва чун қоида ҷавоб ба ин савол мухталиф буданд. Масалан, фисади зиёд сабаби ихтилофҳои оилавиро дар майдачуйдаҳо медиданд ва ин нишондиҳанда тақрибан 26 фисадро ташкил медиҳад. Дар ҷойи дуюм, худпарастӣ ва муносибати нодурусти ҳамсар қарор гирифтааст, ки тақрибан 21 фисади оилаҳои ҷавони донишҷӯён масъалаи мазкурро сабабгори ихтилофҳои оилавӣ мебинанд ва ҳам мешуморнад. Теъдоди аз ин ҳам камтарро 19 фисад ташкил медиҳад, ки ин шумораи оилаҳои ҷавони донишҷӯён сабаби ихтилофҳои оилавиро дар хоҷагидории оилавӣ мебинанд. Қисмати дигари оилаҳои ҷавони донишҷӯён сабаби ихтилофҳои оилавиро дар таълиму тарбияи кӯдакон мебинанд ва шумораи ин оилаҳо зиёда аз 15 фисадро ташкил медиҳанд. Дахолати волидон ба оилаҳои ҷавони донишҷӯён низ аз

ҷониби иштирокчиёни таҳқиқот дарҷ гардид ва зиёда аз 12 фисади оилаҳои донишҷӯён сабаби ба миён омадани ихтилофҳои оилавиро дар дахолати волидон ба муносибатҳои оилавии хеш шарҳ медиҳанд. Фисади камтаринро дигар мушкилот, рашк, рафторҳои ноҷои ҳамсарон, ба монади сӯистеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ва рафтан ба дискоклубҳо ташкил медиҳанд ва ин ҳамагӣ аз шумораи умумии оилаҳои иштироккунанда дар таҳқиқ тақрибан 5 фисадро ташкил медиҳад.

Масъалаи ҳалли ихтилофҳои оилавӣ ва кӯмаки шахси сеюм ва дигар нафарон низ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аз шумораи оилаҳои ҷавони донишҷӯёне, ки дар тадқиқот иштирок намуда буданд, зиёда аз 80 фисади иштироккунандагон чунин ҷавобро раво донистанд, ки ягон кас дар ҳалли ихтилофҳои оилавӣ ба онҳо кӯмак нарасонидааст. Маънои ин гуна ҷавобҳо дар худ шарҳу эзоҳи мухталифро дошта метавонад, масалан, пинҳон нигоҳ доштани ихтилофҳои оилавӣ бинобар сабаби пинҳон нигоҳ доштани сирри оилавӣ.

Аз шумораи умумии онҳо танҳо 18 фисади ин гуна оилаҳо ҳангоми дучор омадан ба ихтилофҳои оилавӣ муроҷиат ба мутахассисон, ба волидон ва ё рафиқонро афзалтар ва қобили қабул донистанд. Ин шумора низ метавонад калавиш хӯрад, зеро аксари оилаҳои ҳангоми дучор омадан бо ихтилофҳои оилави ба кадом мутахассис муроҷиат карданашнро намедонанд.

Дар робита ба масъалаи мазкур метавон ишора намуд, ки пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ масъалаи хадамоти психологӣ рӯ ба беҳдуӣ овард ва на танҳо дар маркази шаҳри Душанбе, балки дар марказҳои вилоятҳо ва дигар минтақаҳои кишвар низ хадамоти психологӣ ҷиҳати расонидани ёрии психологӣ ташкил ва таъсис дода шудааст. Вобаста ба ин, дар асоси пешрафти илму техника аз ҷониби ташкилоти хориҷӣ машварти психологии телефонӣ ба роҳ монда шуд, ки оилаҳои ҷавони донишҷӯён метавонанд ҳангоми рӯ ба рӯ шудан ба дилхоҳ мушкилоту ихтилофҳо тавассути телефони боварӣ ба мутахассисони касбӣ муроҷиат намоянд.

Таҳлили муқоисавии маълумоте, ки басомади мунокишаҳоро дар оилаҳои донишҷӯён то ба охир расидани таҳқиқоти таҷрибавӣ инъикос менамояд, нишон медиҳад, ки онҳо тағйир ёфтаанд: оилаҳое, ки дар онҳо низоъ ба вуқуъ мепайвандад, аксаран 11%, кам - 6% ва оилаҳое, ки дар он ихтилофот кам шудааст, 17 фоиз афзуд.

Ба андешаи мо, кам шудани мунокишаи донишҷӯён бо оилаҳо ва афзудани оилаҳои бидуни низоъ самаранокии корҳои таҷрибавиро исбот мекунад.

Дар ин росто, бо истифодаи формулаи болозикр натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки оилаҳои ҷавони донишҷӯён бештар чунин сифатҳои ҳамсари худро намеписанданд ва ин нишондиҳандаҳо чунинанд: хусусияти эгоистии ҳамсар, ки тақрибан 15 сифати оилаҳо ин хусусиятро қабили қабул надоранд ва аз ин шумораи умумии оилаҳои дар тадқиқот иштироккунанда, яъне озмудашавандаҳо зиёда аз 30 фисадашон хусусияти оштинопазирӣ намеписандад. Хусусияти дигар, ки оилаҳои донишҷӯёни озмудашавандаҳо онро вайронкорӣ намиданд, ба 11 фисади онҳо ин хусусият қобили қабул нест, яъне ин хислати вайронкориро қабул надоранд.

Дар асоси баррасиҳои боло мантиқан саволи навбатӣ ба миён меояд: "Оё муносибатҳои шумо ба таҷдиди сохтор ниёз доранд?" Бештар аз нисф (60%) ҷавоб доданд: "Бале, онҳо қисман ба он ниёз доранд". Аз шумораи умумии оилаҳои донишҷӯён-озмудашавандагон 6 фисади онҳо азнавсозии муносибатҳои оилавиро афзалтар мешуморанд, гарчанде фисади зиёди онҳо, яъне тақрибан зиёда аз 30 фисади ин гуна оилаҳо дар чунин андеша қарор доранд, ки на тамоми муносибатҳои оилавиро, балки баъзан ҷанбаҳои онро мебояд тағйир дод.

Масъалаи талоқ низ ба анкета ҷой дода шуд ва вобаста ба ин, 36 фисади оилаҳои ҷавони донишҷӯён ҳалли ихтилофҳои оилавиро дар талоқ мебинанд. Қисмати бештари оилаҳои ҷавони донишҷӯён, яъне 60 фисади онҳо дар раванди гум шудани ҳамдигарфаҳмӣ талокро зарур мешуморанд, 20 фисади онҳо ҳангоми дучор шудан бо хиёнат ва фисади

пасти онҳо ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо хусусиятҳои эгоистӣ, беэҳтиромӣ нисбати якдигар низ талоқро раво медонанд.

Чунончи дар болотар ишора намуда будем, оилаҳои донишҷӯён нисбат ба раванди таълим муносибати ҷиддитарро зоҳир мекунанд ва ин гуфтаҳо дар тадқиқоти гузаронида шуда исботи худро ёфт. Коҳиши натиҷаҳои таҳсили бархе аз донишҷӯён аз он иборат аст, ки аввалан, аксари онҳо дар вақти нопурра кор мекунанд, аксари ҳамсарон бо навбат фарзандонро нигоҳубин мекунанд, ки ин табиист ва ба таҳсили онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Дар ин вазъият муносибати омӯзгорон ба донишҷӯёни оиладор ва мушкилоти онҳо хеле муҳим аст. Баъзе муаллимон ба онҳо бо эҳтиром ва фаҳмо муносибат мекунанд, баъзеи дигар бошад, бо таҳқир ва нафрат муносибат мекунанд, аз ин рӯ, дар таҳсил душвориҳои иловагӣ ба миён меоянд. Мушкилот дар таҳсил, чун қоида, бо зиёд шудани асабонии ҳамсарони донишҷӯй ба миён меояд, ки ин метавонад боиси мушкилот дар муносибатҳои оилавӣ гардад.

Ҳамзамон, аз оилаҳои ҷавони донишҷӯёни иштироккунанда дар тадқиқот хоҳиш кардем, то назари худро нисбати омӯзгорон иброз дошта бошанд. Натиҷаҳо барои рушд додани сифатҳои мусбати омӯзгорон ва бартараф кардани хусусиятҳое, ки барои комёбиҳои шахсӣ расидан монеаро эҷод мекунанд, муҳим арзёбӣ мегарданд.

Оилаҳои донишҷӯён аз нигоҳи хуб ба омӯзгорони дарсдиҳанда баҳодиҳӣ намуда, 48 фисади онҳо, яъне оилаҳои ҷавони донишҷӯён сифатҳои муҳимми касбии омӯзгоронро дар дараҷаи миёна медиданд ва тақрибан 10 фисад аз ин камтар, яъне 37 фисади оилаҳои донишҷӯён аз назари онҳо омӯзгорони дарсдиҳанда дорои сифатҳои муҳимми касбии омӯзгорӣ нестанд, яъне ин гуна сифатҳои муҳимми касбии омӯзгориро умуман наметавон мушоҳида намуд. Аз шумораи умумии омӯзгорони дарсдиҳанда, фисади ками онҳо, яъне 15 фисади онҳо аз назари донишҷӯён, ки бевосита дар дарсҳои ин омӯзгорон иштирок мекунанд, омӯзгороне маҳсуб меёбанд, ки дар онҳо сифатҳои муҳимми касбии

омӯзгорӣ дар дараҷаи баланд қарор доранд ва ин оилаҳои донишҷӯён ҳангоми дарс аз мазмуну моҳияти тадриси ин гуна омӯзгорон ҳаловат бурда, онҳоро ҳамчун идеал қабул кардаанд.

Муносибати эмотсионалии оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар муносибат бо омӯзгорони дарсдиҳанда ҳам дар шакли зуҳуроти эмпатия ва (ҳамҳиссӣ, ҳамдардӣ) антипатия зоҳир мешавад. Дар ин ҷо ҷавобҳо ба таври зайл тақсим карда шуданд: сатҳи пасти сифати касбии омӯзгор - 53% ва сатҳи миёнаи сифати касбии омӯзгор - 47%.

Масъалаи муоиширати дурусту созандаи касбии омӯзгорон бо оилаҳои донишҷӯён низ муҳим арзёбӣ гардида, аз дараҷаи касбияти омӯзгор далолат мекунад. Ҳамин тариқ, зиёда аз 70 фисади оилаҳои донишҷӯён дараҷаи муоишрати омӯзгорони дарсдиҳандаро миёна арзёбӣ намуданд ва аз ин шумора, 28 фисади оилаҳои донишҷӯён ба тарзи муоширати омӯзгорони дарсдиҳанда баҳои пастро раво донистанд, яъне ба андешаи онҳо 28 фисади омӯзгорон муоширати дурусту созандаро бо донишҷӯён роҳандозӣ карда наметавонанд.

"Муоширати педагогӣ - муоширати касбии байни муаллим ва донишҷӯ, ки дорои функсияҳои муайян буда, ба офаридани фазои солими психологӣ, инчунин мувофиқати психологии раванди таълим, муносибати байни муаллиму донишҷӯ ва дохили коллектив равона карда шудааст. Муоширати педагогӣ як шакли таъсиррасони таълимӣ буда, ҳамчун ҳамкории байни муаллиму донишҷӯ тавсиф дода мешавад. Муоширати педагогӣ дорои функсияҳои коммуникативӣ, персептивӣ ва интерактивӣ буда, туфайли воситаҳои шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ (мимика, пантомимика, имою ишораҳо, воситаҳои кинестикӣ, паралингвистика, проксемика, алоқаи визуалӣ) амалӣ мешавад. Махсусияти дигари ин намуди муошират, пеш аз ҳама, дар самтнокиаш таҷассум меёбад, зеро он на танҳо ба ҳамкорӣ ва инкишоф додани шахсияти донишҷӯён, балки ба ташкил кардани донишазхудкунӣ ва дар ин асос ташаккул ёфтани маҳоратҳо низ равона шудааст" [117, с.65]. Ҳамин тариқ, ин намуди муошират ба се самт равона шудааст: ба ҳамкорӣ дар раванди таълим, ба

донишҷӯён ва ба предмети донишазхудкунӣ. Ҳамзамон, муоширати педагогӣ аз рӯйи тамоюли сегонаи субъектҳояш низ муайян карда мешавад: шахсӣ, иҷтимоӣ ва предметӣ. Самаранокии муоширати педагогӣ асосан аз услуби муоширати педагог вобастагӣ дорад.

Дар таҳқиқоти худ инчунин майлияти ҳамсарони ҷавонро ба рафтори муноқишаҳо мавриди омӯзиш қарор додем. Бо ин мақсад мо усули психологӣ – иҷтимоии донишманди Н.В. Гришина ва К. Н. Томасро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем.

Он барои муайян кардани усулҳои маъмулии посухгӯяндагон ба ҳолатҳои муайяни муноқиша кӯмак мекунад. Бо ёрии он шумо метавонед муайян кунед, ки шахс то чӣ андоза ба рақобат ва ҳамкорӣ дар оила майл дорад, оё ӯ барои созиш кӯшиш ва ё ӯ аз мунокишаҳо канорагирӣ мекунад ва баръакс, кӯшиш мекунад, ки онҳоро бадтар кунад.

Барои амалӣ намудани методология ва коркарди маълумоти гирифташуда, мо матн ва калидро истифода кардаем.

Пас аз ҳисоб ва таҳлили маълумоти бадастомада, ҳамсарони донишҷӯ аз рӯйи сатҳи усулҳои вокуниш дар вазъияти мушаххас ба се гурӯҳ тақсим карда шуданд:

• ҷамъ аз 0 то 4 хол - паст;

• ҷамъ аз 5 то 8 хол – миёна;

• ҷамъ аз 9 то 12 хол— баланд.

Дар раванди ба миён омадан ихтилофҳои оилавӣ ҳар яке аз аъзои оила рафтори муайяне иҷро мекунад ва вобаста ба рафтору мавқеи гирифтаи ҳар як аъзои оила ё ин ихтилофи оилавӣ ҳал мешавад ва ё баръакс доманадор гардида, то ба ҷудошавӣ онҳоро бурда мерасонад. Аммо, боиси хушнудист, ки бештари оилаҳои ҷавони донишҷӯён, ки бевосита дар таҳқиқоти мо иштирок намуданд, аз ду намуди рафтор дар ҳолати ба миён омадани ихтилофҳои оилавӣ истифода мекарданд, ки ҳардуи рафторҳо ҳам дар навбати худ аз ҷониби мутахассисони касбӣ мусбат арзёбӣ гардидаан ва ин “ҳамкорӣ” ва “созиш” маҳсуб меёбад.

Яъне рафторҳои “ҳамкорӣ” ва “созиш” барои ҳалли ихтилофҳои оилавӣ муосидат мекунад ва намемонад, ки он доманадор гардад. Бо иборaи дигар оилаҳои ҷавони донишҷӯён кӯшиш мекунанд, ки аз ихтилофҳои оилавӣ дар канор бошанд, яъне канораҷӯӣ намоянд ва ихтилофҳоро аз будаш зиёдтар нагардонанд. Чуноне ишора намудем, рафторҳои мусбатро интихоб намуданд ва рафторҳои манфӣ ба монандӣ аз рақобат дасткашӣ кардаанд, ки ин далолат аз омода будани оилаҳои ҷавони донишҷӯён ба ҳаёти оилавӣ ва устувору солим нигоҳ доштани оилаи худ мекунад.

Масъалаи омӯзиши ихтилофҳои оилавӣ тавассути методикаи касбии психологии «**Табиати ҳамкории зану шавҳар дар ҳолатҳои низоӣ»** мавриди истифодаи амал қарор гирифт ва маълумоти муфассал дар бораи ин тести психологӣ дар зербоби алоҳида оварда шудааст. Дар асоси натиҷаҳои аз тести психологии дар боло ишоранамуда метавон иброз намуд, ки фисади зиёди оилаҳои донишҷӯён, яъне тақрибан 80 фисади онҳо бинобар сабаби ҷой доштани мушкилот дар муносибат бо хешу таборону дӯстон ва ҳамзамон, мавҷудияти рашк ба ихтилофҳои оилавӣ рӯ меоранд, яъне ин гуна зуҳурот боиси сар задани ихтилофҳои оилавӣ мегардад. Шумораи аз ин ҳам зиёдро бошад, вайроншавиҳои он оилаҳое мебошад, ки ҳамсарон аз шавҳари ояндаи худ интизор буданд, мутаассифона иҷрои ин нақшҳои интизориро дар шавҳарашон намебинанд ва ин нишондиҳанда зиёда аз 82 фисадро ташкил дод. Тақрибан 75 фисади оилаҳои ҷавони донишҷӯён сабаби ихтилофҳои оилавиро дар раванди таълиму тарбияи кӯдакон мебинанд. Аз нигоҳи психологӣ бо ҳам мувофиқ наомадан байни аъзоёни оилаҳои ҷавони донишҷӯён 28 фисадро ташкил медиҳад.

***Таҳлили натиҷаҳои тести психологии қаноатмандӣ аз ақди никоҳ” муаллифон В.В. Сталин ва Т.Л. Романова.*** Барои ба даст овардани баҳодиҳии миқдорӣ, пас аз таҳлили маълумоти ибтидоӣ, мо дар асоси онҳо ҷадвал тартиб медиҳем, ки дар натиҷаи он дақиқу равшан мешавад, ки аксари ҳамсарони донишҷӯй оилаи худро нисбатан обод (29,8%) ва

комилан обод (32,7%) мешуморанд. 12,7% оилаҳои донишҷӯён давраи гузариш мебошанд; 18,3% - обод; 6,5% онҳо хеле номувофиқанд ва дар байни пурсидашудагони мо оилаҳои номувофиқ ё комилан номунтазам вуҷуд надоранд.

**Ҷадвали №3**

**Натиҷаҳои муқоисавии пурсиши оилаҳои донишҷӯён ҳангоми омӯзиш дараҷаи қаноатмандӣ аз издивоҷ**

**(аз 0 то 48 хол)**

| Нишондиҳандаҳо | Натиҷаҳои таҷриба | |
|---|---|---|
| | Марҳилаи якум | Марҳилаи умумӣ |
| Сатҳи қаноатмандии оилаҳои ҷавони донишҷӯён аз издивоҷ | 31 | 42 |

***Таҳқиқ ва омӯзиши фазои иҷтимоӣ-психологии оилаҳои ҷавони донишҷӯён тавассути методикаи психологии «Муҳити иҷтимоӣ-психологӣ дар гурӯҳ» - муаллиф Ф. Фидлер.*** Акнун ба шарҳи натиҷаҳои аз методикаи мазкур ба даст омада мепартозем. Фазои иҷтимоӣ-психологии оилаҳои ҷавони донишҷӯён масъалаи калидӣ буда, тавассути методикаи касбӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуд. Дар баробари ин, фазои иҷтимоӣ-психологӣ дар марҳилаи дуюми тадқиқот аллакай рӯ ба беҳбудӣ овард ва он нишондиҳанда ба 7,2 фисад расид.

Дар асоси натиҷаҳои аз тести мазкур ба даст омада, дар марҳидаи умумии таҳқиқот дараҷаи рушди қобилияти тарбияи фарзандон рӯ ба беҳбудӣ овард ва ин нишондиҳанда, ки қаблан зиёда аз 33 фисад, аниқтараш 33,6 фисадро ташкил медод, ба 28,5 рӯ ба афзоиш овард. Ҳамзамон, мушкилоти оилавӣ бошад, коҳиш ёфт ва он нишондиҳанда аз 39 ба 31 фисад расид, ки нишондиҳаи хуб ба шумор меравад. Пас аз ишораҳои мазкур метавон чунин андешаронӣ намуд, ки оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар зери фароҳам овардани шароити мусоид метавонанд ҳам оилаи солимро нигоҳ доранд, ҳам барои устувор нигоҳдории он саъю

кӯшиш кунанд ва ҳам волидоне бошанд, ки дар таълиму тарияи фарзанд нақши муассирро гузоранд ва ҳамзамон ҳангоми дучор шудан бо мушкилот онҳоро саривақт ва мустақилона паси сар кунанд.

Вобаста ба натиҷаҳои ба даст омада, маълум гардид, ки оилаҳои ҷавони донишҷӯён бештар ба ҳамкорӣ майл дошта ва барои ба созиш омадан талошҳои зарурииро зоҳир мекунанд. Ҳамзамон, кӯшиши канораҷӯйӣ аз ихтилофҳои оилавиро мекунанд, яъне намегузоранд, ки ихтилофи ночиз ба ихтилофи бузурги оилавӣ рафта расад. Қисмати зиёди оилаҳои ҷавони донишҷӯён, ки бевосита дар таҳқиқоти мо иштирок доштанд, аз муносибатҳои оилавии роҳандозӣ намудаи зану шавҳар қаноатманд буда, изидивоҷи худро муваффақ мешуморанд, ки ду ҷанбаи зикргардида барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён ҷиҳати устувору солим нигоҳ доштани оилаи такон ва мароми хубро мебахшад.

Ҳамин тариқ, дар боби дуюм амсилаи ташкили ёриву дастгириҳои психологӣ, педагогию иҷтимоӣ дар муассисаи таълимии муайян барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён таҳия гардид, ки ҳадаф аз он ташкил намудан ва фароҳам овардани шароити мусоид барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён ҷиҳати барпо намудани оилаҳои солим ва устувор нигоҳ доштани оилаҳои ҷавон маҳсуб меёбад. Бо ибораи дигар, дар асоси амсилаи мазкур, ҳар як муаассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ метавонад дар баробари раванди таълиму тарбия, ҳамзамон барои дастгирии оилаҳои ҷавон ҷиҳати омода намудани ҷомеаи солим нақши муассирро гузорад.

Ташкили модели мазкур танҳо барои муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ДДБ ба номи Носири Хусрав набуда, балки он барои дигар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ низ мувофиқи мақсад ба шумор меравад. Амсилаи мазкур дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда маълум гардид, ки натиҷаи хубро дода метавонад.

Барои дар сатҳи зарурӣ ташкил ва ба роҳ мондани амсилаи мазкур он дар зери кумитаи иттифоқи касабаи муассисаи таълимӣ ба роҳ монда

шуд ва ҳамзамон, маҳфили махсус барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён низ роҳандозӣ гардид, ки ин маҳфил дар асоси ҷаъомадҳо ташкил ва баргузор мегардид. Дар маҳфили мазкур, ҳар як аъзоёни оилаи донишҷӯён мушкилоти худро ифроз намуда, ҳамдигарро дарк карда ва ба ҳамдигар муносибати самимиву ҳамҳиссӣ зоҳир намуда, дар бештари мушкилот ёрирасони ҳамдигар мегарданд.

Ҳамзамон, амсилаи тартибдодаи мо аз чунин давраҳо иборат мебошад, аз қабили:

- ҳавасмандгардонии оилаҳои ҷавони донишҷӯён;
- масъалгузориҳои наздику дур;
- барномаҳои таълимӣ;
- омӯзиши малакаву маҳоратҳои махсуси оилавӣ;
- тренингҳои махсуси психологӣ бо иштироки мутхассисони касбӣ;
- бозиҳои нақшӣ;

Давраҳои мазкур барои ташаккули донишу малакаву маҳоратҳои махсуси оилавӣ, ки барои барпо намудани оилаи солим ва устувор нигоҳ доштани онҳо муҳим арзёбӣ мегарданд ва натиҷаи хубро дода метавонанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронида тасдиқи андешаҳои мазкур мебошанд.

Ҳамин тариқ, дар интиҳо ҳаминро ишора намудан лозим аст, ки амсилаи тартибдодаи мо бо назардошти урфу одат ва анъанаҳою хусусиятҳои этнопсихологии халқи тоҷик таҳия гардидааст.

## Хулосаи боби дуюм

Қисмати амалии рисолаи мазкур бо назардошти принсипҳои илмӣ ва риояи талаботи илмии соҳаи психологияи педагогӣ гузаронида шуд. Дар қисмати амалии рисола ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти психологӣ аз маҷмуи методҳои касбии соҳаи психологияи педагогӣ, ки маҳз мавзуи

рисола мувофиқат мекунад, мавриди истифодаи амал қарор дода шуданд.

Бо ибораи дигар, қисмати амалии рисолаи мо, ки самти психологияи педагогиро дар худ фарогир мебошад, ин гурӯҳи методҳои касбиро мавриди истифодаи амал қарор додем. Ҳамин тариқ, дар тадқиқоти мо «L», «Q» ва «T»-маълумот тавонистем ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти оилавии оилаҳои донишҷӯён ва хусусиятҳои психологии шахсияти аъзоёни оилаи онҳоро мавриди омӯзиш ва таҳқиқи амиқ қарор додем.

Чунончи аз адабиёти соҳавӣ бармеояд, «L» - маълумотҳо (аз калимаи «life record data») тавассути қайди рафторҳои объективии шахс дар рафти ҳаёти рӯзмарраи ӯ омӯхта мешаванд. Маълумоти психологии мазкур (маълумоти сабти ҳаётӣ) бо роҳи бақайдгирии ҳаёти шахс, хусусан дар натиҷаи мушоҳида гирифта мешавад ва баҳогузории экспертӣ (коршиносон) низ ба ин гурӯҳи маълумот дохил мешавад. Агар маълумоти пурра дар бораи тарзи ҳаёти оилаҳои ҷавони донишҷӯён имконияти васеъро фароҳам меоварад.

«Q»-маълумот (аз «Questionnaire data»). Омӯзиш ва таҳқиқ ба воситаи методикаҳоро ва тестҳои психологиро «Q»-маълумот меноманд. Дар системаи таҳқиқи шахс «Q»-маълумот ҷойи марказиро ишғол менамоянд. Миқдори методикаҳои дар «Q»-маълумот истифодашаванда бисёранд, аз ин лиҳоз мо чунин методикаҳоро мавриди истифода қарор додем:

Анкетаи психологӣ ҷиҳати омӯзиш ва тадқиқи вазъи оилаи донишҷӯён”.

Методикаи арзёбӣ намудани фазои психологӣ дар гурӯҳ (аз рӯи А.Ф. Фидлер).

Тести “Қаноатмандӣ аз издивоҷ” (муаллифон В. В. Столин, Т. Л. Романова, Г. П. Бутенко).

Тести «Тавсифи рафтор дар вазъиятои ихтилофӣ»-и К. Томас.

Тести “Хусусияти муносибати байниҳамдигарии ҳамсарон дар вазъиятҳои ихтилофӣ”. Анкетаи “муаллим аз нигоҳи донишҷӯён” (муаллифон В.Л.Назаренко ва Ю. П. Строков).

Тести «Муайян кардани қобилиятҳои тарбияи фарзанд ва ҳаёти оилавӣ» (муаллиф В.И.Чередниченко).

«Т» - маълумотҳо (аз «objective test data»). Дар натиҷаи ченкунии объективии рафтор (шифоҳӣ, ғайришифоҳӣ, иҷтимоӣ, фардӣ) бе муроҷиат ба худбаҳодиҳиҳо ва ё баҳогузории коршиносон ҳосил мегардад. Дар ҳамаи мавридҳо вазъиятҳои хурди махсус барои зоҳирнамоии хусусиятҳои шахсӣ муҳайё карда мешаванд. Объективии «Т»-маълумотҳо ҳангоми риояи талаботҳои асосии зерин дастрас мегарданд.

Ҳамзамон, дар таҳқиқот донишҷӯёне, ки синну солашон то 28 сола буда, на камтар аз се сол зиндагӣ мекунанд, иштирок намуданд. Тадқиқот дар ду муассисаи давлатии таълимӣ – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии Бохтар гузаронида шуд.

Хулоса, дар асоси пурсишномаи гузаронидашуда ва чуноне, ки дар диаграммаҳо оварда шудааст, ҷойи зисти оилаҳои ҷавони донишҷӯён муайян карда шуд ва маълум гардид, ки 59 фоизи оилаҳои донишҷуён аз ноҳияҳои наздик, 31 фисади онҳо дар худи ҳамон шаҳре, ки муассисаи таълимӣ ҷойгир мебошад, аз ҳамон минтақа мебошанд ва 10 фисди ин гуна оилаҳо дар маркази шаҳр истиқомат мекунанд.

Хулосаи ниҳоӣ дар асоси натиҷаҳои аз таҳқиқот ба даст омада дар хулосаи натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ба таври муфассал пешниҳод шудааст.

# ХУЛОСА

## Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар асоси таҳлили асосҳои назариявӣ ва натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада маълум гардид, ки барои устувор нигоҳ доштани оилаҳои ҷавони донишҷӯён, ҳамзамон барпо намудани оилаи солим, ки он дар навбати худ далолаткунандаи ҷомеаи солим ба шумор меравад, аз муҳайё сохтани шароити мусоиди психологию иҷтимоӣ ва ба роҳ мондани барномаҳои махсуси дастгириҳои педагогӣ ва психологию иҷтимоии оилаҳои ҷавони донишҷӯён вобастагии ногусастанӣ дорад. Ба ибораи дигар, таҳқиқоти гузаронидашуда ва таҳлили натиҷаҳои бадастомада исботи ишораҳои болозикр маҳсуб меравtotalа.

Таҳқиқ ва омӯзиши масъалаи мазкур дар оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар муассисаи олии таълимӣ ба мо имкон дод, ки хусусиятҳои ташкил ва татбиқи ёриву дастгирии психологию педагогиро дар шароити воқеияти иҷтимоии муосир дақиқу равшан намоем.

Дар асоси мақсаду вазифаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ мо ташкил ва мундариҷаи дастгирии психологию педагогии оилаҳои донишҷӯёнро дар муассисаи олии таълимӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва таҷрибавӣ дақиқан асоснок намудем. Дар ин аснод, мебояд ишора намуд, ки дар масъалаи мазкур ҳам оилаҳои ҷавони донишҷӯён ва ҳам муассисаи таълимӣ субъектони ҳамкории тарафайн ба шумор меравакнд. Натиҷаҳои бадастомада баҳри ҳалли яке аз масъалаҳои муҳимми на танҳо ҷомеаи муосири Тоҷикистон, балки барои оилаҳои тоҷикони берун аз ватан зиндаги- мекарда низ мувофиқи мақсад ба шумор меравад. Ҳамзамон, ташкили ин гуна ёриву дастгириҳои педагогӣ, психологию иҷтимоӣ ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар муассисаи таълимӣ барои барпо намудани оилаи солим ва устувору пойдор нигоҳ доштани он мусоидат менамояд ва бори дигар таъкид месозем, ки натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада ва таҳлили дар асоси он карда шуда, исботи ин гуфтаҳоро ташкил медиҳанд.

Дар ин замина, метавон чунин нуктаҳои калидиро ба сифати хулосаи ниҳоии рсиола ишора намуд:

1. Оилаи ҷавони донишҷӯ гуфта, оилае дар назар дошта шудааст, ки ҳамсарон дар издивоҷи якҷоя то 5 сол зиндагӣ карда истодаанд, синну соли ҳам зан ва ҳам шавҳар бояд то 28 соларо дар бар гирад ва ҳамзамон, ҷиҳати муҳимми дигараш он аст, ки ҳардуи онҳо, яъне ҳамсарон бояд дар шуъбаи рӯзонаи ҳамон як муассисаи таълимӣ таҳсили илм дошта бошанд. Одатан ишораҳои мазкур, тақрибан ба талабот шабеҳ дорад ва агар ин талабот риоя гарданд, дар ин маврид ин оилаи донишҷӯӣ шуморида мешавад ва баъдан бо хобгоҳи оилавӣ таъмин гардида, масъалаҳои дигари дастгириҳо мавриди баррасӣ қарор мегиранд [1-М, 2-М, 4-М].

Дар асоси гуфтаҳои боло чунин хусусиятҳои хоси оилаҳои ҷавони донишҷӯёнро метавон ишора намуд: дар асоси розигии тарафайн барпо намудани оила, аз нигоҳи психологӣ бо ҳам мувофиқ омадан, дар асоси розигии тарафайн ва ё бо ибораи дигар, дар асоси ҳамдигарфаҳмӣ тақсим намуани ухдадориҳои оилавӣ, омодагии зарурӣ надоштан ҷиҳати барпо намудани оила, надоштани малака ва маҳоратҳои зарурӣ ҷиҳати ҳалли ихтилофҳои оилавӣ, вобастагии молиявӣ аз хешутаборон, хусусан аз волидон, набудани шароити мусоиди зиндагӣ, имкони пайдо карда натавонистани вақти холӣ, пас аз вақти дарсӣ машғул шудан ба кор барои ба даст овардани маблағи муайян ҷиҳати пешбурди фаъолияти оилавӣ ва ғайраҳо [2-М, 3-М, 5-М].

2.Ташкил ва ба роҳ мондани ёрӣ ва дастгириҳои психологию педагогӣ барои барпо намудани оилаи солим ва устувор нигоҳ доштани он мусоидат намуда, дар замони муосир муҳим арзёбӣ мегардад ва ин дастгириҳо аз ҷониби муассисаи таълимӣ метавонад бе ягон мамоният ташкил ва баргузор гардад. Чуноне ки натиҷаҳои тадқиқот нишон дод, барои ҷомеаи солимро таъмин наудан муассисаҳои таълимиро мебояд аз ин гуна дастгириҳо ва хизматрасониҳои психологӣ ба таври бояду шояд истифода баранд [4-М, 5-М, 6-М].

3.Бо хобгоҳ таъмин намудани оилаҳои ҷавони донишҷӯён ва масъалаи ташкилию ҳуқуқӣ масъалаҳои мубрами дигари муносибатҳои оилавиро ташкил медиҳад. Мувофиқи талабот ва қоидаҳои дохилидонишгоҳӣ бояд ҳардуи аъзои оила дар як муассисаи таълимӣ хусусан дар шакли рӯзона таҳсил кунанд, баъдан онҳоро бо хобгоҳ таъмин мекунанд. Тавсияҳои мо дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда чунин мебошад, ки бояд дар вақти донтшҷӯ будани яке аз аъзои оила онҳо бо хобгоҳи оилавӣ таъмин гарданд, зеро онҳо боиси дигар мушкилоти оилавӣ гардида, сабаби коста гардидани муносибатҳои оилавӣ мегарданд. Зеро, қисмати зиёди оилаҳои донишҷӯён бинобар сабаби яке аз аъзои оила будани донишҷӯ ҷудо зиндагӣ мекунад ва ҳатто баъзеи онҳо дар як моҳ як мартиба ба аёдати онҳо мераванд [5-М, 6-М].

4.Дилхоҳ муассисаи таълимӣ барои барпо намудани оилаи солим мусоидат карда метавонад. Бо ибораи дигар, муҳити муассисаи таълимӣ барои донишҷӯён барои барпо наудани оилаи солим шароити заруриро медиҳанд, зеро дар ин айём бо ҳамсари ояндаи худ шинос гардида, муддати муайян онро мушоҳида менамояд, хусусиятҳои мусбат ва манфии онро омӯхта, баъдан худаш хулосабарорӣ мекунад, ки оё бо хусусиятҳои психологии худ метавонад бо ин нафар оила барпо намояд ё ин ки не. Ҳамзамон, оилаи ояндаи худро қаблан дар психикаи худ тасаввур мекунад ва нақшабандӣ мекунад [3-М, 4-М, 6-М].

5.Давраи репродуктивӣ барои барпо намудани оила давраи муҳим арзёбӣ мегардад ва барои устувор ва солим нигоҳ доштани он мусоидат хоҳад намуд. Зеро ин давра ҳам аз нигоҳи тиббӣ ва ҳам психологӣ давраи сензитивӣ барои барпо намудани оила маҳсуб меёбад. Ба ибораи дигар, ҳар як ҷуфт ҳам духтар ва ҳам писар бояд қаблан дар психикаи худ оилаи ояндаи худро тасаввур кунад, дар пешравиҳои шахсӣ, таълимӣ ва оилавӣ нақшҳои худро пешакӣ тарҳрезӣ намоянду дар вазъиятҳои ихтилофӣ ба эмотсияҳои манфӣ дода нашаванд. Ҳамзамон, дар масъалаи тавлиди фарзанд низ бояд пешаки онро дар психикаи худ тарҳрезӣ

намоянд, ки фарзанди ояндаи хешро чӣ гуна мебинанд, кадом муҳит ва кадом усули таълиму тарбияро дар таълиму тарбияи фарзанди худ афзалият мешуморанд [2-М, 4-М].

6.Муҳит ва шароити зист дар муассисаи таълимӣ низ дар муносибатҳои оилавии оилаҳои ҷавони донишҷӯён таъсиррасон буда, он барои зиндагии ояндаи онҳо аҳамияти калон дорад. Тавре баррасӣ гардид, бештари оилаҳои ҷавони донишҷӯён бинобар сабаби набудани шароити мусоид муваққатан аз тавлиди фарзанд даст кашидаанд ва ё дар мадди аввал соҳиби як фарзанд гардида, тавлиди фарзандони дигари худро то фароҳам омадани шароити мусоид ба таъхир гузоштаанд. Ин далолаткунандаи он аст, ки дар шароити муосир муҳит ва шароити мусоид ба ҳолати демографии ҷумҳурӣ таъсири хешро мерасонад, зеро анъанаҳои миллии мо бисёрфарзандиро қобили қабул медонанд, аммо оилаҳои ҷавони имрӯза биносбар сабаби набудани шароити мусоид то як ва ду фарзандро қобили қабул доранду халос [2-М, 3-М].

7. Муоширати созандаро ба роҳ монда тавонистан дар муносибатҳои оилавӣ боиси солимии оила ва бартараф намудани ихтилоф ва мушкилоти психологӣ мегардад. Маънои дигари масъалаи мазкур он аст, ки аз нигоҳи илми психология бояд ҳар як аъзои оила тавонад мушкилоти баамаломадаро бо ҳамсари худ баён кунад, дар раванди муошират танқисӣ накашад ва озодона бо ҳамсари худ муошират намояд. Фисади бештари мушкилот ва ихтилофҳои оилавие, ки дар оилаҳои ҷавони донишҷӯён сар мезананд, чуноне натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ин байни ҳамсарон ба роҳ монда натавонистани муоширати созандаи тарафайн мебошад [2-М, 3-М, 4-М, 5-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО:

Оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ чунин тавсияҳо пешниҳод мешаванд:

1. Ташкили барномаҳои давлатӣ ва маҳаллии дастгирии психологӣ. Барномаҳои махсуси дастгирии психологӣ ва педагогӣ барои оилаҳои

ҷавони донишҷӯён таҳия ва амалӣ карда шаванд, то ки ин ба онҳо дар барпо намудани оилаи солим ва устувор кумак расонад;

2. Мусаллам аст, ки аксарияти донишҷӯён дар давраи таълим хонадор мешаванд ва бо сабаби набудани шароити мусоид аксари онҳо, махсусан духтарон, хонданро идома дода наметавонанд. Аз ин рӯ, ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои зиндагии оилавӣ, аз ҷумла хобгоҳҳои оилавӣ ва дастрасии молиявӣ барои муассисаҳои таълимӣ зарурат пайдо шудааст;

3. Таълим дар соҳаи муносибатҳои оилавӣ. Ташкили курсҳои омӯзишӣ оид ба муносибатҳои оилавӣ ва малакаҳои муошират барои оилаҳои ҷавон, то ки онҳо бо усулҳои самараноки ҳалли ихтилофҳо шинос шаванд;

4. Ташкили гурӯҳҳои дастгирӣ. Ташкили гурӯҳҳои дастгирии оилавӣ барои мубодилаи таҷриба ва маълумот байни оилаҳои ҷавон ба манфиати кор аст;

5. Таъмини дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ. Вобаста ба имконият давра ба давра ташкили шароит барои хизматрасониҳои тиббӣ ва психологӣ ба оилаҳои ҷавон мубрам арзёбӣ мегардад;

6. Ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ барои оилаҳои ҷавон, то ки онҳо бо ҳам пайваст шаванд ва муҳити мусоид барои рушди оилаҳоро фароҳам оранд;

7. Таъмини дастрасӣ ба маълумот дар бораи ҳуқуқи оилавӣ. Оилаҳои ҷавон бояд дар бораи ҳуқуқҳои худ ва имконияти дастгирии ҳуқуқӣ маълумот гиранд, то ки дар ҳолатҳои зарурӣ донанд чӣ амале анҷом диҳанд;

8. Тавассусти ташкили суҳбату вохӯриҳо, озмунҳо ва дигар ҷорабиниҳои оммавӣ метавон ба муошироти созанда байни ҳамсарон таҳким бахшид, ки барои бартараф намудани ихтилофҳо, мушкилот ва беҳтар шудани муносибатҳои оилавӣ воситаи хубест;

9. Корро бояд тавре ташкил намоем, ки оилаҳои ҷавон мунтазам барои рушди шахсӣ ва касбӣ имконияти бештар дошта бошанд, то ки онҳо оилаи худро солим нигоҳ дошта тавонанд;

Дар маҷмуъ, масъалаи инкишоф додани оилаҳои ҷавон ва устувории онҳо вазифаи муҳимме мебошад, ки саъю кӯшиши муштараки муассисаҳои таълимӣ, падару модарон ва тамоми ҷомеаро тақозо мекунад.

## ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ


1. Абрамова, Г.С. Возрастная психология [Текст] / Г.С. Абрамова. – М., 2001. – 704с.

2. Азарова, Е.А. Проблема гендерных стереотипов в моральном сознании: дис. канд. фил. наук [Текст] / Е.А. Азарова. – М., 2000. – 130 с.

3. Айсмантос, Б.Б. Теория обучения: Таблицы, схемы, опорные конспекты: Учебное пособ [Текст] / Б.Б. Айсмантос. – М., 2003. – 224с.

4. Александров, Г.Н. Иванкова Н.И. Педагогические системы, педагогические процессы и педагогические технологии в современном педагогическом знании [Текст] / Г.Н. Александров // Образовательные технологии. – 2000. – №3.

5. Аллат, П. Конфигурации труда в семье: молодежь, семья и работа в период экономических и социальных перемен [Текст] / П. Аллат // Молодежь в условиях социально-экономических реформ: Материалы междунар. науч.-практ. конф. (26-28 сент. 1995 г). Вып. 1. – СПб., 1995. – С. 125-126.

6. Ананьев, Б.Г. К психофизиологии студенческого возраста [Текст] / Б.Г. Ананьев // Современные психолого-педагогические проблемы высшей школы / Под ред. Б.Г. Ананьева, Н.В. Кузьминой. — Вып. 2. – Л.: ЛГУ, 1974. – С. 3-15.

7. Андреева, Т.В. Семейная психология: учеб. пособие [Текст] / Т.В. Андреева. – СПб.: Речь, 2004. – 244 с.

8. Антонов, А.И. Микросоциология семьи (методология структур и процессов). Учебное пособие для вузов [Текст] / А.И. Антонов. – М.: Издательский Дом «NOTA BENE», 1998.

9. Антонов, А.И. Судьба семьи в России 21 века [Текст] / А.И. Антонов, С.А. Сорокин. – М.: Издательский дом «Грааль», 2000. – 416 с.

10. Арабов, И. ва диг. Омӯзиши курси этика ва психологияи ҳаёти оилавӣ [Матн] / И. Арабов, М. Назруллоева, Т. Мустафоқулов. – Душанбе, 1991. – С. 55.

11. Аристова, Н.Г. Представления молодежи добрачного возраста о сексуальных отношениях и их последствиях [Текст] / Н.Г. Аристова // Семья в представлениях современного человека. – М., 1990. - С.7-11.

12. Бабушкина, Г. Что хранится в карманах детей [Текст] / Г. Бабушкина // Детский сад со всех сторон. – 2004. – №15-16.

13. Барашкова, А.С. Жилищные проблемы молодых семей Севера [Текст] / А.С. Барашкова // Соц. исслед. – 1994. - №7. – С.115-119.

14. Баскаков, В.Ю. Свободное тело / В.Ю. Басаков. – М., 2004.

15. Басов, А.В. К вопросу о предмете социальной педагогики [Текст] / А.В. Басов // Теория и практика социальной работы: отечественный и зарубежный опыт. Т.1. – Москва-Тула, 1993. – С.72-73.

16. Беляева, М.А. Репродуктивное поведение человека Текст] / М.А. Беляева. – Екатеринбург, УрГПУ, 2010.

17. Бене, Е. Детский тест Диагностика эмоциональных отношений в семье [Текст] / Е. Бене // Семейная психология и семейная терапия. – 1999. - №2. – С. 14-41.

18. Берн, Э. Игры, в которые играют люди. Люди, которые играют в игры [Текст] / Э. Берн. – СПб, 1998. – 399с.

19. Бойко, В.В. Трудные характеры подростков. Развитие, выявление, помощь [Текст] / В.В. Бойко. – СПб, 2003. – 126 с.

20. Большакова, В.М. Теоретические основы становления профессионально-педагогической деятельности у студентов педвузов. Автореф. д-рапед. Наук [Текст] / В.М. Большакова. – Екатеригбург, 1998.

21. Бочарова, В. Педагогика социальной работы [Текст] / Бочарова – М.: SUP «Аргус», 1994.

22. Братусь, Б.С. К проблеме человека в психологии [Текст] / Б.С. Братусь Б.С. // Вопросы психологии. – 1997. – № 5.

23. Братусь, Б.С. Опыт обоснования гуманитарной психологии [Текст] / Б.С. Братусь // Вопросы психологии. – 1990. – № 6.

24. Бриджер, С. Молодые женщины и перестройка[Текст] / С. Бриджер// Молодежь России на рубеже 90-х гг. Кн.2. – М., 1992. – С. 205-219.

25. Бруменская, Г.В. Возрастно – психологическое консультирование. Проблемы психического развития детей [Текст] / Г.В.Бруменская, О.А. Карабанова, А.Г. Лидерс. – М., 1991. – 300с.

26. Буянов, М.И. Ребенок из неблагополучной семьи: Записки детского психиатара [Текст] / М.И. Буянов. – М., 1988.

27. Бэндлер, Р., Гриндер Д., Сатир В. Семейная терапия [Текст] / Р. Бэндлер, Д. Гриндер, В. Сатир. – Воронеж, 1993. – 320с.

28. Варга А.Я. Системная семейная психотерапия. Курс лекций [Текст] / А.Я. Варга. – СПб, 2001.

29. Васильев, В.К. Психология и педагогика [Текст] // Составитель и отв. редактор А.А. Радугин, научный редактор Е.А. Кротков. – М.: Центр, 1996.

30. Василькова, Ю.В. Методика и опыт работы социального педагога: Учебное пособие для студентов высших учебных заведений [Текст] / Ю.В. Василькова. – М., 2001.

31. Вачков, И. Основы технологии группового тренинга. Психотехники [Текст] / Вачков И. – М., 2000.

32. Велента, Т.Ф. Проблема психологической зависимости супругов от их родителей [Текст] / Т.Ф. Велента // Журнал практического психолога. – М., 2005. – №5. – С. 15–18.

33. Верб М.С. Проблема оптимизации взаимоотношений молодых супругов с родителями [Текст] / М.С. Верб // Молодая семья и реализация активной социальной политики в регионе. – Свердловск, 1990. – С.119-124.

34. Вербицкий, А.А. Активное обучение в высшей школе: контекстный подход [Текст] / А.А. Вербицкий. – М.: Высшая школа, 1991. – 204 с.

35. Витакер, К. Полночные размышления семейного терапевта / К. Витакер. – М., 1998. – 288с.

36. Витакер, К., Бамберри В. Танцы с семьей [Текст] / К. Витакер, В. Бамберри. – М., 1997. – 284с.

37. Вопилова С.Ф. Организационно-педагогические основы формирования социально-психологической самозащиты подростков в социально-культурной сфере: автореф. Дис. … канд. пед. наук: 13.00.05 [Текст] / С.Ф. Вопилова. – Моск. гос. Ун-т культуры и искусств. – М., 2000. – 21 с.

38. Вульфов, Б.З. Социальная педагогика и процесс формирования личности [Текст] / Б.З. Вульфов // Теория и практика социальной работы: отечественный и зарубежный опыт. Т. 1. – Москва-Тула, 1993. – С. 59-69.

39. Выгодский, Л.С. Педагогическая психология [Текст] / Л.С. Выгодский. – М.: Педагогика, 1991. – 479 с.

40. Выготский, Л.С. Психология развития ребенка: Учебное пособие [Текст] / Л.С. Выготский - М.: Академия 2006. 512с.

41. Гаспарян, Ю.А. Семья на пороге 21 века [Текст] / Ю.А. Гаспарян; под ред. К.Н. Хабибулина. – М.: Петрополис, 1999. – 320 с.

42. Гиппенрейтер Ю.Б. Общаться с ребенком. Как? [Текст] / Ю.Б. Гиппенрейтер. – М., Сфера, 2005.

43. Гноевая, О. Н Проблемы становления готовности к семейной жизни у современной молодежи [Текст] / Гноевая О. Н. // Школа Камчатки: психолого–педагогические проблемы становления и развития: Бушелевские чтения: сб. статей. - Петропавловск-Камчатский: КГПУ, 2004. - С. 213-222 (0,4 п. л.). Дружинин В. Н. Психология семьи. М.: КСП, 1996.

44. Голагузова, М.Н. Социальная педагогика [Текст] / Голагузова. – М.,1999. – С.106.

45. Головей, Л. А., Рыбалко Е.Ф. Практикум по возрастной психологии [Текст] / Л.А. Головей, Е.Ф. Рыбалко. – СПб., 2001.

46. Голод, С. И. Семья и брак: историко-социологический анализ [Текст] / С. И. Голод. – СПб.: ТОО ТК «Пирополис», 1998. – С. 111.

47. Голод, С.И. Личная жизнь: любовь, отношения полов [Текст] / С.И. Голод. – Л., 1990.

48. Гончарова, Т. Неблагополучные семьи и работа с ними [Текст] / Т. Гончарова, // Народное образование. – 2002. – №6.

49. Гордон, Т.Р. Повышение родительской эффективности [Текст] / Т.Р. Гордон. – Екатеренбург: АРД ЛТД, 1997. – 150 с.

50. Горева, Л.В. Социально-культурные условия развития творческой активности детей в процессе этнохудожественной деятельности: автореф. Дис. … канд. пед. наук: 13.00.05 [Текст] / Горева Л.В., Тамбов. Гос. Ун-т им. Г.Р. Державина. – Тамбов, 2001. – 26 с.

51. Горшков, М.К. Молодежь новой России: ценностные приоритеты [Текст] / М.К. Горшков, Э.Ф. Шереги. - М: Институт социологии РАН, 2010. – 592с.

52. Гребенников, И. В. Основы семейной жизни [Текст] / И. В. Гребенников. – Москва: Просвещение, 1991. – 157 с.

53. Гребенников, И.В. Воспитательный климат семьи [Текст] / И.В. Гребенников. - М., 1976. – 40с.

54. Григорьева, Т.Г., Усольцева Т.П. Основы конструктивного общения. Хрестоматия, [Текст] / Т.Г. Григорьева, Усольцева. – М., Совершенство, 1997.

55. Грэй, Дж. Дети с небес. Искусство позитивного воспитания. Как развить в ребёнке дух сотрудничества, отзывчивость и уверенность в себе [Текст] / Дж. Грэй. – М., ИД София, 2004.

56. Гришина, Н.В. Психология конфликта. 2-е изд [Текст] / Н.В.Гришина. – СПб.: Питер, 2008. – 544 с.

57. Гукаленко, О.В. Воспитание в современной России [Текст] / О.В. Гукаленко // Педагогика. – 2005. - №10. – С. 3-17.

58. Гуров, В.Н., Селюкова Л.Я. Социализация личности: социальный педагог, семья и школа: Учебное пособие [Текст] / В.Н. Гуров. – Ставрополь, 1993.

59. Гурьянова, М. П., Ермоленко Г. Социальная педагогика в «Орленке» [Текст] / М. П. Гурьянова, Г. Ермоленко // Социальная работа, 1993. №1 (4). – С. 37-44.

60. Давлатов, М. Семья и брак: историко-социологический анализ [Текст] / М. Давлатов М. – СПб.: ТОО ТК «Перополис», 1998. – С.208.

61. Давлатов, М.Т., Расулов С.Х. Психологияи мактаби олӣ. Китоби дарсӣ [Матн] / М.Т. Давлатов, С.Х. Расулов. – Душанбе: Эр-граф. – 2019. – 288 с.

62. Дальто, Ф. На стороне ребенка [Текст] / Ф. Дальто. – Екатеринбург, У-Фактория, 2005.

63. Дармодехин С.В. Семья как объект государственной политики [Текст] / С.В. Дармодехин. – М., 1998. – 206 с.

64. Дементьева, И.Ф. Первые годы брака: Проблемы становления молодой семьи [Текст] / И.Ф. Дементьева // Ин-т социологии АН СССР. - М.: Наука, 1991. - 111 с.: граф. - (Вопр. демографии).

65. Демиденко, Э.С. Социальная педагогика: интеграция педагогики с социологией [Текст] / Э.С. Демиденко // Теория и практика социальной работы: отечественный и зарубежный опыт. Т. 1.. – Москва-Тула, 1993. – С. 49-58.

66. Демьянов , Ю. Г. Основы психопрофилактики и психотерапии [Текст] / Ю.Г. Демьянов. – СПб., 1999. – 224с.

67. Денисов, С.Б. Социально-демографическая характеристика студенческой семьи в МГПИ им. Евсевьева [Текст] / С.Б. Денисов // Гуманит. науки и образование: пробл. и перспективы. – Саранск, 1997. – С.305-307.

68. Денисов, С.Б. Социология студенческой семьи: На примере исследования, проведенного в Мордовском университете [Текст] / С.Б. Денисов // Вестн. Морд. ун-та. – Саранск, 1996. - №4. – С.24-27.

69. Денисова, Е.Н. Проект «Основы семейной жизни» [Текст] / Е.Н. Денисова // Сацыяльна-педагагічная работа. – 2010. - №1. – С. 23-27.

70. Джайнотт Х. Родители и дети [Текст] / Х. Джайнотт // Знание. – 1996. - №4. – С. 17-29.

